ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*ВБД- 336.71*
*ТКБ- 65.9(2)26*
*Ш-32*

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАРИПОВ НЕКРӮЗ ГАДОМАДОВИЧ**

# ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ (ДАР МИСОЛИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯйи ихтисоси 5.2.17– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Роҳбари илмӣ:**

**д.и.и., дотсент Досиев М. Н.**

**Душанбе-2026**

## МУНДАРИҶА


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................ 3**
**МУҚАДДИМА.......................................................................................... 4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ «ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ...... 15**
1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва нақши он дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ...................................................... 15
1.2. Асосҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои арзёбии он дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ.......................................................................................... 29
1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ.......................................................................................... 44
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ.......................... 61**
2.1. Ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ......................................................................................... 61
2.2. Арзёбии ҳолати кунунии ташкилотҳои қарзии хурд ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ......................................................................................... 78
2.3. Омилҳои таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир......................................... 94
**БОБИ 3. ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ............................................................... 109**
3.1. Такмили самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ва нақши БМТ дар он....................................................................... 109
3.2. Татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ............................ 122
3.3. Такмили механизмҳои асосии идоракунии бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ.......... 134
**ХУЛОСА.................................................................................................. 147**
**ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.............................................................................................. 150**
**РӮИХАТИ АДАБИЁТ........................................................................ 152**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.......................................................................... 176**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ББТР**- Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Рушд

**БМТ**-Бонки миллии Тоҷикистон

**БМР- 2021-2025-** Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

**ИДМ**- Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА**- Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС**- Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**КОА**-Комиссияи олии аттестатсионӣ

**МХБ**- Маркази хизматрасониҳои бонкӣ

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**СМР**-2030– Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**ТАҚХ**- Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ -**Ташкилотҳои қарзӣ

**ҶСК**- Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП**- Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶТ**-Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶМЧ-** Ҷумҳурии Мардумии Чин

**ҶДММ**-Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**CRM** (Customer Relationship Management, идоракунии муносибат бо муштариён)

**ROA** (Return On Assets) -Даромаднокии дороиҳо

**ROE** (Return on Equity) -Даромаднокии сармояи худӣ

**NIM** ( Net Interest Margin) -Даромади фоизии холис

**млн сомонӣ - миллион сомонӣ**

**ниг.**-нигаред

**ғ.-**ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ зарурати навсозӣ ва таҷдиди сохтори тамоми бахшҳои иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла навсозии бозори хизматрасонии бонкиро ба амал овард. Аз ин лиҳоз, дар солҳои истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамгироии муносибатҳои бозорӣ ва равандҳои бозорӣ, дар иқтисодиёт васеъ истифода бурдани хизматрасониҳои муосири бонкӣ ва бо ин васила рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин карда мешавад, аҳаммияти бештар касб намудааст.

Мусаллам аст, ки яке аз омилҳои калидии низоми муосири иқтисодии мамлакат дар асоси ҳамоҳангсозии рушди бозори хизматрасонии бонкӣ бо самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба шумор меравад. Вобаста ба талаботи мунтазам афзуншаванда ба хизматрасониҳои бонкӣ, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои бонкӣ, инчунин кам кардани шумораи амалиёти хавфнок, азнавсозӣ ва ислоҳоти мукаммалро дар раванди фаъолияти бонкӣ талаб менамояд. Инчунин, тағйироти сохторӣ дар бозори хизматрасонии бонкӣ бо назардошти сатҳи талаботи аҳолӣ баҳодиҳии аслӣ ва муайян намудани усулҳои имконпазири мутақобилан судмандро бо мақсади рушди иқтисодиёт талаб менамояд.

Вазъи имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар самти хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиёт бо кортҳои пардохтӣ, амалиёти қарзӣ ва ғайра дар натиҷаи мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасонии бонкӣ ба вуҷуд омадааст, зарур будани гузаронидани тадқиқоти илмии минбаъдаро муайян кардааст.

Чуноне ки дар зербоби 5.3, бахши молиявии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) қайд гардидааст: «Бахши молиявии Тоҷикистон дар соли 2030 – низоми муосири босуръат афзоишёбандаи муассисаҳои молиявии рақобатпазир, ки дорои қобилияти пешниҳод намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти мухталифи босифат ва инноватсионии молиявӣ ба истеъмолкунандагон мебошад ва шароитҳои

мусоид барои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ фароҳам оварда, ба таъсири таконҳои беруна устувор мебошад» [11].

Татбиқи тадбирҳои дар СМР-2030 пешбинигардида имкон медиҳад, ки «рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ бо назардошти либерализатсияи бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар доираи уҳдадориҳои СУС баланд бардошта шуда, молиякунонии умумии иқтисодиёти миллӣ то 55-70 фоизи ҳиссаи ММД, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши ҳиссаи қарзҳои бонкӣ то 40-50 фоизи ҳиссаи ММД таъмин мегардад» [11].

Инчунин, дар боби 5 зербоби 7-уми Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 чунин дарҷ гардидааст: «..дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз низоми бонкӣ бартарӣ дошта, зиёда аз 96 фоизи дороиҳои молиявӣ ба он рост меояд. Бо мақсади арзёбии мунтазами суботи макроиқтисодию молиявии кишвар, баррасии хавфҳои маҷмуии низоми молиявӣ ва андешидани тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати таъмини устувории низоми молиявӣ Шурои миллии суботи молиявӣ фаъолият менамояд» [1]. Ҳамзамон, бо дарназардошти мубрам будани низоми бонкӣ ва нақши муассири онҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат «Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020» таҳия ва татбиқ гардид. Дар идомаи барномаи мазкур қайд гардидааст, ки: «...Солҳои охир истифодаи васеи воситаҳои хизматрасонӣ ва технологияҳои муосири пардохт, аз ҷумла бонкдории мобилӣ, интернет-банкинг, QR-кодҳо ва интиқоли электронии маблағҳо дастрасиро ба хизматрасониҳои бонкӣ беҳтар кардааст» [10], ки андешаҳои мазкур мубрамияти мавзуъро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ возеҳтар мегардонад.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши нокифоя оид ба раванди баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан, ташкилотҳои қарзӣ, дар сатҳи зарурӣ таҳия нашудани принсипҳо ва усулҳои меъёрию методологии татбиқи хизматрасониҳои бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар мубрамияти мавзуъро возеҳтар месозад.

Мавзуи интихобшудаи диссертатсияи илмӣ, ки ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ бахшида шудааст, хеле муҳим дониста мешавад. Аҳаммияти иловагии таҳқиқот аз зарурати ҳалли як қатор масъалаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бо дарназардошти хусусиятҳои он ҳамчун омили татбиқкунандаи принсипҳои иқтисоди рақамӣ ва бо ин васила беҳтар намудани вазъи воқеии иқтисодию иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад. Зеро ҳангоми баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар хубтар гардида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва давлат таъмин мегардад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун раванди нав дар шароити имрӯза аз тарафи олимону муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимони тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ҷумла Абдуллоев А. Б. [115], Ашуров Ғ. Д [55], Ашуров Н. [56], Бердиев, Р. Б. [112], Ғаниев Р. Г. [197], Ғаюров Ғ. Ҳ. [134], Досиев М. Н. [199], Имомализода Б. Б. [203], Мирзоев С.С. [176], Саидмуродов Л. Ҳ. [173], Сайфуллозода С. [212], Улуғхоҷаева Х. Р. [176], Умаров Ҳ. У. [177], Хайрзода Ш. Қ. [213], Холаҳмади С. [115], Холматов М. М. [179], Ҳаёев Қ. А. [181], Ҷабборов А. [115],Ҷӯраев Б. М. [116], Ш. Раҳимзода [93], Шарипов Б. М.[214] ва дигарон таҳлилҳо дар ин масъала гузаронида, дар мақолаҳо ва дигар таҳқиқотҳои илмию оммавӣ натиҷаи онро ба нашр расонидаанд.

Оид ба низоми бонкӣ ва хизматрасониҳои муосири бонкӣ аксари олимони машҳури илми иқтисодӣ ҳамчун категорияи рушди иқтисодӣ таҳлилҳо гузаронидаанд, ба монанди А. Эгноватов, А. Р. Алшина, Р. А. Кох, С. Питер, И. Г. Балабанов, П. Самуэлсон, М. А. Пессел, Н. И. Валентсева, В. Е Черкасов, И. Д. Мамонова, Ю. С. Масленченков, Г. С. Панова, В. Т. Севрук, Н. Э. Соколинская, Э. А. Уткин, Ж. Матук ва дигарон мебошанд. Ба ташаккули

низоми бонкӣ ва рушди ташкилотҳои қарзӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ асарҳои Коробова Г. Г., Ефимова Л. Г., Евтянова Д. В., Крюкова А. А., Киселевич Ю. В., Котов А. В. ва дигарон бахшида шудаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ дар осори илмии олимони Русия ба монанди Е. Е. Хорошилов, Ю. В. Савушкина, М. В. Журавлёв, Л. С. Бадак, Ю. С. Кудашева, Н. П. Казаренкова, Д. В. Бахтин, Т. С. Петришева, А. М. Шапошников, В. С. Краюшкин, Е. А. Шевченко, Л. В. Казарова, К. И. Стетс ва дигарон мушоҳида карда шуданд.

Интихоби мавзуъ ва ҳадафи рисолаи илмии мазкур ба зарурати инкишофи хизматрасониҳои бонкӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ асос меёбад.

Бо дарназардошти амиқии таҳқиқотҳои илмӣ, як қатор масоили назариявӣ ва амалӣ, вобаста ба фаъолияти рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, инчунин, нақши онҳо дар рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ таҳқиқи пурраи худро наёфтааст. Дар марҳилаи кунунии рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат ва даврони истиқлоли давлатӣ , аз ҷумла бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, такмил ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, ки солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидааст ва бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ зарурати ҳалли мушкилоти зикргардида ба миён меояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқ намудани масъалаҳои мазкур, муайян намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо, инчунин, зарурӣ будани дарёфти усулҳои такмили механизми хизматрасониҳои бонкӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ боиси интихоби мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои он гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМР) барои солҳои 2021-2025, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», дастурамали БМТ №192 «Дар бораи тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ - фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дастурамали БМТ №168 «Дар бораи тартиби истифодаи асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон», дастурамали БМТ №175 «Оид ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии мавқеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби онҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ» инчунин, бо маълумоти ташкилотҳои қарзӣ, алоқамандӣ дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва муайян намудани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ, инчунин, таҳияи тавсияву пешниҳодҳо оид ба рушди ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосир ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади дар таҳқиқоти илмӣ гузошташуда вазифаҳои зерин таҳия ва ҳал карда шуданд:

- таҳқиқи илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, инчунин, муайян намудани нақши он дар рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ;
- баррасии мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти арзёбии таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;
- арзёбии вазъи кунунии бонкҳои тиҷоратии мамлакат дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва муайян намудани омилҳое, ки ба сатҳу

сифати онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ таъсир мерасонанд, инчунин, муайян намудани механизмҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамӣ;

- баҳодиҳии татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ.

**Объекти таҳқиқот** фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти рақамӣ интихоб шудааст.

**Мавзуи таҳқиқот.** Ба сифати **предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкилие баромад мекунанд, ки аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ба вуҷуд омада, дар кишвар самаранокии равандҳои иқтисодиро таъмин менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани баланд гардидани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии он бо роҳҳои муайянкунии омилҳои асосии асарбахш ба рушди низоми бонкӣ таъсир расонида, истифодаи таҷрибаи мамолики мутараққии хориҷӣ дар самти бонкдорӣ самаранок истифода бурда мешавад. Инчунин, баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун унсури асосии рушди иқтисоди рақамӣ дар кишвар тавассути такмили танзим ва дастгирии давлатии низоми бонкӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ амалӣ гардидан имконпазир мегардад.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** маҷмуи консепсияҳо ва қонуниятҳо, мафҳумҳои назариявӣ, равишҳои бунёдӣ ва амалӣ, воситаҳои таҳқиқоти методологӣ, инчунин усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотро дар бар мегиранд. Онҳо барои таҳқиқоти илмӣ, таҳлил, таҳия ва асосноккунии

тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ асос мебошанд.

**Усулҳои таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси истифодаи умумияти илмӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ ва пешниҳоди гипотеза ва усулҳои ташхис гузаронида шуд. Аз ҷумла, усулҳои омӯзиши омилҳо, иқтисодӣ-риёзӣ ва иҷтимоӣ барои муайян намудани хусусиятҳои рушди фаъолияти бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот Паёмҳои солона ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳҳои гуногун вобаста ба муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти иқтисодии гуногун, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, маводи сомонаҳои расмии бонкҳои тиҷортӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳои интернетӣ истифода шудаанд.

**Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** асарҳои олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил додаанд, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди фаъолияти бонкӣ ва хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзиро ошкор намудаанд. Дар рафти таҳқиқот асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ оид ба рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо, интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2022-2025 иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар муайян намудани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ иборат буда, дар асосноккунии муқаррароти назариявию методологииислоҳоти низоми бонкӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муфид ва муҳимми таҳқиқот, ки навовариҳои илмиро возеҳ намуда, мазмуну муҳтавои рисоларо ошкор мекунанд, инҳоянд:

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

1. Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии мафҳуми иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун омили асосии рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудааст. Муаллиф принсипҳо ва усулҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян намуда, таъсири мусбии онро ба рушди фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ, иқтисоди миллӣ нишон додааст.

2. Мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти арзёбии таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф мафҳуми ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар асоси омӯзиши илмҳои назариявии муҳаққиқон ҳамчун унсури фаъоли татбиқи иқтисодиёти рақамӣ муфассал шарҳ додааст.

3. Таҳлили ҳолати муосири бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ амалӣ гардонида шудааст. Ҳамзамон, омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати амалиёти бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардида, инчунин, такмили механизмҳои ташкилию

иқтисодии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамӣ ошкор карда шудааст.

4. Дар диссертатсия татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия гардидааст. Муаллиф ҳамчунин, мукаммал намудани нақши инноватсияҳои бонкиро, ки дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муфид арзёбӣ мегардад, пешниҳод намудааст. Инчунин, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақоатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ҷанбаҳои назариявии мафҳуми иқтисодёти рақамӣ таҳқиқ карда шуда, он барои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун унсури асосии рушд муайян карда шудааст;

2. Бо дарназардошти арзёбии таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

3. Таҳлили ҳолати муосири бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ амалӣ гардида, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамӣ асоснок карда шудааст;

4. Нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалсозии раванди бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан, ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ

истифода шуда метавонанд. Муқаррарот ва пешниҳодоти диссертатсияро ҳангоми такмили танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, татбиқ намудани принсипҳои иқтисодиёти рақамӣ истифода намудан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки имконияти истифода бурдани натиҷаҳои илмии бадастомада аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан ташкилотҳои қарзӣ, ҳангоми коркард, таҳия ва қабули  санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сиёсати бонкдории кишвар дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ,  инчунин, истифодаи маводди таҳқиқот дар ҷараёни машғулиятҳои лексионӣ муфид арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ б**о гузаронидани таҷрибаҳо, таҳлилҳо, ҷамъоварӣ намудани ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқотӣ дар рафти иҷрои таҳқиқот, баррасӣ ва коркарди нишондиҳандаҳои омории натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин дар сатҳи зарурӣ баровардани интишорот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфта, манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, бандҳои: 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.6. Рақобати байнибонкӣ; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои самаранокгардонии сандуқ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти

илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснок шуда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳқиқ намудем, анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва тавсияҳои асосии дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда таҳия гардида, дар фаъолияти амалии Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи “Нақш ва таъсири қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”, (соли 2025), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Қарзи бонкӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»” (соли 2025), Нақши инноватсияҳои бонкӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ (соли 2025), инчунин, дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баррасӣ ва тасдиқ шудаанд. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ, ҳамоишҳо ва семинарҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси донишҷӯён аз рӯйи

фанҳои “Молия ва қарз”, “Пул, қарз, бонк”, “Маблағгузории хурд”, “Фаъолияти бонкӣ” ва ғайраҳо истифода намудан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақриздиҳанда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар 178 саҳифаи чопи компютерӣ иншо шуда, 22 ҷадвалу 18 расм дорад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 214 номгӯйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ «ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

## 1.1 Ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва нақши он дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии байналмилалӣ самаранок истифода бурдани иқтисоди рақамӣ ҳамчун як лоиҳаи беназир амри зарурӣ ва муфид арзёбӣ карда мешавад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар шароити кунунӣ иттилооти ба тариқи рақамӣ пешниҳодгардида хушсифат ва сари вақт дастраси истифодабарандагони дохилӣ ва беруна мегардад, ки самаранок истифода бурдани вақт ва шаффоф будани маълумотро дар ҷараёни фаъолияти тамоми соҳаҳо таъмин намуда, монеи амалҳое, ки хусусияти коррупсионӣ доранд, гашта метавонад.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои назаррасеро анҷом дода истодааст. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда марҳила ба марҳила раванди татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар амалӣ гардида истодааст. Ин иқдом аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки рӯзи 28-уми декабри соли 2024 ироа гардид, суръати тоза касб намуд. Аз ҷумла Сарвари давлат таъкид намуданд, ки «...вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамоти алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо фароҳамсозии асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд» [8].

Ҳамзамон, Сарвари давлат бо мақсади суръат бахшидани равандаҳи инноватсионӣ ва бештару самаранок истифода бурдани технологияи рақамӣ пешниҳод намуданд, ки «...солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуда, ҳамзамон бо ин, дар низоми таълимии

муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад» [8].

Вобаста ба ин, зарур аст, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил дода шуда, дар самти истифодаи технологияи муосири рақамӣ тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, рушди зерсохтори технологияи рақамӣ, инчунин, бо мақсади баланд бардоштани маърифати истифодабарии он тадбирҳои саривақтӣ ва ҷиддӣ андешида шавад.

Ба андешаи мо, истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар соҳаи бонкдории кишвар роиҷ гардидааст, вале ҳоло ҳам ба такмил ниёз дорад. Мусаллам аст, ки дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ аҳаммияти хосса касб намуда, метавонад раванди татбиқи онро дар байни шаҳрвандон ва тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин намоянд.

Дар натиҷаи омӯзиш муайян гардид, ки як қатор омилҳое вуҷуд доранд, ки раванди ташкил ва рушди иқтисодиёти рақамиро коҳиш медиҳанд. Аз ҷумла, шаҳрвандон, махсусан, кормандони соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ иттилооти кофӣ ва дарки ҳамаҷонибаи техника ва технологияи инноватсиониро надоранд. Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки дар ин самт маърифати молиявии шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони тамоми соҳаҳо, махсусан, хизматчиёни давалатӣ бояд такмил дода шавад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки татбиқи иқтисоди рақамӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ амри зарурӣ буда, метавонад мавқеи онро дар бозори молиявӣ баланд бардорад. Инчунин, рақобатпазирии бонкро дар дохил ва хориҷи кишвар таъмин менамояд.

Вобаста ба муҳиммияти иқтисодиёти рақамӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мо асосҳои назариявӣ ва методологии рушди онро омӯхта, аҳаммиятнокӣ ва роҳҳои афзоиши техноллогияи муосирро дар расми 1.1 пешниҳод намудем:




**Расми 1.1 Аҳаммиятнокии иқтисодиёти рақамӣ ва роҳҳои афзоиши он**

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [137].

Бо дарназардошти ин, мо амсилаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамиро дар расми 1.2 пешниҳод намудаем, ки метавонад дар раванди татбиқи он таъсири мусбат дошта бошад.




**Расми 1. 2 Амсилаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ**
**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [137].

Аз маълумотҳои пешниҳодгардида муайян мегардад, ки дар ҳолати бо мақсади ворид намудани технологияи навтарини рақамӣ афзоиш додани манбаҳои сармоягузорӣ рушди босуботи иқтисодиёт, баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ , инчунин, рушди мунтазами иқтисодиёти рақамӣ, аз ҷумла дар бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ таъмин гардида, амалиётҳои молиявӣ хушсифат ва сари вақт анҷом дода мешавад. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки содир шудани амалҳои коррупсионӣ коҳиш дода мешавад. Бо дарназардошти ин, месазад зикр намуд, ки бо мурури замон ва пешрафти босуръати илму техника бо истифода аз воситаҳои махсуси низомҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионии муосир истифодаи ҳомилҳои қоғазӣ

ба идоракунии электронӣ табдил ёфта, раванди идоракунии ҳуҷҷатҳо ва муомилоти молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба ақидаи мо, талабот аз ҷониби итифодабарандагони дохилӣ ва беруна, ба иттилооти молиявӣ афзоиши ҳаҷми ахборот, махсусан, ахбороти молиявӣ дар ҷараёни фаъолияти муассисаҳои молиявӣ мушкилоти зиёдеро эҷод намудааст.

Дар робита ба ин, маълум аст, ки талабот ба хизматрасониҳои электронӣ, истифодаи технологияи инноватсионӣ ва рушд додани ҳукумати электронӣ тақозои замон буда, аз муҳайё будани тамоми бонкҳо ва зерсохтоҳои онҳо бо кадрҳои баландихтисос вобастагии калон дорад.

Ҳамзамон, месазад қайд намуд, ки вазъи истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ дар бахши бонкдорӣ, умуман, дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ мушкилоте доранд, ки мо дар расми1.3 баъзе аз онҳоро инъикос намудаем:

**Якум,** микдори зиёди пойгоҳи додаҳои дорои маълумот дар бораи фаъолияти асосии ташкилоту муассисаҳо;

**Дуюм,** нарасидани техника ва технологияҳое, ки дастрасии маълумотҳои лозимиро ба истифодабарандагон таъмин менамояд;

**Сеюм,** набудани низоми бисёрфунксионалии махзани ягона дар раванди татбиқи иқдисодиёти рақамӣ;

**Чорум** набудани унсурҳои интелекти зеҳнӣ ва воситаҳои техникии дигар дар низомҳои иттилоотӣ.

**Расми1.3 Баъзе мушкилоти соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [82].

Аз расми 1.3 маълум мегардад, ки истифодаи самараноки техникаи компютерӣ барои таҳия, нигоҳдорӣ ва интиқоли ҳуҷҷатҳо боиси рушди иқтисодиёти рақамӣ гардида, дар ҳолати нодуруст истифода бурдан ва надоштани ҳамаи барномаҳои лозимӣ дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ мушкилот эҷод мегардад.

Тибқи ақидаи В. В. Карасев ва Е. И. Карасева, «...дар айни замон бисёр ҷузъҳои системаи идоракунии иқтисодиёти рақамӣ аломатҳои фаврӣ доранд. Барои бартараф кардани онҳо на танҳо самаранокии он, балки бехатарии онро низ арзёбӣ кардан лозим аст, зеро идоракунии низомҳои мураккаб мувофиқи ин ду меъёр дар як вақт гузаронида мешавад» [143].

Яъне, бехатарии низоми идоракунии иқтисодиёти рақамӣ ба воситаи ошкор кардани хавф ва амнияти пурра, инчунин тавассути муайян кардани самаранокӣ дар асоси натиҷаҳо ва нишондиҳандаҳои талафоти дороиҳо тибқи арзиши бозории объектҳо ҳисоб ва муайян карда мешавад.

Бо дарназардошти ин, бояд зикр намуд, яке аз ҳадафҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ таъмин намудани рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, ба сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон таъсири мусбат мерасонад.

Ба андешаи мо, рақамикунонии иқтисодиёт, ки ба рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии иқтисоди миллӣ, махсусан, соҳаи бонкдорӣ, инчунин, ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ нигаронида шудааст, омилҳои коррупсиониро коҳиш дода, дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ нақши калидиро доро мебошад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар раванди рақамикунинии иқтисодиёт дар шароити муосир шабакаҳои махсуси локалӣ ва корпоративӣ истифода мешавад, ки он метавонад ба коркарди саривақтии иттилоот ва интиқоли он байни истифодабарандагони дохилӣ ва беруна таъсири мусбат расонад. Хусусиятҳои ба муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар нигаронидашудаи иқтисодиёти рақамӣ дар ҷадвали 1.1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.1.–Хусусиятҳои ба муносибатҳои иҷтимоӣ нигаронидашудаи иқтисодиёти рақамӣ**

| **Хусусиятҳои иқтисодиёти рақамӣ** | **Шарҳу тавзеҳи хусусиятҳо** |
|---|---|
| Ҷалби ҷомеа ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт | Имкониятҳои иқтисоди рақамӣ (дастрасӣ ба Интернет, технологияҳои рақамӣ, азхуд кардан ва густариши малакаҳои рақамӣ) бояд барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ дастрас бошанд, то аз пайдоиши нобаробарии рақамӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ пешгирӣ карда шаванд. |
| Муносибатҳои меҳнатӣ | Иқтисоди рақамӣ ба ташкили равандҳои меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ таъсир мерасонад. Муносибати иҷтимоӣ нигаронидашуда барои фароҳам овардани шароити одилона ва муносиби меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои коргарон, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва бозомӯзии қувваи корӣ барои мутобиқшавӣ ба тағйироти рақамӣ саъй мекунад. |
| Сатҳу сифати зиндагӣ | Иқтисоди рақамӣ бояд ба беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ, ки осонии дастрасӣ ба маориф, тандурустӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, хизматрасониҳои давлатӣ ва дигар ҷузъҳои бастаи иҷтимоӣ, инчунин, таҳияи қарорҳои рақамӣ ва инноватсияҳоро дар бар мегирад, ки сифати зиндагии мардумро беҳтар мекунад, мусоидат намояд. |
| Ҷамъияти дониш | Муносибати иҷтимоӣ нигаронидашуда аҳамияти маориф, илм ва инноватсияро барои рушди иқтисоди рақамӣ таъкид мекунад. Он нақши муҳими таҳияи барномаҳои таълимиро, ки эҳтиёҷоти рақамикунониро ба инобат гирифта, салоҳиятҳои касбии рақамиро тавлид мекунанд, таъкид мекунад. |
| Ҳифзи маълумот ва махфият | Равиши масъулиятшиносии иҷтимоӣ амнияти додаҳо, ҳифзи дахолатнопазирӣ ва таҷрибаҳои ахлоқиро дар бар мегирад, ки барои пешгирии сӯиистифода аз иттилоот якҷоя кор мекунанд. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [13]

Ба ақидаи Анисимова, Н. Ю. «ҳадафии асосии ҳар як кишвар ин тавассути рушди иқтисодиёти рақамӣ эҷод намудани ҷомеаи устувори демократӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта мебошад, ки дар он технологияҳои рақамӣ ба некӯаҳволии ҳамаи шаҳрвандон мусоидат менамояд» [54]. Яъне, ҷараёни ташакули иқтисодиёти рақамӣ тадбирҳоеро фаро мегирад, ки дар шароити муосир ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа нигаронида шудаанд.

Дар робита ба ин, мо дар асоси ақидаҳои зикргардида, таърифи муаллифии такмилёфтаро баён намудем, ки чунин аст: «Иқтисодиёти рақамӣ ин тамоми омилҳо, объектҳо, инчунин, равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва истеҳсолии дорои хусусияти рақамӣ мебошад, ки барои рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ сари вақт ва хушсифат иҷро намудани ниёзҳои аҳолӣ тавассути истифодаи технологияи

муосири инноватсионӣ ва дар амал татбиқ намудани зеҳни сунъӣ мусоидат менамоянд » [187].

Мо метавонем ба ақидаи олимони рус Н. Ю. Анисимова ва О. А. Игумнов розӣ шавем, ки чунин пешниҳод намуданд: «Технологияҳо на танҳо такондиҳандаи ташаккул ва рушди соҳаҳо ва усулҳои нави раванди истеҳсолот мегарданд, балки ба тағйир ёфтани нақшҳои ҷамъиятии субъектҳо низ мусоидат мекунад» [54, 142].

Аз мушоҳадаҳо бармеояд, ки дар ҷаҳони муосир, технологияҳои муосири инноватсионии компютерӣ дар равандҳои идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва қабули қарорҳо нақши ҳалкунанда доранд. Мусаллам аст, бе истифодаи самараноки технологияи муосири инноватсионӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ рушди устувори молиявии худро таъмин кардан имконнопазир аст. Зеро бо мурури замон ва пешрафти илму техника ҳаҷм ва мураккабии маълумоти коркардшуда мунтазам меафзояд ва намудҳои нави муосири пешниҳоди иттилоотро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, мавҷудияти таъминоти барномавӣ барои компютерҳои фардӣ ва барномаҳои амалӣ, ки вазифаҳои махсуси соҳаҳоро ба танзим медароранд, аҳаммияти махсус дошта, метавонад дар раванди татбиқи иқтисоди рақамӣ нақши муассир дошта бошад.

Ба гуфтаи Р.М. Магомедов, «...муайянкунанди арзиши асосӣ дар иқтисодиёти рақамӣ истеъмолкунанда аст, ки тамоми раванди фаъолияти истеҳсолкунандагонро муайян мекунад» [159].

Дар робита ба ақидаи болозикр, то андозае розӣ шуда метавонем, агарчанде ки ин андешаи муосир нест, зеро ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XX мувофиқи назарияи бозоршиносӣ рақамикунонии иқтисодиёт байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда дар раванди муносибатҳои бозорӣ аз рӯйи имконот роиҷ гардида буд. Новобаста аз ин, иқтисодиёти рақамӣ раванди инноватсионие мебошад, ки дар сарфаю сариштакорӣ ва шаффоф гардонидани тамоми фаъолияти ҳамарӯзаи соҳаҳо, инчунин босифат намудани иттилооти зарурӣ мусоидат менамояд.

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ, барои ташкили равзанаи ягонаи фаъолияти меҳнатӣ дар шароити корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ намудҳои гуногуни технологияҳои инноватсионии компютерӣ ва барномаҳои гуногуни муосир  истифода бурда мешаванд, ки интихоби ин технологияҳо асоси фаъолияти самараноки дилхоҳ намуди шабака ба ҳисоб меравнд. Бо ин мақсад, метавон зикр намуд, ки технологияҳои муосири компютерӣ самаранокии фаъолияти тамоми соҳаҳоро таъмин намуда, тавассути ҷалби муштариён ба афзоиши самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, мо чунин  андеша дорем, ки дар фаъолияти  иқтисодӣ ва амалиёти ҳамарӯзаи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ   истифодаи технологияҳои рақамӣ аҳаммияти калон дошта, дар ҳамаи зинаҳои он иттилооти молиявии хушсифатро таъмин менамояд.  Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки баъзе аз субъектони хоҷагидори соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла баъзе ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ тамоми барномаҳои технологияҳои иттиллотии муосирро аз сабаби мураккаб будани тарзи истифодабарӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, инчунин, арзиши гарон доштанашон ба таври васеъ истифода намебаранд. Ин хусусият, албатта, ба вазъи молиявии ҳар як субъект таъсири манфӣ расонида метавонад.

Таҳқиқот ошкор намуд, ки аз тарафи олимони ватанӣ ва кишварҳои гуногун таърифҳои зиёде оид ба иқтисоди рақамӣ  пешниҳод намудаанд.

Аз ҷумла иқтисоддони тоҷик М. М. Холматов чунин тавзеҳ додааст: «Иқтисоди рақамӣ як фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷа ва дар асоси васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ-информатсионӣ дар истеҳсолот, идоракунӣ, ҳукумат ва дигар равандҳо ба вуҷуд меояд, то бо мақсади таъмини таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, фароҳам овардани шароити зарурӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар дар бозори хориҷӣ мебошад» [179].

Инчунин, олими ватанӣ А. А. Мирзоалиев дар таҳқиқоти илмии худ ба таври зайл таърифи иқтисодиёти рақамиро манзур намудааст: «Иқтисодиёти рақамӣ шакли нави иқтисодиёт буда, дар он дастрасӣ ба дилхоҳ намуди маҳсулоту мол ва хизматрасониҳо танҳо ва танҳо тариқи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ва фановариҳои нав амалӣ карда мешавад» [210]. Маълум аст, ки яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ хизматрасониҳои электронӣ ба шумор меравад. Иқтисодиёти рақамӣ ҷараёни муосири фаъолияти инноватсионӣ буда, вобаста ба мафҳуми он ақидаҳои муаллифии гуногуни илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Қобили зикр аст, дар соҳаи бонкдорӣ таъминоти дастгоҳии ҷараёни рақамикунонии иқтисодиёт бо мақсади баланд бардоштани сифати кор дар тамоми амалиёти субъектони хоҷагидор равона карда шудааст.

Дар робита ба ин, бояд тазаккур дод, ки, агар дар муассиса ва ё бонк раванди таъминоти технологияи инноватсионии муосир бо мақсади рушди иқтисоди рақамӣ анҷом дода шавад, пас, ин дастгоҳҳои муҷаҳҳазкунонидашуда ниёз ба васл намудан ва таъминоти барномавии гуногун доранд. Зеро, агар дастгоҳ ё технологияи инноватсионӣ бо намудҳои мухталифи барномаҳо муҷаҳҳаз бошанд, раванди фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ устувор гардида, метавонанд дар бозори молиявӣ рақобатпазир бошанд.

Айни ҳол дар натиҷаи омӯзиши адабиёти илмӣ якчанд таърифи иқтисоди рақамиро пайдо намудем, ки аз ҷониби муҳаққиқон баён гардиданд ва мо қисме аз онҳоро дар ҷадвали 1.2 пешниҳод намудаем.

## Ҷадвали 1.2. Нуқтаи назари баъзе олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ

| Муаллифон | Мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ |
|---|---|
| А.А. Крюкова, Ю.А. Мехаленко | «Иқтисодиёти рақамӣ фарогири бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, татбиқидастовардҳои техникӣ ва шабакаю системаҳои иттилоотӣ мебошад» [152]. |
| Г.А. Гасанов, Т.А. Гасанов | «Иқтисодиёти рақамӣ – низоми институтсионалии гурӯҳҳо дар иқтисодиёт, ки ба дастовардҳои пешрафта ва пешқадами технологӣ, пеш аз ҳама технологияи иттилоотию коммуникатсионии рақамӣ ва амалишавии самтҳое, ки самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятиро афзунгардонида, рушди иқтисодиётро дар баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти аҳолӣ нигоҳ медоранд» [18]. |
| В.К. Крутиков | «Иқтисодиёти рақамӣ соҳаи алоҳида набуда, моҳиятан имкониятмедиҳад, ки амсилаҳои сифатии тиҷорат, савдо, ҳамлу нақл, истеҳсолот, маориф, тандурустӣ, идоракунии давлатӣ, иртиботи аҳолӣ рӯйи кор омада, шохаи нави рушди давлат, иқтисодиёт ва ҷомеа ба вуҷуд оварда шавад» [77]. |
| Ф.Мирзоахмедов, Н. Сафоев | «Иқтисодиёти рақамӣ нававарии динамикии иқтисодиеро меноманд, ки ба татбиқи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ, имконияти боло бурдани самарнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳои ҷудогона ва сифати ҳаёти аҳолиро фаро мегирад»[162]. |
| В. Усман | «Иқтисодиёти рақамӣ иқтисодиёте мебошад, ки фаъолияти он ба татбиқи технологияҳои компютерӣ-рақамӣ ва тиҷорат тавассути шабакаи Интернет, торанкабути умумиҷаҳонӣ асос ёфтааст»[123]. |
| Е.В.Наливайченко | «Иқтисодиёти рақамӣ (электронӣ), (англисӣ – digital economy) иқтисодиёти насли нави технологӣ буда, дар он омили асосии фаъолияти иқтисодӣ ин технологияи рақамӣ (электронӣ) ва хизматрасониҳо мебошад»[85]. |
| Д.В. Евтянова, М.В.Тиранова | «Иқтисодиёти рақамӣ автоматикунонии идоракунии хоҷагиҳо дар асоси технологияҳои иттилоотии пешқадам, механизме, ки ба самаранокии иттилоотӣ, идоракунии низомҳои истеҳсолот замина мегузорад, мебошад»[65]. |
| О.В. Чистякова, А.В. Бабкин | «Иқтисодиёти рақамӣ шабакаи умумиҷаҳонии иқтисодӣ ва иҷтимоии тариқи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ амалишавандаест, ки имконияти барқарор намудани робитаи байни ширкатҳо, бонкҳо, ҳукумат ва аҳолиро густариш дода, робитаҳои анъанавии миёнаравон, аз ҷумла дар муомилоти хариду фурӯш, қарздиҳӣ, иҷорадиҳӣ, пардохти андоз, ситонидани ҷарима, дигар ҳисобҳо ва пардохтҳоро аз байн мебарад»[184]. |
| А. Энговатов | «Иқтисодиёти рақамӣ истифодаи усулҳои нав: коркард, нигоҳдорӣ, интиқоли маълумот тавассути технологияи комютерии рақамӣ мебошад[13]. |
| Н. Г. Шарипов | Иқтисодиёти рақамӣ навгонии муосири рақамӣ буда, тавассути технологияи инноватсионӣ рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва рақобатпазирии онҳоро дар бозори молиявӣ таъмин менамояд. [187]. |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки раванди иқтисоди рақамӣ на танҳо бо сармоягузорӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, балки аз ҳисоби хароҷоти ба низоми компютерӣ, ташкилӣ ва сармояи инсонӣ алоқаманд низ муайян карда мешавад. Сармояи инсонӣ ҳамчун доройи иловагӣ истифодаи самараноки технологияҳои компютериро ба роҳ мемонад, аз ин рӯ,сатҳи дониши кормандон ва муҷаҳҳаз будани компютерҳо бо барномаҳои гуногун дараҷаи даромаднокии бонкро тавассути технологияи рақамӣ муайян менамояд.

Дар робита ба ин, бояд ёдовар шуд, ки компютер таҷҳизоти электронӣ буда, барои иҷро намудани ин ё он кор супориши пешакии махсусро талаб мекунад. Супориши компютерӣ бояд ҳамаи марҳилаҳои ҳалли масъаларо аниқ ва қатъӣ дар бар гирад. Танҳо ҳангоми иҷрошавии ҳатмии шарт компютер метавонад ягон вазифаро бо ёрии сармояи инсонӣ иҷро намояд.

Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки рӯзи 28-уми декабри соли 2024 ироа гардид, ҳафт самти муҳимми ташкил ва рушди иқтисоди рақамиро пешниҳод намуданд, ки яке аз асоситарини онҳо рушди сармояи инсонӣ ба шумор меравад [9].

Аз андешаҳои зикргардида чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи технологияи рақамӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ нақши калидӣ дошта бошад ҳам, тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, махсусан, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ба кадрҳои бадандихтисос ниёз доранд. Зеро технологияи рақамиро сармояи инсонии соҳибмаълумот самаранок истифода бурда метавонад.

Чуноне ки олими ватанӣ А. А. Мирзоалиев дар таҳқиқоти илмии худ қайд намудааст: «...ҳар як корхона новобаста аз хусусияти фаъолият дар шароити рақамикунонӣ ба иқтидори кадрии босалоҳияти техникӣ ниёз дорад. Мавқеъҳои нав бевосита бо тағийроти пайвастаи технологӣ алоқаманданд. Онҳо аз коргарон қобилиятҳои нав талаб мекунанд, ки қувваи корие, ки бо машинаҳо озод карда шудааст, надорад» [210].

Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ розӣ шудан имконпазир аст, зеро неруи баландихтисои кадрӣ метавонад дар тамоми ташкилоту муассисаҳо раванди татбиқи иқтисодиёти рақамиро суръат бахшида, самаранокии истифода технологияи инноватсиониро таъмин намояд.

Ҳамзамон, муаллиф дар идомаи таҳқиқот «тафовут байни эҳтиёҷоти тиҷорат ва малакаи қувваи кории мавҷударо як мушкилоти калидӣ барои ширкатҳо шуморида, чунин қайд кардааст, ки дар айни замон барои васеъ намудани меҳнати одам ба воситаи мошинаҳо имконият мавҷуд буда, техника одамро иваз накарда, балки пурра менамояд» [210].

Ба ақидаи мо, таҳқиқоти муаллиф дуруст аст, зеро захираҳои меҳнатии баландихтисос раванди истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ ва суръат бахшидани татбиқи иқтисоди рақамиро дар кишвар таъмин менамояд.

Бояд зикр намуд, ки истифодаи самараноки технологияи рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ метавонад ба раванди таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, кадрҳои баландихтисосро новобаста аз сатҳи даромад ва вазъи иқтисодию иҷтимоияшон ба кор ҷалб намояд. Инчунин, захираи меҳнатии соҳибтахассус шумораи кормандони ғайритахассусро коҳиш дода, фоидаи иқтисодии бонкро баланд мебардорад.

Чуноне ки олими иқтисоддон Е. Гритсенко қайд намудааст: «...миқёс ва мураккабии истифодаи ҳама гуна иттилоотро қобилиятҳои маърифатии инсон маҳдуд мекунад»[23, 210]. Яъне, нерӯи зеҳнии инсон манбае ба шумор меравад, ки ба воситаи таҳия ва истифодаи самараноки технологияи муосири рақамӣ раванди ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамиро суръат мебахшад.

Ба андешаи К. Роворт, «...иқтисодиёти асри XX ба ақидаи нодурусти табиати инсон ҳамчун «одами оқил» асос ёфта буд, ки дар натиҷа вазифаи асосии иқтисодӣ ҳамчун таъмини рушди иқтисодӣ бо ҳар роҳу восита ташаккул ёфт» [23].

Ба андешаи мо, ҳадафи татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар бахши бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ба монади тамоми соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолии иқтисоди миллӣ ин ба даст овардани ҳадди аксарӣ фоида

тавассути кам кардани хароҷоти истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ба шумор меравад. Яъне, ҳадафи асосӣ ин ба даст овардани самаранокии миқдорӣ ва сифатии максималӣ тавассути истифодаи самараноки технолгоияи муосири рақамӣ коҳиш додани хароҷот ба шумор меравад, ки ин хусусиятҳои хоси самаранокии иқтисоди рақамиро дар ҷараёни фаъолияти тамоми соҳаҳо, хусусан, бахши бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ возеҳу равшан инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, ҳамаи хусусиятҳои муҳимми зикргардида шаҳодат аз он медиҳанд, ки иқтисодиёти рақамӣ на танҳо маҷмуи технологияҳои нави иттилоотӣ дар миқёси шабакавӣ, балки сохтори нави технологӣ буда, дигаргунсозии раванди фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин, тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, махсусан, соҳаи бонкдориро ба амал меорад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки барои расидан ба ҳадафҳои болозикр ба таълим фаро гирифтани сармояи инсонӣ нақши муассир дорад. Зеро раванди татбиқи иқтисодиёти рақамиро захираҳои меҳнатии баландихтисос метавонад тавассути истифодаи техника ва технологияи инноватсионӣ ва барномаҳои муосири рақамӣ дар кишвар роҳандозӣ намоянд. Инчунин, дар ҷараёни фаъолияти технологияи рақамӣ масъалаҳои мураккаби дорои хусусияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғ. пайдо мешаванд, ки бояд роҳҳои ҳалли мусбати онҳоро кадрҳои баландихтисос дарёфт намоянд.

Ҳамин тавр, аз андешаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки меъёри самаранокӣ дар иқтисодиёти рақамӣ раванди идоракунии фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллиро ба низом дароварда, шаффофиятро дар фаъолияти онҳо ба амал меорад, инчунин, тавассути кам гардидани хароҷот ҳадди аксари фоидаро таъмин менамояд.

## 1.2 Асосҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои арзёбии он дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ.

Дар шароити муосир бо мақсади таъмин намудани эҳтиёҷоти молиявии шаҳрвандон ва барои афзоиши бозори хизматрасониҳои бонкӣ мафҳуми наверо истифода бурдан лозим аст, ки механизмҳои асосии фаъолиятро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ нишон медиҳанд. Инчунин, бояд зикр намуд, ки дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои бонкӣ фарогир гардида, ба рушди иқтисодию иҷтимоии тамоми ҷомеа таъсири мусбат расонида метавонад.

Вобаста ба ин ва бо дарназардошти тақозои аҳолӣ, ба субъектҳои хоҷагидор дар шароити рақобати комил тавассути муассисаҳои бонкӣ ҳамчун асоси инфрасохтори истеҳсол ва арза намудани хизматрасонии бонкӣ барои эҳтиёҷоти субъектони хоҷагидор барои баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ яке аз шартҳои асосӣ ба шумор меравад.

Ҳамчунин, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бо хизматрасониҳои бонкӣ ва таъминоти молиявии боэътимод алоқамандӣ дорад ва яке аз омилҳои калидии сатҳи хизматрасонии бонкӣ ва ислоҳоту таҷдиди он ҷустуҷӯи механизмҳои нави ҳавасмандгардонии ҷалби муштариён бо мақсади рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад.

Мо чунин мешуморем, ки оид ба масъалаи рақобати бонкӣ дар адабиёти иқтисодӣ баҳсу мунозираҳои зиёде ба амал омадааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мафҳуми аз тарафи умум пазируфташудаи «рақобат» вуҷуд надорад.

Масалан, Н. Б. Куршакова қайд менамояд, ки «раванди рақобати байни бонкҳои тиҷоратӣ, ки ҳар яки онҳо барои забт кардани мавқеи худ ва пайваста нигоҳ доштани он то ҳадди имкон кӯшиш мекунанд ва дар ҳолати тағйирёбии бозори бонкӣ бо тарзу усулҳои гуногун онро такмил додан ба шумор меравад» [154]. Олимони дигар бошанд, рақобати бонкиро ҳамчун раванди динамикии

рақобат байни субъектҳои бозори бонкӣ барои таъмини мавқеи устувор дар бозори мазкур мефаҳманд.

Аксари муҳаққақон ва олимон ба ақидаи А.Г. Бачалов, Г. О. Самоилов, ки «рақобати бонкиро ҳамчун механизми фаъолият ва рушди тамоми бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян кардаанд» розӣ ҳастанд. Инчунин, муаллифон чунин андеша доранд, ки рақобати бонкӣ ҷарёни табиии таърихие ба шумор меравад, ки дар асоси дониши қонунҳои иқтисодӣ ва ба воситаи фаъолияти субъектҳои иҷтимоӣ асос ёфта, барои манфиатҳои гуногуни иқтисодиро амалӣ намудан дар доираи моделҳои интихобшудаи рафтори молиявии ташкилотҳои молиявию қарзӣ нигаронида шудааст[58].

Бояд гуфт, ки муҳаққиқон дар масъалаи муайян кардани мафҳумҳои «рақобати бонкӣ» ва «рақобати байнибонкӣ» якдилона вуҷуд надоранд.
Масалан, И. А. Киселева чунин мешуморад, ки ин таърифҳоро муайян кардан мумкин нест, зеро дар раванди рақобати байнибонкӣ танҳо бонкҳо ширкат меварзанд, дар ҳоле ки мафҳуми рақобати бонкӣ муносибатҳои байни ташкилотҳои молиявии ғайрибонкиро низ дар бар мегирад. Масалан, ба инҳо ширкатҳои суғурта, фондҳои сармоягузорӣ, ломбардҳо, иттиҳодияҳои қарзӣ, ва ғ. дохил мешаванд [72].

Ба ақидаи А.С. Сметанкин, «рақобати бонкӣ, рақобати байнибонкӣ ва тамоми муносибатҳои байни бонкҳо, ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ, инчунин, рақобати ташкилотҳои ғайрибонкиро бо ҳамдигар дар бар мегирад» [36]. Дар баробари ин, оид ба мушкилоти мутаносиби мафҳуми бонкӣ ва рақобати байнибонкӣ андешаҳои дигари коршиносон низ мавҷуд аст.

Масалан, Д. Н. Тсаплев дар асари худ «Хусусиятҳои равиши транзаксионӣ дар таҳлили рақобати байнибонкӣ», «рақобати байнибонкиро ба низом даровaрда, дар он рақобати байнибонкиро аз рӯйи дараҷаи якхела будани субъектҳои он: ба соҳае, ки танҳо дар байни бонкҳои тиҷоратӣ ба вуҷуд меояд ва байнисоҳавӣ – дар байни бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва муассисаҳои молиявие, ки на танҳо дар он ҷо иштирок мекунанд, балки

ҳангоми ба назар гирифтани рақобати байнибонкӣ, инчунин, дигар ташкилотҳои молиявӣ қайд намудааст» [182].

Аз андешаҳои Д. Н. Тсаплев маълум мегардад, ки мафҳумҳои рақобати бонкӣ ва рақобати байнибонкиро аз ҳам ҷудо накарда, як намуди алоҳидаи рақобати байнибонкиро муайян намудаст.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки чунин андешаҳо дар байни муҳаққиқону олимони соҳа низ вуҷуд доранд, аммо аксари олимон ин мафҳумҳоро, аз ҷумла рақобати бонкӣ бо рақобати байнибонкиро аз ҳам ҷудо намекунанд.

Дар марҳилаи кунунӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми рақобати байнибонкӣ аз он иборат аст, ки рушди он бояд дар доираи татбиқи низоми танзими рақобати байнибонкӣ дар сатҳи зарурӣ ва махсус муқаррар карда шавад. Хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкиро дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ мо дар ҷадвали 1.3 пешниҳод намудаем:

**Ҷадвали 1.3. Хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ**

| Хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкӣ | Тавсифи хусусиятҳо |
|---|---|
| Асосан рақобат байни бонкҳои тиҷоратӣ ҷараён дорад | Субъекти асосӣ дар ин рақобат бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ маҳсуб меёбанд. Яъне, ҳангоми ба амал омадани рақобати байни бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ низ ба инобат гирифта мешаванд. |
| Дар бозори маҳсулоти мушаххаси захираҳои пулӣ ба вуҷуд меояд | Бонкҳо миқдори муайяни захираҳои пулии худро дар бозори маҳсулоти мушаххаси захираҳои пулӣ пешниҳод намуда, мавқеи худро муайян менамоянд |
| Ҷанбаҳои ҷуғрофии рақобати байнибонкӣ | Рақобати байнибонкӣ дар минтақаҳои алоҳида байни бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ гуногун ҷараён мегирад. Яъне, рақобат фақат дар байни бонкҳои минтақаи алоҳида суръат мегирад |
| Рақобат дар доираи хурд | Байни бонкҳои алоҳида ва хизматрасониҳои бонкӣ рақобат ба амал меояд, доираи хурди фаъолиятро дар бар мегирад |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [182].

Аз ҷадвали 1.3 маълум мегардад, ки рақобати байнибонкӣ дорои хусусиятҳои хос мебошад. Инчунин, хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкӣ робитаи ногусастании онро бо иқтисодиёт ва сиёсати ҷумҳурӣ дар бар мегирад, дар ҳоле ки он бо танзими нисбатан устувори ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби давлат арзи вуҷуд дорад. Ҳатто, ташкили ташкилоти қарзӣ монеаҳои зиёде

барои рушди бонкҳои тиҷоратӣ эҷод мекунад, масалан, масъалаҳое, ки сатҳи баланди ҳаҷми ҳадди ақали иҷозати сармояи оинномавии бонкро дар бар мегиранд, коҳиш медиҳанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки даромаднокии бонк аз якчанд сарчашма маншаъ мегирад, махсусан аз хариди қоғазҳои қиматнок ва муҳлати пардохти онҳо вобастагии амиқ дорад. Чӣ қадаре муҳлати пардохти қоғазҳои қиматнок кӯтоҳ бошад, арзиши бозории онҳо ҳамон қадар баланд мегардад. Баръакс, чӣ қадаре муҳлати пардохти қоғазҳои қиматнок дароз бошад, арзиши бозории онҳо ҳамон қадар бештар тағйир ёфта меистад.

Бонкҳои тиҷоратӣ дар баробари амалиёти активӣ ва пассивӣ, инчунин, барои баланд бардоштани рақобатпазирии фаъолияти молиявии худ амалиёти активӣ-пассивӣ низ мегузаронанд. Амалиёти активӣ ва пассивии бонкҳои тиҷоратӣ амалиёти миёнаравиест, ки бонкҳо бо супориши муштариён анҷом медиҳанд ва аз ҳисоби он ҳаққи хизмат мегиранд, аз ҷумла интиқоли маблағ, хариду фурӯши асъор ва қоғазҳои қиматнок бо супориши муштариёни бонк ва ғайра, ки ин метавонад сатҳи даромаднокии бонкро баланд бардошта, мавқеи онро дар байни дигар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ рақобатпазир гардонад.

Дар бонкҳои тиҷоратӣ барои гузаронидани амалиёти сармоягузорӣ шуъбаҳои махсус ташкил карда мешавад. Амалиёти фондӣ - амалиёти бонкҳо бо қоғазҳои қиматнок, бо векселҳо ва қоғазҳои қиматноки дар бозорҳои фондӣ амалкунанда анҷом дода мешвад.

Амалиёти кафолатӣ - амалиётҳо оиди кафолати бонк дар бораи пардохти қарзи муштарӣ ба шахси сеюм ҳангоми рух додани ҳодисаҳои муайян ба шумор меравад [67]. Тавре ки мушоҳида гардид, дар бозори молиявӣ муносибатҳои рақобатӣ гуногун буда, аз чунин сатҳҳо иборат аст:

- ✓ байни ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ;
- ✓ муносибатҳои рақобатии бонкҳо бо дигар миёнаравҳои молиявӣ;
- ✓ муносибатҳои рақобатии банкҳо бо ташкилотҳои ғайримолиявӣ.

Мусаллам аст, ки амалиёти мунтазами бонкҳои тиҷоратӣ ба афзоиши даромаднокӣ таъсир расонида, дар бозори молиявӣ сатҳи баланди

рақобатпазирии онҳоро таъмин менамояд.

Бояд зикр намуд, ки теъдоди зиёди амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ нуфузи бонкро дар байни рақобаткунандагон баланд бардошта, эътимоди муштариёнро нисбат ба бонк зиёд мегардонад. Бо дарназардошти ин, дар натиҷаи омӯзиши адабиёти соҳавӣ мо амалиёти гуногуни бонкиро омӯхта, мазмуни мухтасари онҳоро муайян намудаем ва онҳоро дар ҷадвали 1.4 пешниҳод намудаем:

**Ҷадвали 1.4. Амалиёти бонки тиҷоратӣ ва мазмуни мухтасари онҳо**

| Номгӯйи амалиёти бонки тиҷоратӣ | Мазмуни мухтасари амалиётҳои бонки тиҷоратӣ |
|---|---|
| Амалиёт бо амонатҳо ва суратҳисобҳо | Қабули маблағҳои пулии муваққатан озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар суратҳисобҳои пасандозӣ ва амонатӣ, инчунин, пардохти маблағ аз он суратҳисобҳо |
| Амалиёти қарзӣ | Додани қарзҳо ба қарзгирандагон |
| Амалиёти ҳисобӣ | Амалиёти ғайринақдӣ, пардохтӣ ва хазинавӣ |
| Амалиёти асъорӣ | Хариду фурӯши ашёҳои асъорӣ |
| Амалиёт бо филизот ва сангҳои қиматбаҳо | Хариду фурӯши филузот ва сангҳои қиматбаҳо, ҷобаҷогузорӣ ва ҷалби онҳо ба амонат |
| Амалиёти замонатӣ | Ба зимма гирифтани кафолати иҷрои уҳдадориҳо мувофиқи шартнома |
| Амалиёт оиди додани акcепт ва аввал | Акcепткунонӣ ва авалкунонии қоғазҳои қиматноки дигар эмитентҳо |
| Амалиёти факторингӣ | Маблағгузорӣ мувофиқи шартномаи базиммагирии талаботи пулӣ |
| Амалиёти форфейтингӣ | Маблағгузории савдои беруна бо ёрии хариди қоғазҳои қиматноки дисконтӣ бе ҳуқуқи «регресс» |
| Амалиёт оиди ҳисоби васиқаҳо | Хариди васиқа то расидани муҳлати пардохти қарз |
| Амалиёт бо қоғазҳои қиматнок | Интишор, харид ва фурӯши қоғазҳои қиматнок |
| Амалиёти трастӣ (идоракунии боваринок) | Идоракунии боваринoки воситаҳои пулӣ ва дигар молу мулк мувофиқи шартнома бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ |
| Амалиёти сармоягузорӣ | Ҷобаҷогузории воситаҳои пулӣ барои харидани қоғазҳои қиматнок ё воситаҳои ғайриманкул мувофиқи талаби муштариён аз номи худ ва аз ҳисоби сармоягузорон, мувофиқи принсипи тақсимоти хавф |
| Амалиёти амонатӣ | Нигаҳдорӣ ва идоракунии қоғазҳои қиматноке, ки ба бонк тааллуқ надоранд |
| Амалиёти лизингӣ | Ба лизинг (иҷора додани молу мулк) |
| Хизматрасонии инкассатсионӣ (пулрасонӣ) | Амалиётҳои пулрасонӣ, таъминоти амволи зиёдатии қиматбаҳои бонк |
| Хизматҳои машваратӣ | Гузаронидани машваратҳо бо муштариёни боваринoки бонк |
| Хизматҳои бонкии электронӣ | Интишори кортҳои бонкии низоми гуногуни пардохт, ҳисобҳо бо истифодаи технологияи иттилооти электронӣ |
| Амалиёт бо сейфҳо | Ба иҷора додани сейфҳо ва иморат барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва ашёҳои қиматбаҳо. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [67]

Дар робита ба ин, месазад қайд намуд, ки ба низом даровардани рақобати байнибонкӣ дар асоси хусусиятҳои хоси вобаста ба хусусиятҳои рақобат дар бахши бонкӣ вобастагӣ дорад. Инчунин, вобаста ба мансубият субъектҳои рақобатро ба дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ ҷудо намудан мумкин аст. Рақобати дохилисоҳавӣ рақобати байни бонкҳо ва ташкилотҳои қарзие ба шумор меравад, ки дар як соҳа фаъолият намуда, хизматрасониҳои бонкии якхела намуда, талаботи муштариёнро қонеъ мегардонанд, вале аз рӯйи сатҳу сифати хизматрасонӣ ва навъҳои гуногуни он фарқ мекунанд. Рақобати байнисоҳавӣ бошад, рақобати байни ташкилотҳои соҳаҳои гуногун мебошад. Азбаски фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ шумораи зиёди соҳаҳои гуногунро дар бар мегиранд, ин низом ба бонкҳо низ дахл дорад.

Асосан, рақобатпазирии бонк гуфта, мафҳуми рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкиро фарогир мебошад. Яъне, рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ хусусиятҳои муқоисавиеро доро мебошад, ки фарқиятро тавассути пешниҳод кардани хизматрасониҳои саривақтӣ ва хушсифат нишон медиҳад.

Ба ақидаи олимони рус Уткин Е. А. ва Морозова Н.И. «...чунин як шарти муҳимми рақобатпазирии хизматрасонии бонкӣ, тавассути таъмини сифати хуби хизматрасонӣ, инчунин, бо нархи хизматрасонии барои муштарӣ қобили қабул таъмин карда мешавад» [192].

Дар робита ба ин, мо ба ақидаи пешниҳоднамудаи муҳаққиқони мазкур розӣ шуда метавонем, зеро хизматрасониҳои сатҳи баланди бонкӣ ва анҷом додани он бо нархи дастрас ҳавасмандии мизоҷонро зиёд намуда, ҳамзамон сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ баланд бардошта мешавад. Яъне, яке аз омилҳои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ин пешниҳоди хизматрасониҳои беҳтарини бонкӣ ва ҷалби зиёди мизоҷон маҳсуб меёбад.

Тибқи таҳқиқоти Н. Б. Куршакова, « рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ бояд афзалиятҳоеро дошта бошад, ки тавассути фаъолияти муваффақ дар муҳити рақобат мусоидат карда тавонад» [154].

Красникова Е.И. ва Рожков М.Н. чунин мешуморанд, ки «...рақобатпазирии хизматрасонии бонкӣ қобилияти қонеъ кардани ниёзҳои муштариёни эҳтимолӣ ва воқеӣ ба хизматест, ки дар муқоиса бо хизматҳои рақибон хусусиятҳои ҷолибтар дорад» [156].

Дар раванди тадқиқот маълум гардид, ки олими иқтисоддони рус Чуровский, С. Р. амсилаи умумии баҳодиҳии рақобатразириро пешниҳод намудааст, ки ба андешаи мо, аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд низ истифодаи самараноки он аз манфиат холӣ нест ва мо онро дар расми 1.4 пешниҳод намудаем:




**Расми 1.4 Амсилаи умумии баҳодиҳии рақобатпазирӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф дар асоси маълумоти адабиёти [186].

Ҳамчунин, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки ин афзалиятҳо ва хусусиятҳои ҷалб намудани муштариён барои дарк намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин, бо мақсади қонеъ сохтани эҳтиёҷоти мизоҷ хизматрасониҳои қобили қабул пешниҳод карда шаванд.

Ба андешаи мо, барои муайян кардани вазъи рақобати байни бонкҳо сатҳ ва сифати хизматрасониро баланд бардоштан, саривақт пешниҳод намудани маҳсулоти бонкӣ ва сатҳи таваҷҷуҳи мизоҷонро мунтазам ба назар гирифтан зарур аст.Барои баланд гардидани нуфузи бонк ва рақобатпазирии он тамоми кормандони бонк бояд бо мизоҷон муошири хуб дошта, руҳия ва ҳавасмандии онро нисбати хизматрасониҳои бонкӣ дучанд гардонанд. Зеро вазъи устувори молиявии бонк аз ҷалби зиёди муштарӣ вобастагӣ дошта, бо ин васила, имконияти ҷалби мизоҷони дигар ба амал меояд ва рақобатпазирии он дар байни бонкҳои дигар таъмин карда мешавад.

Аз мазмуни ақидаи Аливанов С.В., Шкуратов А., чунин бар меояд, ки менеҷерон ва намояндагони ба мизоҷон хизматрасон бояд маҳорати баланди муошират дошта бошанд, то ки тамоми андешаҳои муштариёнро шунида, ба онҳо сари вақт ҷавобҳои қаноатбахш диҳанд, инчунин талаботи онҳоро ба воситаи расонидани хизматрасониҳои босифат қонеъ намоянд, ки ин ҳам яке аз роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад [126].

Дар идомаи таҳқиқот муаллифони мазкур чунин қайд намудаанд, ки роҳбарияти бонк барои муайян кардани андешаи муштариён ва афзоиши рақобат байни бонкҳо бояд ҳар семоҳа қаноатмандии онҳоро назорат намуда, аз тавсия ва пешниҳодҳои онҳо барои беҳтар намудани фаъолияти минбаъдаи худ самаранок истифода баранд. Ҷорӣ намудани низоми самараноки идоракунии бонкӣ садоқати кормандони бонкро нисбат ба мизоҷон зиёд намуда, раванди баланд бардоштани рақобатпазирии онро таъмин менамояд [126].

Дар амал татбиқ намудани ҳамаи ин ҷараёнҳои ташкилӣ робитаҳои иқтисодии байни бонк ва мизоҷро қавӣ гардонида, сиёсати пулию қарзӣ ва дараҷаи пардохтпазирии онро дар бозори молиявӣ баланд мебардорад.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ мо аз муштариёни баъзе бонкҳо пурсиш гузаронида, маълумот гирифтем. Муштариён чунин меҳисобанд, ки омили беҳтарини ҷалби мизоҷон дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ин, пеш аз ҳама, расонидани хизматрасониҳои сатҳи баланд, сари вақт ва хушсифат тавассути

муоширати хуб ба шумор меравад. Яъне, дар натиҷаҳои пурсиш маълум гардид, ки аксари муштариён бонкро дар асоси шароити мусоид барои онҳо ва хизматрасониҳои хуби бонкӣ интихоб менамоянд.

Вобаста ба ин, маълум аст, ки мизоҷон пеш аз мурожиат намудан ба як бонк бо шартҳои хизматрасониҳои бонкҳои дигар шиносоӣ пайдо намуда, баъдан, барои фаъолияти минбаъдаи молиявии худ бонки дилхоҳи мушаххасро интихоб менамояд.

Дар робита ба ин, мо чунин андеша дорем, ки ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ бояд тавассути хизматрасониҳои хушсифат ва саривақтӣ шумораи муштариёнро афзун намуда, барои рақобатпазир гардонидани худ дар бозори молиявӣ, маҳсулоти бонкии рақобатпазир ба бозори молиявӣ пешниҳод намоянд.

Аён аст, ки дар шароити муосир рақобати бонкӣ ин амалӣ намудани фаъолияти асосӣ ва дар байни бонкҳои тиҷоратии дохилию хориҷӣ, инчунин, дигар ташкилотҳои қарзӣ дар бозори молиявии кишвар рақобат намудан, ба шумор меравад. Дар раванди ширкат кардан ва роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои бонкӣ, яъне ба фаъолияти молиявии бонкӣ машғул шудан, ҳамеша ҳолатҳои рақобати бонкӣ ба амал меояд, ки масъулини ҳар як бонки тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ бояд барои баланд бардоштани рақобатпазирии худ чораҳои зарурӣ андешад.

Ба ақидаи мо, бонкҳои тиҷоратӣ барои рақобатпазир будани худ бояд фаъолияти худро ба талаботи мавҷудаи соҳаи бонкдорӣ мувофиқ намуда, тавассути истифоади самараноки технологияи рақамӣ хизматрасониҳои бонкии босифати тараққикардаро роҳандозӣ намояд ва бо мақсади баланд бардоштани ракобатпазирӣ худ аз ҳамаи усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ истифода намояд.

Дар робита ба ин, Рудская Е. Н. ва Болохова Г. А. «...мафҳуми рақобатпазирии бонкро ҳангоми муайян кардани дараҷаи устувории молиявии он, инчунин, мавқеи ишғолнамудаи он дар баробари рақибони асосии худ дар сохтори бонкдорӣ ва ташкилотҳои қарзӣ фаҳмидан мумкин аст, ки ин тавассути

эҷоди арзиши беназири маҳсулот ва хидматҳои бонкӣ барои мизоҷон ба даст меояд» [96].

Ҳамин тариқ, рақобатпазирии бонкро метавон дар муқоиса бо дигар ташкилотҳои қарзӣ муайян гардидани қобилияти даромаднокӣ, бозоргирӣ ва самаранок будани фаъолияти молиявии он дар байни рақибон бо истифодаи усулҳои муосир нишон медиҳад. Вобаста ба ин, дар идомаи тадқиқот муайян гардид, ки аз ҷониби бисёр созмонҳое, ки раддабандии бонкҳоро муайян мекунанд, усулҳои муосири таҳлили рақобатпазирӣ самаранок истифода бурда мешаванд. Тибқи ақидаи таҳлилгарони соҳаи бонкдорӣ « яке аз усулҳои мураккаб ва фарогири тамоми самтҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, ки коршиносони Федератсияи Русия онро самаранок истифода мебаранд, ин низоми CAMEL, ки дар ИМА таҳия шудааст, маҳсуб меёбад. Номи усули мазкур чунин маъноҳои гуногунро дар бар мегиранд», аз ҷумла:

- «C» (capital adequacy, кифоягии сармоя) - нишондиҳандаҳои кифоягии сармоя, ки андозаи сармояи саҳомии бонкро муайян намуда, ҳамчун кафолати эътимоднокии бонк барои амонатгузорон хизмат мекунад, инчунин, ба маблағи зарурӣ мувофиқат намудани ҳаҷми воқеии сармоя ба шумор меравад;
- «A» (asset quality, сифати дороиҳо) - нишондиҳандаҳои асосии дороиҳо ва таъсири молиявии қарзҳои мавҷударо муайян намуда, ҳолати воқеӣ ва барқароршавии онҳоро таҳлил менамоянд;
- «M» (management, идоракунӣ) – арзёбии нишондиҳандаҳои сифати идоракунии фаъолияти бонк,
- «E» (earnings, даромад) – муайян наудани нишондиҳандаҳои даромаднокӣ аз нуқтаи назари кофӣ будани он барои рушди ояндаи бонк дар шароити муосир;
- «L» (liquidity, ликвиднокӣ) - нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ, ки қобилияти бонкро барои сари вақт анҷом додани пардохти уҳдадориҳо ва омодагии қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти қарз, инчунин, қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон бе мушкилӣ арзёбӣ мегардад [31].

Барои муайян кардани истилоҳи рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ дар натиҷаи омӯзиш мо андешаҳои баъзе олимони хориҷиро дар ҷадвали 1.5 манзур намудаем:

**Ҷадвали 1.5. Консепсияи рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ аз нигоҳи олимони гуногуни хориҷӣ**

| Ному насаби муаллиф | Тавсифи истилоҳи рақобатпазирӣ |
|---|---|
| М. Портер | Рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ дар шакли истифодаи воситаҳои гуногун барои пешбурди фаъолияти худ дар баробари рақибони мавҷуда пайдо мешавад [88]. |
| Ю.А.Заруба | Рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ фаъолияти босамари бонк дар раванди ба даст овардан, нигоҳ доштан ва васеъ намудани мавқеъҳои бозорӣ мебошад, ки қобилияти муассисаи бонкиро барои қонеъ гардонидани хизматрасониаш ба талаботи истеъмолкунандагон ва муқовимат ба таъсири манфии муҳити беруна пешбинӣ менамояд [66]. |
| Н.С.Яшин | Бар он ақида аст, ки рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ ҷуз қобилияти мутобиқ шудан ба шароити рақобати бозорӣ дар бахши бонкӣ чизе беш нест [1]. |
| Р.Фатхутдинов | Рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ ҳамчун механизме амал мекунад, ки дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи хизматрасониҳои бонкиро дар муқоиса бо рақибони мавҷуда тавсиф мекунад [109]. |
| Ҷ.Робинсон, Э.Чемберлин | Онҳо бар ин назаранд, ки рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ на танҳо воситаҳое мебошад, ки бо рақибон мубориза мебарад, балки рушди худи бонк низ мебошад [94]. |
| Ҷ.Шумпетер, П.Ромер | Рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ ин қобилияти бонк барои фароҳам овардани шароити нав барои фурӯши маҳсулоти бонкӣ, эҷоди технологияҳои нав ва бозорҳои нав мебошад[127]. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [127].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳо ва омӯзиши адабиёти соҳавӣ чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки дар як сатҳи зарурӣ устувории молиявии бонк рақобатпазир будани онро муайян намуда, инчунин, бонк метавонад фаъолияти мунтазами худро дар муқобили рақибон ҳадафмандона роҳандозӣ намояд.

Айни ҳол усулҳои гуногуни таҳлили рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ мавҷуданд, ки мо усулҳои бештари онҳоро барои арзёбии рақобатпазирӣ дар ҷадвали 1.6 пешниҳод намудаем:

**Ҷадвали 1.6. Усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ**

| Номи усул ва муаллифи он | Нишондиҳандаҳо | Камбудиҳои усул |
|---|---|---|
| CAMEL | Кифоя будани сармоя, пардохтпазирии бонк, сатҳи хавф, даромаднокӣ, сифати идоракунӣ. | Методологияи мазкур ба таҳлили хусусиятҳои миқдории фаъолияти бонкӣ асос ёфта, хусусиятҳои сифатии онро инъикос намекунад. |
| В. Крамонов | Пардохтпазирии фаврӣ, коэффисиенти эътимоднокӣ, коэффисиенти ҳифзи сармоя. | Ин методология пӯшида аст, ки ба мо имкон намедиҳад, ки принсипи ҳисобкунии натиҷаҳои арзёбии рақобатпазирии бонкҳоро фаҳмем. |
| Фатҳутдинов Р. | Арзиши миёнаи вазншуда дар асоси рақобатпазирии маҳсулоти мушаххас дар бозорҳои мушаххаси бонкӣ; арзёбии фаъолият [109]. | Ин методология ба маълумоти махфӣ асос ёфтааст ва он наметавонад аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни манфиатдори бозор татбиқ карда шавад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [127].

Аз ҷадвали 1.6 маълум мегардад, ки методологияи асосии арзёбии рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ низоми меъёрҳое мебошад, ки ҳисоб намудани кулли нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳоро дар бар мегиранд. Инчунин, яке аз методологияи асосӣ ин маҷмуи усулҳои арзёбии рақобатпазирӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ низоми амрикоии CAMEL ба ҳисоб меравад, ки махсусан, дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Федератсияи Руссия самаранок истифода бурда мешаванд.

Усулҳои арзёбии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки қисми зиёди усулҳо ба таҳлили маълумотҳои миқдории фаъолияти дохилии бонк тааллуқ доранд. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои сифатӣ ба инобат гирифта намешаванд, ки ин боиси паст шудани мукаммалии натиҷаҳои таҳлили фаъолияти бонки тиҷоратӣ мегардад [127].

Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти соҳавӣ маълум гардид, ки зарибҳои (коэффитсиентҳои) пардохтпазирӣ қобилияти ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат

ҷавоб додани бонки тиҷоратиро нишон медиҳанд, ки ин зарибҳо ба воситаи формулаҳои зерин муайян карда мешаванд:

- Зариби пардохтпазирии мутлақ бо %, $= \frac{\text{МН}+\text{КҚЗ}+\text{ҚД}}{\bar{\text{у}}\text{ч}}$, (1.1.),

ки дар ин ҷо: мн- маблағи накдӣ; ккз-коғазҳои қиматноки зудфурӯш; кд-қарзҳои дебиторӣ; уч- уҳдадориҳои ҷорӣ.

- Зариби самаранокӣ (идоракунии активҳо)

а) ГҚДр =ҚД/Ф, ки дар ин ҷо: ГҚДр – гардиши қарзҳои дебиторӣ ба рӯзҳо; ҚД – қарзҳои дебиторӣ; Ф – маҷмуи фурӯш. (1.2.)

б) ГМР $=\frac{\text{ЗМ}}{\text{НМФ}} \text{x } 360$, ки дар ин ҷо: ГМР – гардиши захираи мол ва ашё; ЗМ – захираи молу ашё; НМФ нархи молҳои фурӯхташуда. (1.3.)

- Зариби фоиданокӣ:

а) фоидаи умумӣ= ДФМ-Х, ки дар ин ҷо: ДФМ даромад аз фурӯши маҳсулот (адои хизмат); Х хароҷот; (1.4.)

б)ҳиссаи фоида нисбат ба дороиҳо$=\frac{\text{Мф}}{\text{Ма}}$,ки дар ин ҷо:Мф маблағи фоида; Ма – маблағи активҳо. (1.5.)

- Зарибҳои бозаргонӣ:

а) фоида аз саҳмия $=\frac{\text{Фс}}{\text{Мс}}$, ки дар ин ҷо: Фс фоидаи соф, ки чун дивиденд дода мешавад; Мс микдори миёнаи саҳмияҳои одӣ. (1.6.)

б) даромади дивиденд ба % $=\frac{\text{Дсс}}{\text{Нбс}}$, ки дар ин ҷо: Дсс –дивиденди солонаи як саҳмия; Нбс –нархи миёнаи бозории як саҳмия [56]. (1.7.)

Инчунин, бояд зикр намуд, ки барои муайян кардани шароити додани қарз ва дараҷаи рақобатпазирии он метавонанд аз зарибҳои дигар низ истифода намуда, хусусиятҳои микдорӣ ва сифатии бонк таҳлил карда шавад.

Ба андешаи Алшина А. Р.«...барои самаранок арзёбии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки бо истифода аз хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ муҳити дохилӣ ва берунии бонк таҳлил карда шавад. Барои ин бояд

методологияи баҳодиҳии рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои молиявии он истифода шавад» [127].

Мо низ ба ақидаи мазкур розӣ шуда метавонем, зеро барои муайян кардани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ тавассути методологияи баҳодиҳии рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои молиявии он бояд таҳлил карда шаванд. Дар раванди фаъолияти молиявии бонки тиҷоратӣ ҳангоми истифодаи методологияи мазкур нишондиҳандаҳои зерин, ки дар расми 5 пешниҳод гардидаанд, бояд мавриди таҳлил қарор дода шаванд:

Ҳамин тариқ, методологияе, ки дар раванди тадқиқот барои арзёбии рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ муайян карда шуд, дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ вазъи молиявии ҳар як бонкро дар алоҳидагӣ ва дараҷаи рақобатпазирии онро дар байни бонкҳои дигар муайян менамояд.

Дар робита ба ин, чунин хулоса барвардан мумкин аст: рақобатпазирии бонк нишондиҳандаест, ки самаранокии фаъолияти бонкро дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷониба тавсиф менамояд.

Бо дарназардошти андешаҳои болозикр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рақобат оид ба диверсификатсияи амалиёт ва васеъ намудани дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин, баланд бардоштани устувории молиявии онҳо таъсири мусбат расонида метавонад.

Вобаста ба рушд намудани муносибатҳои бозорӣ, дар соҳаи бонкдорӣ низ муҳити мушаххаси қонунгузорӣ, омилҳо ва механизмҳои мушаххаси рақобат дар қишрҳои гуногуни бозори хизматрасонии бонкӣ дар дохили ҳар як кишвар ташаккул ёфта, рушд менамоянд.

Мусаллам аст, давлат оид ба фароҳам овардани заминаҳои зарурии ҳуқуқӣ барои рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ, инчунин, дар ташаккули муҳити самарабахш ва солими рақобат, нақши муассир мебозанд. Бо ин мақсад, барои муайян кардани фазои солими рақобат, инчунин,

рақобатпазирии миқдорӣ ва сифатии бонкҳои тиҷоратӣ якчанд намуди таҳлилҳо роиҷ аст, ки мо қисме аз онҳоро дар расми 1.5 пешниҳод намудаем.




**Расми 1.5. Намуди таҳлилҳо барои муайян кардани рақобатпазирии миқдорӣ ва сифатии бонки тиҷоратӣ**

**Сарчашма:**Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [127].

Ҳамин тавр, ҷиҳати беҳтар ва хубтар намудани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозори молиявӣ чунин роҳҳои самаранокро пешниҳод менамоем, ки баҳри рушд ва инишофи соҳаи бонкдорӣ ва механизми идоракунии он мусоидат менамоянд:

- Ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, яъне қабули мутахассисони баландихтисос дар тамоми зербахшҳои бонки тиҷоратӣ;
- Баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ ба мизоҷон тавассути истифодаи самараноки технологияи рақамӣ;
- Мустаҳкам кардани назорати бонкӣ аз рӯйи иҷрои меъёрҳои иқтисодӣ;
- Мунтазам гузаронидани таҳлилҳои иқтисодӣ оид ба вазъи молиявии бонк ва пардохтпазирии он дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- Пайваста омӯхтани фаъолияти бонкҳои рақиб дар дохил ва хориҷи мамлакат;
- Гузаронидани аудити дохилӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида;
- Зери назорати ҷиддӣ гирифтани бозоргирии бонк.

Ба андешаи мо, пешниҳодҳои мазкур ҳангоми таъмин гардидани иҷроиши онҳо ба таври назаррас рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзиро баланд бардошта, ҳамзамон, дар таъмини фаъолияти самараноки бонкӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

## 1.3 Таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ

Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёти ҷаҳони муосир дар тамоми соҳаҳо, махсусан, соҳаи бонкдорӣ марҳила ба марҳила рақобат шадидтар шуда, ба рушди минбаъдаи онҳо такони сахте ворид намудааст. Бо дарназардошти ин, бонкҳои тиҷоратӣ ва тамоми ташкилотҳои қарзии мамлакат бояд пайваста такмил дода шаванд ва ба шароити тағйирёбандаи бозори молиявӣ мутобиқ гардонида шаванд.

Ба ақидаи мо, таҷрибаи кишварҳои мутараққии хориҷиро омӯхтан ҳамчун сарчашмаи асосии донишҳои назариявию амалӣ дар низоми бонкӣ гардида, раванди рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзиро истифодаи самараноки он таъмин менамояд. Дар робита ба ин олими иқтисоддон Юлдошева С. Ш. Қизӣ қайд намудааст, ки истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷӣ дар бахши бонкии кишвар дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ метавонад ба рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, барои фароҳам овардани шароити мусоид оид ба ҷалби сармоя ва рушди тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ расонида, инчунин ба таҳкими эътимод ва боварӣ ба низоми бонкӣ дар байни аҳолӣ ва ҷомеаи соҳибкорӣ мусоидат намояд [194].

Ба андешаи мо, дар шароити кунунии рушд ва сар задани буҳронҳои иқтисодӣ мушкилоти масъалаҳои фаъолияти молиявию қарзӣ ба амал меоянд, аз ин лиҳоз, таҳлили таҷрибаи ояндадори хориҷӣ ва истифодаи самараноки он дар самти баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ муҳим ба шумор меравад. Дар асоси маълумоти омории байналмилалӣ, кишварҳои дорои бонкҳои калонтарин Ҷумҳурии Мардумии Чин, ИМА ва Британияи Кабир маҳсуб меёбанд (Ҷадвали 1.7).

**Ҷадвали 1.7 Номгӯи бонкҳои калонтароини мамлакатҳои хориҷӣ ва сармояи бозавии онҳо**

| **Мавқеи ишғолнамуда** | **Номгуи бонкҳо** | **Номгуи мамлакатҳо** | **Сармояи базавии бонк (млрд.доллари ИМА)** |
|---|---|---|---|
| 1 | ICBC | ҶМЧ | 541,020 |
| 2 | China Construction Bank | ҶМЧ | 455,400 |
| 3 | Agricultural Bank of China | ҶМЧ | 422,173 |
| 4 | Bank of China | ҶМЧ | 378,532 |
| 5 | JP Morgan Chase | ИМА | 294,881 |
| 6 | Bank of America | ИМА | 223,458 |
| 7 | Citigroup | ИМА | 174,527 |
| 8 | Bank of Communications | ҶМЧ | 156,252 |
| 9 | Wells Fargo | ИМА | 152,866 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводи электронӣ [49].

Аз ҷадвал 1.7. маълум мегардад, ки аз ҷумлаи кишварҳои дорои бонкҳои калонтарин Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамчун давлати пешсаф маҳсуб меёбад ва сармояҳое, ки дар ҷадвал нишон дода шудаанд, аз сармояи асосӣ, дороиҳои ғайромоддӣ, маблағи сармояи саҳҳомӣ, ва захираҳои молиявӣ иборат мебошанд. Аз ин сармояҳо сармояи асосӣ барои кам кардани бехатарӣ равона гардида, ҳамзамон, талафоти бонкиро ихтисор менамояд.

Инчунин, бояд зикр намуд, ки дар байни кишварҳои мутараққии хориҷа, махсусан, мамлакатҳои Европа низоми бонкии Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ИМА даромаднокии зиёдро таъмин намуда, дар ҷойи аввал қарор доранд, ки мо нишондиҳандаҳои молиявии чанде аз онҳоро дар ҷадвали 1.8. пешниҳод намудаем:

**Ҷадвали 1.8. Низоми бонкии даромаднoктарини кишварҳои хориҷӣ**

| Номгуи мамлакатҳо | Натиҷаи молиявӣ (млрд. доллари ИМА) |
|---|---|
| Ҷумҳурии Мардумии Чин | 400,1 |
| Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | 342,7 |
| Канада | 63,6 |
| Британияи Кабир | 55,0 |
| Фаронса | 54,7 |
| Ҷопон | 43,7 |
| Испания | 36,2 |
| Австралия | 34,5 |
| Россия | 31,6 |
| Ҳиндустон | 30,6 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводи электронӣ [49].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1.8 маълум мегардад, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Мардумии Чин нисбат ба дигар мамлакатҳо даромаднокии зиёдро ташкил намуда, дар як соли ҳисоботӣ ба маблағи 400, 1 млрд. доллари ИМА – ро ташкил медиҳад. Хусусиятҳои хоси рушди низоми бонкии Чин аз он иборат аст, ки тайи солҳои ҳаҷми сармояи хориҷӣ дар дороиҳои банкҳо паст гардида,дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ сатҳи рақобат афзоиш ёфт.

Вобаста ба ин, донишманди чинӣ Го Ченчен қайд намудааст, ки таҳлили бозори бонкии Чин дар асоси пурсишҳои муштариён нишон дод, ки аксари

муштариён бо назардошти возеҳ будани ахбороти молиявии бонки хитзматрасон, дастрас будани қарзҳои мухталиф, дар пешниҳод намудани хизматрасониҳои бонкӣ нишон додани сатҳи баланди муошират бо мизоҷон, саривақт ва бо сифати хуб тааъмин намудани ҳуҷҷатҳо, ба устувории молиявӣ ва боварии пурраи бонкҳои ватанӣ, инчунин, сари вақт анҷом додани амалиёти бонкӣ баҳои баланд пешниҳод намуданд. Илова бар ин, муштариён суръати муомилоти пули нақд, обрӯи бонк ва сифати хизматрасонии бонкиро хуб арзёбӣ намуданд [20].

Ба ақидаи мутахассисони чинӣ, нуфӯзи бонк дар натиҷаи истифодаи самараноки технологияи муосири инноватсионӣ дар байни рақибон баланд гардида, дараҷаи баланди рақобатпазириро таъмин менамояд.

Дар идомаи тадқиқот вазъи кунунии бахши бонкдории давлати Сингапурро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додем.

Аз таҳлилҳо муайян гардид, ки давлати Сингапур яке аз калонтарин марказҳои молиявии ҷаҳон ба шумор меравад. Дар айни ҳол, бинобар сабаби мавқеи ҷуғрофии қуллай доштан онро "пойтахти молиявии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ" меноманд, ки ин, пеш аз ҳама, ба сиёсати пулию қарзии давлат барои ҷалби сармоя аз бонкҳои тиҷоратӣ вобастагӣ дорад. Тибқи маълумоти расмӣ, айни ҳол дар Сингапур 117 бонки тиҷоратии хориҷӣ ва 6 бонки минтақавии маҳаллӣ фаъолият доранд, ки аксари онҳо комилан универсалӣ буда, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, хизматрасониҳои бонкӣ мерасонанд [22].

Тадқиқот нишон дод, ки оғози ислоҳоти низоми бонкии Сингапур ба охири асри бистум рост меояд, ки Бонки марказии Сингапур (MAS) ба татбиқи чораҳои либерализатсияи низоми бонкӣ, аз ҷумла содагардонии додани иҷозатномаҳои низоми бонкӣ, пеш аз ҳама ба бонкҳои хориҷӣ, инчунин маҳдудияти моликияти саҳмияҳои бонкҳои хориҷӣ дар бонкҳои маҳаллӣ аз 40 то 32 фоиз коҳиш ёфт, ки иқдоми мазкур қадами навбатии ҷараёни баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар кишвар гардида буд [22].

Бонкҳое, ки ба шахсони воқеӣ  ва муассисаҳои давлатӣ хизматрасонӣ менамоянд,  дар навбати худ ба ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд, ки дар расми1.6 манзур карда шудаанд:




**Расми 1.6 Сохтори бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ дар давлати Сингапур**
**Сарчашма:**Таҳияи муаллиф дар асоси маводи электронӣ [22].

Инчунин, яке аз омилҳои баланд шудани сатҳи рақобатпазирии бонкҳои Сингарур гузаронидани ислоҳот дар самти табдил додани аксари бонкҳо ба бонкҳои яклухт мебошад.

Ғайр аз ин, бо мақсади муттаҳид намудани  бахши бонкӣ як қабил муассисаҳои хурди молиявӣ ва бонкҳои хурд якҷоя карда шуданд, ки ин суботи молиявии бахши бонкиро афзун намуда, дараҷаи  хавфҳои бонкиро ба таври лозимӣ  коҳиш дод.

Илова бар ин, бо мақсади муттаҳидсозии бахши бонкӣ баъзе бонкҳои хурди маҳаллӣ муттаҳид карда шуданд, ки ин сатҳи хавфро ба таври назаррас коҳиш дод ва устувории молиявии низоми бонкии кишварро баланд бардошт.

Ба гуфтаи муҳаққиқони сингапурӣ, «...ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои кишвар як қатор омилҳо бевосита таъсир расониданд:

- ➢ ба танзим даровардани хизматрасониҳои бонкӣ;
- ➢ муттаҳидсозии бонкҳои маҳаллӣ;
- ➢ афзоиш додани фаъолияти бонкҳои хориҷӣ;
- ➢ ҷорӣ намудани инноватсияҳои бонкӣ;
- ➢ танзими нархҳои хизматрасониҳои бонкӣ бо дарназардошти тавонии мизоҷ;
- ➢ ҳимояи ҳуқуқии пасандозҳо ва дигар амалиёти бонкӣ» [22].

Ба андешаи мо дар баробари омилҳои мазкур, инчунин, истифодаи самараноки технологияи муосири рақамӣ ва бо ин васила ҳавасмандгардонии муштариён яке аз омилҳои асосии рақобатпазир гардондани бонкҳои тиҷоратӣ дар дохил ва хориҷи кишвар маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки омили дигари таъмини рақобатпазирии бахши бонкии кишвар фазои мусоиди андозбандӣ ба шумор меравад, ки ин омил дар давлати Сингапур ба инобат гирифта шудааст ва дар расми 1.7 пешниҳод гардиданд.




**Расми 1.7 Имтиёзҳои андозӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар Сингапур**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [110]

Дар идомаи тадқиқот мо вазъи бонкҳои тиҷоратии Швейтсарияро мавриди баррасӣ қарор додем. Маълум гардид, ки суботи молиявӣ ва рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратии Швейтсария низ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, оиди рушди мунтазами онҳо шубҳае вуҷуд надорад.

Шапошников А. М., чунин мешуморад, ки «афзоиши рақобатпазирии бонкҳои Швейтсария, пеш аз ҳама, бо либерализатсияи бахши бонкӣ, инчунин, диверсификатсияи фаъолият бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни мизоҷон ва баланд гардидани ҳаҷми фоидаи соф муайян карда мешавад» [118].

Аз ҷумла муаллиф қайд менамояд, ки дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Швейтсария муносибати фардӣ бо мизоҷ ва додани машваратҳо оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, хизматрасониҳои виртуалӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки дар сурати муфлисшавии муваққатии мизоҷ мӯҳлати шартномаи қарз тамдид мегардад ё пардохти фоизҳо ба таъхир гузошта мешаванд, ки ин амал яке аз роҳҳои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии муштариён ба ҳисоб меравад. [118].

Ба ақидаи мо, барои рушди мунтазами бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи пешқадами баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои Швейтсария дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ манфиатовар маҳсуб меёбад. Зеро низоми бонкии Швейтсария нисбат ба дигар бонкҳои ҷаҳонӣ хеле инкишоф ёфта, дорои таҷрибаи кофӣ доир ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ мебошад.

Л. Н. Красавина дар таҳқиқоти худ қайд намудаанд, ки «тавозуни умумии бонкҳои Швейтсария наздикии 2,5 триллион франки швейтсариро (CHF) ташкил медиҳад. Ҳамзамон, маълум гардид, ки бонкҳои Швейтсария 11% ММД, 10% даромадҳои андоз ва 3% шуғли аҳолиро дар кишвар таъмин мекунанд» [75].

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки Швейтсария дар доираи узвияти эҳтимолии Иттиҳодияи Аврупо саъю кӯшиш намуда истодааст, ки мавқеи

рақобатпазири худро ҳамчун як маркази молиявии ҷаҳонӣ мустаҳкам намуда, рушди мунтазами бонкҳои мавҷударо таъмин намояд.

Тавре ки профессор Л.Н. Красавина дар идомаи таҳқиқоти худ қайд менамояд, «дар Швейтсария, тақрибан 13 маркази молиявии ҷаҳонӣ мавҷуд буда, ба фаъолияти молиявии бонкӣ машғуланд. Инчунин, зикр намудааст, ки вижагии Швейтсария дар он аст, ки ин кишвари хурд, яъне ҳудудаш - 42 ҳазор километри мураббаъ, аҳолиаш - 7,3 миллион нафар, ки аз ҷумла 20% хориҷиён мебошанд, аз як маркази Аврупо ба маркази молиявии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст» [75].

Маврид ба ёдоварист, ки 55%-и муштариёни бонкҳои Швейтсария мизоҷони хориҷӣ ба шумор меравconfiguration, аз онҳо 25% амонатгузорони хусусӣ ва 30% мизоҷони корпоративӣ (30%) мебошанд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки 31,2% моликияти хусусии намояндагони тамоми ҷаҳонро бонкҳои Швейтсария идора мекунанд, яъне аз рӯйи ин нишондод Швейтсария нисбат ба минтақаи Кариб -15,6%, Лондон-11,4%, Люксембург-11,4%, Ню-Йорк-10% ва давлати Сингапур бошад, ба миқдори 7,7% пешсаф мебошад [75].

Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки дар Швейтсария 147 бонки хориҷӣ фаъолият намуда, саҳми худро дар баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар мегузоранд. Вале бонкҳои хориҷӣ дар робита бо ҷалб намудани мизоҷони маҳаллӣ бо бонкҳои миллии мамлакат рақобат намекунанд. Аммо рақобат байни бонкҳои хориҷӣ ва миллии Швейтсария дар бозори маҳсулоти якхелаи бонкӣ, дар соҳаи идораи дороиҳои мизоҷон ва амалиёт бо маблағҳои инвеститсионӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бештар ҷалб карда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо рақобат тавассути ҳамкориҳои якҷояи бонкҳои хурди хориҷӣ ва бонкҳои миллии Швейтсария амалӣ карда мешаванд.

Инчунин, бояд зикр намуд, ки 100 бонки худи Швейтсария бошад, дар хориҷа дар шаклҳои гуногуни институтсионалӣ ба фаъолияти молиявӣ машғуланд, ки онҳо мавқеи мамлакатро дар раддабанӣ байни давлатҳои дигар баланд мебардоранд, ки ин боиси дастгирист.

Чуноне ки профессор Л.Н. Красавина қайд менамояд «...бо мақсади рушди иқтисодиёти кишвар Швейтсария бо зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон созишнома оид ба андозбандии дукарата имзо намуда, бо ин васила воридшавии сармояи хориҷиро тавассути сатҳи баланди пасандозҳо таъмин менамояд. Инчунин, бо мақсади ҷалби ҳар чи зиёди муштариён бонкҳое, ки дар Швейтсария фаъолият менамоянд, ба мизоҷон қазҳои гуногунро бо фоизи паст пшниҳод менамоянд [75].

Бо дарназардошти ин, мо таҷрибаи пешқадами бонкҳои Швейтсарияро доир ба ҷалб намудани мизоҷон тавассути пешниҳоди қарз бо фоизҳои паст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди қабул ва истифода меҳисобем. Зеро зиёд шудани шумораи муштариён дар бонк омили баланд гардидани вазъи молиявӣ ва рақобатпазирии он дар бозори молиявии ҷаҳонӣ мегардад.

Ба андешаи мо, яке аз таҷрибаҳои омӯхтании бонкҳои Швейтсария дар он аст, ки дар раванди фаъолияти корӣ расман 4 забон, аз ҷумла олмонӣ – 63,6%, фаронсавӣ – 20,4, итолиёвӣ – 6,5, романӣ – 0,5% истифода мешавад. Забони англисӣ бошад, дар ҷойи панҷум қарор дорад.

Дар робита ба ин, месазад қайд намуд, ки донистани забонҳои гунгуни хориҷӣ барои муоширати бевоситаи байни мизоҷон ва мутахассисони бонк бе истифодаи тарҷумон мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, бояд зикр намуд, ки Ассотсиатсияи бонкҳои хориҷӣ дар Швейтсария фаъолият намуда истодааст, ки аз раванди таҳқиқотҳои илмии он бо мақсади рушди низоми бонкӣ Ассотсиатсияи банкирҳои Швейтсария низ дар раванди фаъолият самаранок истифода мебаранд.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт Швейтсария яке аз аввлинҳо шуда, ба таҷдиду азнавсозии сохтори бонкии худ нисбат ба дигар кишварҳо барвақттар оғоз намуда, оид ба масъалаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дурнамои таҳкими рақобатпазирии бонкҳоро қабул намуд, ки чунин самтҳоро дар бар мегирад:

- мукаммалгардонии назорати тамоми амалиёти бонкҳо;

- ❖ такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми бонкӣ ва ба шароити муосир мутобиқ намудани онҳо;
- ❖ татбиқи тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар раванди фаъолият;
- ❖ самаранрк истифода намудани технологияҳои инноватсионии бонкӣ;
- ❖ риояи ягонаи талаботи қоидаҳои одоби корӣ аз ҷониби тамоми бонкҳо ва дигар иштирокчиёни бозори молиявӣ.

Илова бар ин, таҷрибаи бонкҳои Швейтсария дар самти ҷудо намудани қарзҳои ипотекӣ назаррас буда, тавассути пешниҳоди қарзҳо бо меъёри фоизи паст муштариёни бештарро ҷалб намуда, ҳамзамон, дар рушди иҷтимоии аҳолии кишвар саҳми муассири худро мегузоранд. Яъне, бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои ипотекиро бо франки Швейтсария барои хариди амволи ғайриманқул дар кишвар ба андозаи то 80%-и арзиши мол бо меъёри муқарраршудаи аз 4 то 5% дар як сол, бо доллар ва евро пешниҳод менамоянд.

Аз таҷрибаи низоми бонкии Швейтсария чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо мақсади рақобатпазир гардонидани худ дар бозори молиявӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ чораандешӣ намоянд.

Аз таҷрибаи низоми бонкии Швейтсария метавон хулоса кард, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии худ дар бозори молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ тавассути истифодаи самараноки технологияҳои муосири рақамӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Инчунин, бояд оид ба ҷалби мутахассисони баландихтисос ва забондонии онҳо чораҷӯйӣ намуда, ба мизоҷон қарзҳои гуногун бо меъёри фоизҳои дастрас пешниҳод намоянд то шумораи муштариёни фаъоли бонк афзоиш ёбанд. Ҳамзамон, давлат бояд дар рушду нумӯи муассисаҳои молиявӣ мусоидат намуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самти бонкдорӣ такмил диҳад ва ба

инкишофи ҳамкории байналмилалии бонкҳои тиҷоратӣ кумаки ҳуқуқӣ расонад.

Дар идомаи таҳқиқот мо низоми бонкии Ҷумҳурии Қазоқистонро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додем. Ҳангоми омӯзиш маълум гардид, ки бонки бузургтарин дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба санаи 1 январи соли 2025 Халик Бонк бо сармояи 3,07(₸) триллион тенге қарор дорад. Дар ҷойи дуюм бошад, Kaspi Bank, сармояи он ба 1,03(₸) триллион тенге ва дар ҷойи сеюм Жусан Бонк бо нишондоди 849,5(₸) миллиард тенге мавқеъ гирифтаанд. Маълумоти кунунӣ дар бораи вазъи низоми бонкии кишвар дар моҳи феврали соли 2025 нашр шудааст. (ниг. ба ҷадвали 1.9)

Бино ба маълумоти Агентии танзим ва рушди бозори молиявии Қазоқистон, дар сохтори умумии низоми бонкии кишвар 12 бонк, аз ҷумла 9 бонки фаръӣ амалиётҳои хориҷӣ анҷом медиҳанд. Дороиҳои тамоми низоми бонкии Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли 2024 19,7 фоиз афзуда, ба 61,6 триллион тенге расид, ки асосан аз ҳисоби афзоиши портфели қарзӣ 20,0 фоизро ташкил додааст [12].

**Ҷадвали 1.9. Нишондиҳандаҳои молиявии баъзе бонкҳои Ҷумҳурии Қазоқистон то моҳи феврали соли 2025**

| Номгуи бонкҳо | Сармояи бонк (ҳаз. Тенге) | Афзоиш аз аввали соли 2025 (ҳаз.тенге) |
|---|---|---|
| Халик Бонк | 3069973539 | 42510207 |
| Kaspi Bank | 1028115266 | 3202904 |
| Жусан Бонк | 849497944 | 7919729 |
| Отаси Бонк | 709567113 | 21401702 |
| Банк Центр Кредит | 624482977 | 23138751 |
| Forle Bank | 561536623 | 35422903 |
| Бонки Европой | 412760523 | 15318162 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [12].

Ҳангоми омӯзиш ва баррасӣ маълум гардид, ки бонкҳои Қазоқистон дар раванди фаъолияти молиявии худ технологияи муосири рақамиро самаранок истифода бурда, зуд ба технологияҳои нав мутобиқ гардидаанд. Муҳаррикҳои асосии истифодаи технологияи рақамӣ дар бахши бонкӣ интернети дастрас, суръати каналҳои интиқоли иттилоот, воридшавии афзояндаи хадамоти алоқа ва мавҷудияти мутахассисони баландихтисоси технологияи иттилоотӣ ба

шумор меравад, ки, ин омил дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба таври зарурӣ роҳандозӣ гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот аз таҷрибаи хориҷӣ маълум гардид, ки бонкҳои тиҷоратие, ки бо мизоҷон тавассути истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ доираи васеи хизматрасониҳои саривақтӣ ва хушсифатро пешниҳод менамоянд, бешубҳа, нисбат ба бонкҳое, ки доираи маҳдуди хизматрасонӣ доранд, бартарӣ ва афзалият дошта, дорои нуфӯзи баланд гардидаанд. Дар шароити муосир мушоҳида карда мешавад, ки бонкҳои бузурги тиҷоратӣ ба муштариён шумораи зиёди хизматрасонии ҳамаҷонибаи бонкиро пешниҳод менамоянд. Яъне, бонкҳои тиҷоратӣ дар қатори ҳисоббаробаркуниҳои кредитӣ ва хизматрасониҳои хазинавӣ ба мизоҷони худ як қатор хидматҳои дигарро пешкаш мекунанд. Аз ҷумла, бонкҳо ба мизоҷон хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоб кардан ва пардохти андозҳо, пардохти музди меҳнат, интиқоли маблағҳо дар дохил ва хориҷи кишвар, ба низом даровардани иттилооти ҳисоббаробаркунӣ ва ҳифзи ҳуҷҷатҳо, муайян намудани бақияи ҳаррӯза, ҳафтаина ва моҳона ба воситаи пешниҳоди нусха аз амалиёти суратҳисоб ва ғайраро анҷом медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки амалиёти бонкии гуногун гузаронидан бо доираи васеи мизоҷон ин ҳадафи асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар тамоми кишварҳои мутараққӣ ба шумор меравад. Масалан, аз таҳқиқот маълум гардид, ки бонкҳои тиҷоратии калонтарин ва пешрафтаи Британияи Кабир тақрибан 100 намуди амалиётро барои хизматрасонӣ ба мизоҷони худ истифода мебаранд. Бонкҳои тиҷоратии ИМА бошад, зиёда аз 150 намуди амалиёт ва бонкҳои Ҷопон, тақрибан, 300 намуди амалиётро бо мақсади ҳавасмангардонии муштариён ва баланд бардоштани рақобатпазирии худ дар байни бонкҳои дигар анҷом медиҳанд.

Ба андешаи Гнатив Е. А. ва Владимир О., «...диверсификатсияи доираи хизматрасониҳои молиявию бонкӣ ва баланд бардоштани дараҷаи умумияти фаъолият дар бозори молиявию бонкӣ, ки «эволютсияро муайян мекунад, шаклҳои ташкилии муассисаҳои молиявӣ, ба монанди марказҳои молиявӣ,

супермаркети молиявӣ хизматрасонии машваратӣ ва ғайра тамоюли мусбии фаъолияти бонкиро дар замони муосир муайян менамоянд» [19, 17,].

Мо низ ба ақидаи олимони мазкур розӣ шуда метавонем, зеро гуногунии доираи хизматрасониҳои молиявию бонкӣ метавонад ҷалби васеи муштариёнро таъмин намуда, ҳамзамон, дар раванди баланд бардоштани рақобатпазирии бонк нақши муассир дошта бошад.

Вобаста ба ин, Гнатив Е. А. чунин андеша дорад, ки дар рушди иқтисодии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ нақши бонкҳои тиҷоратӣ, ки аз ҷониби сармояи хориҷӣ зери назорат қарор доранд, афзоиш меёбад. Яъне бонкҳое ба шумор мераванд, ки дар раванди фаъолияти онҳо беш аз 50% сармояи оинномавӣ ба ғайрирезидентҳо тааллуқ дорад. Ин ақидаро фарқияти нишондиҳандаҳои иқтисодии кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, ки дар ҳолати гузариш қарор доранд, тасдиқ мекунад. Зеро дар аксар мамлакатҳои давраи гузариш, ғайр аз Венгрия ва Полша, сармояи хориҷӣ қисми зиёди бонкҳо, аз он ҷумла муассисаҳои амонатӣ ва банкҳои чаканаро назорат мекунад [19].

Ҳамзамон, маълум гардид, ки ҷиҳати таҷдид ва такмили бахши бонкӣ ва беҳтару хубтар намудани сатҳи хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ омӯзиш ва татбиқи моделҳои гуногуни кишварҳои тараққикарда мувофиқи мақсад мебошад.

Ба ақидаи Масличенков Ю. С., «вобаста ба таҷриба дар ҷаҳони муосир бештар ба моделҳои амрикоӣ (англосаксӣ) ва аврупоӣ (олмонӣ-ҷопонӣ) таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Тибқи маълумоти оморӣ, дар модели англо-саксӣ 27,7% маҷмуи умумии дороиҳо ба бонкҳо ва 77% ба ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ вобаста мебошад» [82].

Вобаста ба ин, аз мазмуни андешаҳои Тихонов Э. Е. бар меояд, ки дар модели аврупоӣ (Олмон ва Австрия) афзалияти ҷалби захираҳои молиявӣ ба бонкҳо тааллуқ дошта, аз ҷумла, 77 фоизи воситаҳои молиявиро ташкил медиҳанд ва 23 фоизи боқимонда бошад, моликияти дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба шумор меравад. Модели аврупоиро он кишварҳое истифода мебаранд, ки бонкҳо, асосан ба ҷалб ва ҷойгиркунии захираҳои

молиявӣ машғуланд. Хизматрасонии молиявию қарзӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои корпоративӣ аз ҷониби бонкҳо ба бахши хусусӣ ва бахши воқеӣ пешниҳод карда мешаванд [104].

Модели аврупоӣ, чунин моделе ба шумор меравад, ки пешсаф будани бонкҳоро дар самти ҷалб намудани маблағҳои муваққатан озод ва ҳамчун қарз пешниҳод намудани онҳо ба бахши корпоративӣ муайян менамояд ва дар аксари кишварҳо афзалият пайдо намудааст.

Дар модели англо-саксонӣ бошад, муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ, ба монанди фондҳои нафақа, ширкатҳои суғурта, фондҳои инвеститсионӣ ва ғ. маблағҳои муваққатии озодро ҷалб намуда, онҳоро дар бахшҳои воқеӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Модели аврупоӣ, ки дар бисёр кишварҳо бартарият дорад, пешсафии бонкҳоро дар ҷалби маблағҳои мувакқатан озод ва дар шакли қарз ба бахши корпоративӣ аз ҷониби бонкҳои универсалӣ пешниҳод менамояд.

Дар модели англо-саксонӣ муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз қабили ширкатҳои суғурта, фондҳои нафақа, фондҳои инвеститсионӣ ва ғ. дар ҷалб ва сафарбар намудани маблағҳои муваққатан озод ва ҷойгир кардани онҳо дар бахши воқеӣ накши муҳим мебозанд.

Олимони ватанӣ Улуғхоҷаева Х. Р. ва Мирзоев С. С. бар он ақидаанд, ки « зимни таснифи моделҳои мухталиф, ба ҷуз аз меъёрҳои асосӣ, маҷмуи омилҳои иловагӣ, аз ҷумла мутаносибии шаклҳои моликият, таносуби сармояи худӣ ва ҷалбкардашуда, сохтори маблағгузориҳои беруна, усулҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ низ ба кор бурда мешаванд» [176].

Қобили зикр аст, ки дар самти ҷалб намудан ва сафарбар кардани захираҳо ва пешниҳоди хизматрасонӣ дар бозори коғазҳои қиматнок тибқи модели амрикоӣ ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дар баробари бонкҳо фаъолона иштирок намуда, дар ин раванд нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ пешсаф ба ҳисоб мераванд. Дар ин модел оид ба маблағгузории бахши воқеӣ инҳисорот мавҷуд нест.

Ба андешаи Логутова С. В., «...дар кишварҳои аз рӯйи модели амрикоӣ фаъолияткунанда, тамоюл ба тавсеаи умумигардонии фаъолияти бонкӣ мушоҳида карда мешавад. Дар ин асно, бонкҳои бузург, ба монанди Citibank, J.P.Morgan Chase ва Bankers Trust пурра ба бонкҳои универсалии навъи аврупоӣ табдил ёфтаанд. Зеро дар шароити муосир ҷудо намудани фаъолияти инвеститсионӣ аз тиҷоратии бонкҳо торафт мушкил арзёбӣ мегардад» [158].

Ҳамчунин, месазад баён намуд, ки модели аврупоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Масалан, дар Ҷопон 73% ва дар Олмон 64%-и саҳмияҳо ба муассисаҳои молиявӣ тааллуқ дошта, боқимонда моликияти хусусӣ ба шумор меравindependent.

Дар баробари истифодаи моделҳои бонкҳои хориҷӣ ба ақидаи олимони ватанӣ Улуғхоҷаева Х. Р., Мирзоев С. С., « дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ идоракунии бонк аҳаммияти калон дошта, бо тахассуси баланди кормандони бонк, маҳорати ташкилотчигӣ, назорати дохилӣ ва мониторинги фаъолияти бонк алоқаманд аст. Дар раванди идоракунӣ, салоҳияти техникӣ, қобилияти идора кардани ҳайати кормандон, тахассус ва таҷрибаи маъмурият барои кабули карорҳо, самараи кори идоракунии ҳамаи шуъбаҳо, сифати назорат аз тарафи роҳбарият аҳаммияти аввалиндараҷа дорад» [176].

Инчунин, муаллифон бар он ақидаанд, ки идоракунии самараноки фаъолияти мунтазами бонкӣ иҷрои нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии банақшагирифтаротаъмин менамояд. Ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ шумораи муштариён, номгӯи хизматрасониҳои бонкӣ, ҳаҷми пасандозҳо, ҳаҷми сандуқи қарзӣ ва ғайра дохил шуда, нишондиҳандаҳои сифатӣ бошад, даромади дороиҳо (ROA, ROE), суръати гардиши маблағҳо, дараҷаи қонеъ гардонидани дархостҳои мизоҷон оид ба ҳаҷм, сохтор ва сифати хизматрасонии бонкиро дар бар мегиранд [176].

Ба андешаи мо, модели аврупоӣ, ки маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионии хавфнокро маҳдуд менамояд, ба таъмини устувории низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Аз таҷрибаи бонкҳои тиҷоратии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ ва кишварҳои дар ҳоли гузариш, инчунин, таҷрибаи бонкҳои трансмиллӣ дар

кишварҳоро омӯхташуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дивесификатсияи амалиёти бонкҳо ба ҳама ҷузъҳои рақобатпазирӣ таъсири мусбати худро расонида метавонанд. Маълум гардид, ки бонкҳои тиҷоратӣ тавассути истифодаи самараноки технологияи инноватсионии рақамӣ метавонанд дар рушди иқтисодии кишвар ва некуаҳволии аҳолии он саҳми арзандаи хешро гузоранд. Инчунин, муайян карда шуд, ки низоми бонкӣ ба самтҳои мухталифи рақобатпазирии миллӣ таъсири мусбат расонида метавонанд, аз ҷумла:

- ба рушди бозори молиявӣ;
- ба бахши ҷалби сармоягузории хориҷӣ;
- ба афзоиши андоз аз даромад;
- ба рушди технологияҳои инноватсионӣ;
- ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ;
- ба рушди самараноки зеҳнӣ, технологӣ ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки ташкил намудан ва рушд додани чунин як низоми рақобатпазири бонкӣ ва қонеъгардонандаи талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонад дар рушди босуботи тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ саҳми муассири хешро гузорад.

Ба андешаи мо, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз моделҳои зикршуда ташкил намудани бонкҳои тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ муфид арзёбӣ гардида, дар заминаи фаъолияти самараноки онҳо сифати хизматрасониҳои бонкӣ беҳтар гардида, татбиқи лоиҳаҳои бузурги инвеститсионии бахшҳои гуногуни иқтисодиёт бо коҳишдиҳии хавфҳои молиявӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамзамон, лозим мешуморем, ки дар тамоми бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар доираи имкониятҳо роҳандозӣ намудани технологияи муосири инноватсионӣ, амалӣ намудани шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла интернетбанкинг, бонкдории мобилӣ, технологияи рақамӣ ва ғ. ба рушди бозори молиявӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Вале месазад қайд намуд, ки татбиқи амалии рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳолате таъмин карда

мешавад, ки бояд тавассути дастгирӣ ва танзими давлатии низоми бонкӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар зерсохтори низоми бонкӣ , ки бо технологияҳои нави рақамӣ муҷаҳҳаз бошанд, ташкил карда шавад.

## 1. Хулоса аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби якум:

Дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва амалии баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ метавон хулоса ва пешниҳодҳои зеринро бо мақсади беҳтар гардидани низоми бонкӣ дар ҳудуди мамлакат бо истифода аз таҷрибаи дохилӣ ва хориҷӣ пешниҳод намуд:

1. Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар кишвар тавассути зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои бонкӣ бо истифода аз технологияи муосири рақамӣ бозори молиявӣ рушд намуда, ба беҳтар гардидани сатҳу сифати аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот мафҳумҳои калидии ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, аз ҷумла, рақобат ва рақобатпазирӣ, иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ муайян карда шуданд. Дар ниҳоят, мафҳум ва моҳияти мукаммали иқтисоди рақамӣ, инчунин, нақши он дар раванди баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ карда шуда, бо иқтибос ва далелҳои илмӣ асоснок гардиданд;

2. Рушди низоми бонкӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии босифат дар ҶТ бояд ба таври мунтазам ва бонизом дар асоси таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва имкониятҳои миллии мамлакат бояд мавриди амал қарор дода шаванд. Вобаста ба ин, баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни арзёбии он дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ, ки дар таҳқиқоти илмӣ муайян карда шуданд, таъмин карда мешавад;

3. Ҳамин тариқ, якчанд роҳҳои самаранок ва муфид, аз қабили ҷалб намудан ва ҷобҷогузории кормандони соҳибтахассус, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ, пайваста амалӣ намудани таҳлилҳои молиявию иқтисодӣ, омӯзиши фаъолияти бонкҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ҷалб намудани

аудити ташаббусӣ ва ғ. бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва рақобатпазир гардидани онҳо дар бозори молиявӣ пешниҳод намудем, ки дар такмил ва рушди низоми бонкдории кишвар мусоидат менамоянд;

4. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо истифода аз таҷрибаи бонкҳои рушёфтаи ҷаҳонӣ миқдор ва сатҳу сифати амалиёти худро беҳтар намуда, дар ин радиф сатҳи рақобатпазирии худро дар байни рақибон баланд бардоранд. Аз ҷумла ба андешаи мо, мавриди истифода қарор додани таҷрибаи бонкҳои тиҷоратии давлатҳои пешрафта, ба монанди Швейтсария, ИМА, Сингапур ва Русия аз манфиат холӣ нест.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

## 2.1 Ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бонкҳо, асосан, дар шакли дузинагӣ амал мекунанд, ки дар зинаи якум Бонки марказӣ ва дар зинаи дуюм бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ меистанд. Сабаби ташкили низоми бонкии дузинагӣ ба характери ихтилофӣ доштани муносибатҳои бозаргонӣ вобаста аст.

Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) - зинаи асосии низоми бонкӣ ва моликияти давлатӣ маҳсуб ёфта, байни давлат ва иқтисодиёт нақши миёнаравро иҷро менамояд. БМТ дар фаъолияти худ манфиати умумимиллиро ҳимоя карда, сиёсати худро на ба фоидаи ин ё он минтақа ё соҳаи алоҳидаи хоҷагии халқ, балки ба манфиати ҷомеа равона месозад Дар амалия маълум гардид, ки Бонкҳои тиҷоратӣ ба навъҳои зерин тақсим мешаванд;

- ✓ умумӣ (унивсрсалӣ)-тамоми амалиётҳои бонкиро мегузаронанд;
- ✓ махсусгардонидашуда-танҳо қисме аз амалиётҳои бонкиро мегузаронанд.

Аз маълумоти дар расми 8 пешниҳодгардида аён мегардад, ки бо мақсади ба низом даровардани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ бонкҳои тиҷоратӣ нақши калидӣ дошта, вазифаҳои муҳиммеро анҷом медиҳанд, аз ҷумла:

- ➢ Бонкҳои тиҷоратӣ маблағҳои муваққатан озоди субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолиро дар шакли пасандоз ва амонат ҷамъоварӣ менамоянд. Ин маблағҳои ҷамъшуда ба сармояи қарзӣ табдил дода шуда, бонк онҳоро ҳамчун манбаи қарздиҳӣ истифода мебарад.
- ➢ Дар иқтисодиёт бе иштироки бонкҳо дар байни қарздиҳандагон ва қарзгирандагон ташкил намудани муносибатҳои қарзӣ имконнопазир аст. Чунки дар байни онҳо баъзе мушкилот мавҷуд аст, ба монанди бо ҳам мувофиқ наомадани муҳлати пардохти қарз, ё қонеъ накардани меъёри фоизи қарзӣ ва

ғайраҳо. Ин мушкилотро маҳз бонк ҳамчун миёнарави молиявӣ ҳал намуда метавонанд.

➢ Тамоми ҳисоббаробаркуниҳо байни субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷониби бонкҳо, тавассути амалиёти ғайринақдӣ, гузаронида мешавад. Бонкҳо ҳамчун миёнарав дар ҳисоббаробаркуниҳо бо супориши мизоҷон аз суратҳисоби онҳо маблағҳои пулиро ба дигар суратҳисобҳо ва маблағҳои воридшавандаро ба суратҳисоби онҳо мегузаронанд. Аз сабаби вусъат ёфтани пешрафти техника ва технологияи нави бонкӣ рӯз то рӯз тарзҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои бонкӣ ба вуҷуд меоянд.

➢ Яке аз вазифаҳои муҳимми муосири бонкҳо маслиҳатдиҳӣ ва пешниҳоди маълумоти молиявӣ ба шумор меравад. Бонкҳо маълумоти иқтисодии зиёдеро доро буда, ба мизоҷони худ барои ҳалли мушкилоти молиявию иқтисодиашон маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Бонкҳо ҳолатҳои молиявии мизоҷони худро таҳлил карда, роҳҳои хубтар ба роҳ мондани фаъолияти мизоҷони худро пешниҳод менамоянд. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ нақши ин вазифаи бонкҳо торафт меафзояд.

Бонки тиҷоратӣ ҳамчун миёнарави махсуси молиявӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд, ки мо онҳоро дар расми 2.8 инъикос карда, ҳамзамон, шарҳи онҳоро пешниҳод намудаем:

- **якум,** ҷалби маблағҳои муваққатан озоди субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ва ба сармоя табдил додани онҳо;
- **дуюм,** миёнаравӣ дар амалиётҳои қарздиҳӣ;
- **сеюм,** гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо байни субъектҳои хоҷагидорӣ;
- **чорум,** маслиҳатдиҳӣ ва пешниҳоди маълумоти молиявӣ ба муштариён.

**Расми 2.8 Вазифаҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ. Сарчашма:**Таҳияи муаллиф.

Мусаллам аст, ки сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ доранд. Мо сохтори низоми бонкиро дар ҷадвали 2.1 пешниҳод намудаем. Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1 дида мешавад, ки фарқи сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 2020 дар соли 2024 коҳиш ёфта бошад ҳам, нисбат ба соли 2023 бошад, воҳидҳои сохтории ТҚМ 31 адад, бонкҳои анъанавӣ 1 адад ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, 2 адад зиёд гардидааст, ки инҳо метавонанд дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодиии мамлакат нақши муҳим гузоранд.

**Ҷадвали 2.1. Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сохтор | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | Соли 2024 | Фарқияти 2024/2020 (+,-) | Фарқияти 2024/2023 (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ)** | 69 | 63 | 64 | 63 | 65 | -4 | **2** |
| **Бонкҳо** | 19 | 14 | 15 | 15 | 16 | -3 | **1** |
| **Бонкҳои анъанавӣ** | 18 | 13 | 14 | 14 | 15 | -3 | **1** |
| **Бонкҳои исломӣ** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | - | - |
| **Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | - | - | 1 | 1 | 1 | +1 | 1 |
| **Ташкилотҳои маблағгузории хурд** | 50 | 49 | 48 | 47 | 48 | -2 | **1** |
| **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | 18 | 18 | 19 | 19 | 22 | +4 | **3** |
| **Ташкилотҳои қарзии хурд** | 5 | 4 | 3 | 3 | 3 | -2 | - |
| **Фондҳои қарзии хурд** | 30 | 27 | 26 | 25 | 23 | -7 | -2 |
| **Воҳидҳои сохтории ТҚМ (ҳамагӣ)** | 1935 | 1852 | 1862 | 1897 | 1928 | -7 | **31** |
| **филиалҳо** | 356 | 295 | 310 | 330 | 344 | -12 | **14** |
| **Равзанаи бонкии исломӣ** | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 | +1 | **1** |
| **Марказҳои хизматрасонии бонкӣ** | 1 241 | 1 204 | 1205 | 1229 | 1235 | -6 | **6** |
| **Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд** | 338 | 353 | 343 | 335 | 340 | +2 | **5** |
| **Воҳидҳои сайёр** | - | - | - | 3 | 3 | +3 | 3 |
| **Нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ** | - | - | - | - | 6 | +6 | 6 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37].

Бо дарназардошти ин ва вобаста ба шумораи кофии бонкҳои тиҷоратӣ мо тасмим гирифтем, ки дар рисолаи илмии худ таҳлили як қатор ташкилотҳои

қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратиро гузаронида, вазъи кунунии онҳоро муайян намоем. Бо дарназардошти ин, дар навбати аввал сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявиро мавриди арзёбӣ қарор додем, ки натиҷааш дар ҷадвали 2.2 пешниҳод гардидааст:

**Ҷадвали 2.2. Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии ҶТ (млн. сомонӣ)**

| Гурӯҳбандии қарзҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Фарқият и 2024/2020 (+,-) | тамоюлот 2024/2023 (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 10 882,5 | 11 970,4 | 13 577,6 | 17 844,8 | 21 377,7 | 10495,2 | 3 532,1 |
| Фаъол | 8 336,7 | 10 363,6 | 11 946,7 | 15 606,2 | 19 856,3 | 11519,6 | 4 250,1 |
| Ғайрифаъол | 2 545,8 | 1 606,8 | 1 630,9 | 2 238,6 | 1 521,4 | -1024,4 | -717,3 |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол | 23,4% | 13,4% - | 12,0% | 12,5 % | 7,1% | -16,3 | -5,4 б.ф. |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис) | 2,9% | 1,1% | -0,6% | 0,0% | 0,9% | -2 | 0,9 б. ф. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2 маълум мегардад, ки сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 21 377,7 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли 2020 3532,1 сомонӣ зиёд буда, тамоюли мусбат касб намудааст. Аз ҷумла, қарзҳои фаъол дар соли 2024 19856,3 млн сомонӣ буда, нисбати соли 2020 4250,1 млн сомонӣ зиёд гардидаанд.

Дар идомаи таҳқиқот мо вазъи кунунии баъзе бонкҳои тиҷоратиро интихобан мавриди таҳлил қарор додем, аз ҷумла:

Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Ориёнбонк» яке аз бонкҳои куҳантарини ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Моҳи апрели соли 1991 Тоҷикпромстройбонк ба ташкилоти саҳомӣ табдил дода шуд ва 29 декабри соли 1991 вай ба Бонки саҳомӣ — тиҷоратии саноату сохтмони Тоҷикистон «Ориёнбонк» мубаддал гардид, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, дорои

иҷозатномаи махсуси (литсензияи) № 1 гашт. Аз 5-уми апрели соли 2002 БСТССТ «Ориёнбонк» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ориёнбонк» табдил дода шуд [38].

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлил маълум карда шуд, ки ҶСК Ориёнбонк дар соли 2024 дорои ҷамъият 5 349,5 млн сомониро ташкил дода, нисбати соли 2020 1315,3 млн сомонӣ зиёд гардидаанд. Уҳдадориҳои ҷамъият бошад, дар соли 2024 3 963,8 млн сомонӣ буда, нисбат ба соли 2020 849,5 млн сомонӣ афзоиш ёфтаанд, ки қисми зиёди онҳоро амонатҳо ва Коғазҳои қиматноки баровардашуда ташкил менамоянд. Инчунин, сармояи тавозунии ҷамъият 1 385,8 млн сомониро ташкил дода, ба маблағи 465,9 млн сомонӣ тамоюли мусбат гирифтааст, ки аз ин нишондиҳанда 120,1 млн сомониашро фоидаи дар соли 2024 ба дастомада ташкил менамояд.

Аз нишондиҳандаҳои фаъолияти асосии ҷамъият маълум гардид, ки даромаднокии дороиҳо (ROA, %) ва сармоя (ROE, %) дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 тамоюли манфӣ дошта, даромади фоизии холис (NIM, %) бошад, ба миқдори 1,7% афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки меъёри пардохтпазирии ҷамъият дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 48,6% афзудааст [38]. (ниг. ба ҷадвали 2.3)

Инчунин, таҳлили ҷадвали 2.3 муайян намуд, ки ҶСК "Ориёнбонк" то моҳи декабри соли 2024 дорои 258 адад марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, 172 адад банкомат, 32 адад филиал ва 270 адад POS-терминал буда, 334 581 адад кортҳои бонкӣ баровварда, ба муштариён пешкаш намудааст, ки ин иқдом саҳми назарраси ҷамъиятро дар амалӣ гардидани сиёсати давлат дар самти иқтисоди рақамӣ нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2.3. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК ”Ориёнбонк” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Фарқият(+,-) 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 4 034,2 | 4 067,1 | 4 588,2 | 5 287,3 | 5 349,5 | 1315,3 |
| нақдина | 374,6 | 400,9 | 955,0 | 2 089,8 | 1 918,9 | 1544,3 |
| барои гирифтан аз бмт ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 689,2 | 929,7 | 1 127,9 | 468,3 | 508,8 | -180,6 |
| коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 3,5 | 3,5 | 3,5 | 3,5 | 0,2 | -3,3 |
| қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 2 481,2 | 2 161,2 | 1 868,7 | 2 008,4 | 2 125,2 | -356 |
| воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 442,3 | 439,6 | 529,4 | 534,7 | 574,3 | 132 |
| дигар дороиҳо | 43,4 | 132,2 | 103,8 | 182,6 | 222,1 | 178,7 |
| Уҳдадориҳо | 3 114,3 | 3 040,8 | 3 452,8 | 4 038,7 | 3 963,8 | 849,5 |
| барои пардохт ба бмт ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 89,2 | 105,8 | 77,2 | 36,1 | 39,3 | 49,9 |
| амонатҳо | 1 815,8 | 1 249,0 | 1 829,2 | 2 383,7 | 1 920,6 | 104,8 |
| коғазҳои қиматноки баровардашуда | 1 028,4 | 1 630,0 | 1 471,7 | 1 580,6 | 1 967,9 | 939,5 |
| дигар уҳдадориҳо | 180,9 | 56,0 | 74,6 | 38,2 | 36,0 | -144,9 |
| Сармояи тавозунӣ | 919,9 | 1 026,3 | 1 135,5 | 1 248,6 | 1 385,8 | 465,9 |
| сармояи пардохташуда | 484,9 | 625,3 | 625,3 | 625,3 | 625,3 | 140,4 |
| захираҳо | 275,1 | 273,2 | 411,7 | 505,1 | 640,4 | 365,3 |
| фоидаи соли ҷорӣ | 160,0 | 127,7 | 98,4 | 118,2 | 120,1 | -39,9 |
| Ухдадорӣ ва сармоя | 4 034,2 | 4 067,1 | 4 588,2 | 5 287,3 | 5 349,5 | 1315,3 |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 4,9% | 3,3% | 2,1% | 2,2% | 2,2% | -2,7% |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 17,4% | 12,4% | 8,7% | 9,5% | 8,7% | -8,7% |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 24,5% | 10,7% | 10,4% | 21,8% | 26,2% | 1,7% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 63% | 126% | 132% | 115% | 111,6% | 48,6% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 32 | 32 | 32 | 32 | 32 | 32 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 237 | 233 | 244 | 265 | 258 | 21 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 87 | 94 | 111 | 153 | 172 | 85 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 155 | 145 | 140 | 189 | 270 | 115 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 147 401 | 241 323 | 252 291 | 297 708 | 334 581 | 187180 |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 38].

Дар идомаи таҳқиқот мо фаъолияти молиявии ҶСК "Тавҳидбонк”-ро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем.

Чуноне ки маълум карда шуд, ҶСК «Тавҳидбонк» бо ташабусси саҳмиядорони ҶСК “Соҳибкорбонк” аз 12 июни соли 2019 аз сабаби оне, ки ба бонки исломӣ табдил ёфт, бо қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба ҶСК “Тавҳидбонк” ивази ном карда шуд.

Тибқи маълумоти БМТ мутобиқи моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва моддаҳои 4, 10, 12 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ва бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2019, таҳти №116 ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тавҳидбонк” барои анҷом додани амалиёти бонкии исломӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шудааст [43].

Дар натиҷаи таҳқиқот ва таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии **ҶСК "Тавҳидбонк"** маълум карда шуд, ки ҷамъият дар соли 2024 дороиҳои ҷамъият 328,1 млн сомонӣ буда, нисбати соли 2020 190 млн сомонӣ зиёд гардидаанд. Ухдадориҳои ҷамъият бошад, дар соли 2024 204,0 млн сомонӣ буда, нисбат ба соли 2020 154,8 млн сомонӣ зиёд гардидааст, ки аз онҳо 47,2 сомониро пардохтҳо ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 97,2 млн сомониро амонатҳо, ва 59,7 млн сомониро дигар ухдадориҳо ташкил медиҳанд. Инчунин, сармояи тавозунии ҷамъият нисбат ба соли 2020 ба маблағи 35,1 млн сомонӣ афзоиш ёфта, 124,0 млн сомониро ташкил додааст.

Аз нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК "Тавҳидбонк" маълум гардид, ки даромаднокии дороиҳо (ROA, %) 0,8% даромаднокии сармоя (ROE, %) 2,1 % ва даромади фоизии холис (NIM, %) бошад, дар соли 2024 65,8 % -ро ташкил намуда, меъёри пардохтпазирии ҷамъият дар 5 соли таҳлилгардида мунтазам 5% нишон дода шудааст [37, 43]. (ниг. ба ҷадвали 2.4)

## Ҷадвали 2.4. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК "Тавҳидбонк" барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | фарқият(+,-) 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 138,1 | 185,6 | 226,7 | 243, 6 | 328,1 | 190 |
| Нақдина | 13,8 | 24,8 | 55,3 | 13,5 | 26,9 | 13,1 |
| Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 56,2 | 68,4 | 23,7 | 18,3 | 26,6 | -29,6 |
| Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 11,9 | 26,3 | 78,7 | 129, 4 | 170,3 | 158,4 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 29,3 | 47,2 | 45,1 | 43,0 | 71,2 | 41,9 |
| Дигар дороиҳо | 27,0 | 18,9 | 23,9 | 39,4 | 33,1 | 6,3 |
| Ухдадориҳо | 49,2 | 76,4 | 109,9 | 144, 4 | 204,0 | 154,8 |
| Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 3,6 | 10,5 | 7,8 | 28,8 | 47,2 | 43,6 |
| Амонатҳо | 37,5 | 61,3 | 78,6 | 94,2 | 97,2 | 59,7 |
| Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Дигар ухдадориҳо | 8,1 | 4,7 | 23,5 | 21,4 | 59,7 | 51,6 |
| Сармояи тавозунӣ | 88,9 | 109,2 | 116,8 | 99,2 | 124,0 | 35,1 |
| Сармояи пардохташуда | 65,0 | 85,0 | 85,0 | 85,0 | 85,0 | 20 |
| Захираҳо | 20,2 | 19,8 | 19,8 | 19,8 | 36,4 | 16,2 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | 3,7 | 4,4 | 12,0 | -5,6 | 2,6 | -1,1 |
| Ухдадорӣ ва сармоя | 138,1 | 185,6 | 226,7 | 243, 6 | 328,1 | 190 |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 2,7% | 2,4% | 5,3% | - 2,3% | 0,8% | -1,9 |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 4,2% | 4,0% | 10,3% | - 5,6% | 2,1% | -2,1 |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 167,1 % | 128,8% | 111,3% | 55,4 % | 65,8% | -101,3 |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 5% | 5% | 5% | 5% | 5% | 0 |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 61 | 58 | 56 | 38 | 34 | -27 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 8 | 19 | 32 | 47 | 61 | 53 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 7 | 58 | 69 | 74 | 51 | 44 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 324 | 10 564 | 29 751 | 72 833 | 99 715 | 99391 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 138,1 | 185,6 | 226,7 | 243, 6 | 328,1 | 190 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 43].

Аз ҷадвали 2.4 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҶСК "Тавҳидбонк" соли 2024 34 адад филиал ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2020 27 адад кам

гардидаст. Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд 61 адад, банкоматҳо 51 адад, POS-терминалҳо 99715 адад буда, кортҳои бонкӣ бошанд, 328,1 адад ба мизоҷон пешниҳод карда, дар раванди татбиқи иқтисоди рақамӣ саҳм гузошта истодааст. Яъне, ба ҷамъият лозим аст, ки фаъолиятро дар самти иқтисоди рақамӣ ҷоннок намуда, рақобатпазирии худро дар байни бонкҳои тиҷоратии дигар баланд бардорад.

Бонки тиҷоратии навбатӣ, ки мавриди таҳлил қарор дода шуд, ин ҶСК «Бонки Эсхата" ба шумор меравад.

«Бонки мазкур аз 6 ноябри соли 1993 ҳамчун бонки тиҷоратии «Эсхата» дар шаҳри Хуҷанд таъсис дода шудааст. Соли 1994 иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро гирифта, соли 1999 ба бонки саҳомии тиҷоратии «Эсхата» табдил ёфт. Аз моҳи сентябри 2002 ҳамчун Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата» номгӯзорӣ гардидааст. Ҳадафи асосии ҶСК «Бонки Эсхата» маблағгузорӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна буда, инчунин, ҷалби мизоҷон ва маблағҳои озоди аҳолӣ, пасандозҳо, бо фоизҳои камтарин додани кредитҳои имтиёзнок ба одамони эҳтиёҷмандро роҳандозӣ намудааст» [39].

Дар натиҷаи таҳқиқот ва таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» маълум карда шуд, ки ҷамъият дар соли 2024 дороиҳои ҷамъият 6 926,7 млн сомонӣ буда, нисбати соли 2020 4482,7 млн сомонӣ зиёд гардидаанд. Уҳдадориҳои ҷамъият бошад, дар соли 2024 5 807,5 млн сомонӣ буда, нисбат ба соли 2020 3814,1 млн сомонӣ зиёд гардидааст, ки аз онҳо барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ 527,7 ҳазор сомонӣ, амонатҳо-2996,9 ҳазор сомонӣ, коғазҳои қиматноки баровардашуда-109,6 ҳазор сомонӣ ва дигар уҳдадориҳо 179,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд.

Инчунин, сармояи тавозунии ҷамъият 1 119,2 млн сомониро ташкил дода, дар соли 2024 ба маблағи 257,0 ҳазор сомонӣ фоида ба даст овардааст. «Даромаднокии дороиҳо (ROA, %)-и ҶСК "Бонки Эсхата" 3,7% даромаднокии сармоя (ROE, %) 23,0 % ва даромади фоизии холис (NIM, %) бошад, дар соли 2024 13,8% -ро ташкил намуда, меъёри пардохтпазирии ҷамъият бошад, 72,5% таъмин карда шудааст» [37, 39]. (ниг. ба ҷадвали 2.5)

**Ҷадвали 2.5. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК ”Бонки Эсхата” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | фарқи ят(+,-) 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 2 444,0 | 3 248,9 | 4 264,5 | 5 678,3 | 6 926,7 | 4482,7 |
| нақдина | 212,1 | 359,9 | 581,0 | 387,9 | 797,3 | 585,2 |
| барои гирифтан аз бмт ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 459,3 | 501,5 | 865,9 | 925,6 | 1 650,8 | 1191,5 |
| коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 14,9 | 17,2 | 105,9 | 170,0 | 244,1 | 229,2 |
| қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 1 508,9 | 2 018,2 | 2 452,7 | 3 018,5 | 3 694,1 | 2185,2 |
| воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 72,6 | 94,6 | 108,8 | 134,6 | 222,1 | 149,5 |
| дигар дороиҳо | 176,2 | 257,5 | 150,3 | 1 041,7 | 318,3 | 142,1 |
| Уҳдадориҳо | 1 993,4 | 2 674,4 | 3 442,0 | 4 699,5 | 5 807,5 | 3814,1 |
| барои пардохт ба бмт ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 637,3 | 955,1 | 1 059,4 | 1 285,2 | 1 165,0 | 527,7 |
| амонатҳо | 1 151,7 | 1 501,5 | 2 097,2 | 2 592,0 | 4 148,6 | 2996,9 |
| коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 109,6 | 109,6 |
| дигар уҳдадориҳо | 204,4 | 217,8 | 285,4 | 822,3 | 384,3 | 179,9 |
| Сармояи тавозунӣ | 450,5 | 574,5 | 822,5 | 978,7 | 1 119,2 | 668,7 |
| сармояи пардохташуда | 125,3 | 125,3 | 125,3 | 125,3 | 125,3 | 0 |
| захираҳо | 248,0 | 333,2 | 380,0 | 632,7 | 736,9 | 488,9 |
| фоидаи соли ҷорӣ | 77,2 | 116,0 | 317,2 | 220,7 | 257,0 | 197,8 |
| уҳдадорӣ ва сармоя | 2 444,0 | 3 248,9 | 4 264,5 | 5 678,3 | 6 926,7 | 4482,7 |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| даромаднокии дороиҳо(roa,%) | 3,5% | 3,8% | 7,4% | 3,9% | 3,7% | 0,2% |
| даромаднокии сармоя (roe, %) | 17,1% | 20,2% | 38,6% | 22,5% | 23,0% | 5,9% |
| Даромади фоизии холис(NIM,%) | 15,1% | 13,7% | 15,2% | 15,1% | 13,8% | -1,3% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 68% | 64% | 79% | 76% | 72,5% | 4,5% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 22 | 21 | 24 | 32 | 32 | 10 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 173 | 141 | 126 | 113 | 105 | -68 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 161 | 207 | 230 | 257 | 294 | 133 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 768 | 168 | 528 | 419 | 499 | -269 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 325 570 | 491 400 | 628 545 | 544 078 | 908 698 | 583128 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 39].

Маълумоти ҷадвали 2.5 аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҶСК ”Бонки Эсхата” соли 2024 ҳамаи нишондиҳандаҳо тамоюли мусбат дошта, дороиҳо ва сармояи тавозунӣ, мутаносибан, 4482,7 млн сомонӣ ва 668,7 ҳазор сомонӣ нисбат ба соли 2020 зиёд гардидааст.

ҶСК ”Бонки Эсхата” дар раванди татбиқи принсипҳои иқтисоди рақамӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ пешсаф буда, дорои 294 адад банкоматҳо ва 499 адад POS-терминалҳо мебошад ва миқдори кортҳои бонкии ҷамъият бошад, ба 908698 адад расидааст.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» яке аз бонкҳои тиҷоратии бонуфузи кишвар ба шумор меравад, ки дар марҳилаи аввал ҳамчун ҶДММ ТАҚХ «Стандарт финанс» дар асоси иҷозатномаи БМТ № 0000027 аз моҳи апрели соли 2014 ба фаъолият оғоз намудааст. Дар раванди фаъолият устувории молиявиро ба даст оварда, 29 феврали соли 2016 ҶДММ ТАҚХ «Стандарт финанс» иҷозатномаи дигари БМТ таҳти № 0000060 гирифта, дар асоси он ба ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» табдил ёфтааст [15].

Дар оғози таъсиёбии ҶСП ”Бонки байналмилалии Тоҷикистон” саҳмдорон ва роҳбарият кӯшиш намуданд, ки маблағҳои худ ва саҳмдоронро барои рушди қарздиҳии истеъмолӣ ва маблағгузории муассисаҳои хурд равона созанд.

Таваҷҷуҳи хос дар ин ҳолат ба қарзҳо барои таҳсилот ва қарзҳо ҷиҳати беҳсозии шароити зиндагӣ дода мешавад. Дар ин маврид тибқи дурнамо ҷамъият меъёрҳои нисбатан паст барои фоизҳо ва муҳлатҳои нисбатан дарози пардохти қарзҳоро пешбинӣ намудааст.

Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» назаррас буда, ба маблағи 3 919,0 млн сомонӣ доройӣ дорад, ки даромаднокии онҳо (ROA, %) 5,6% -ро ташкил менамояд. (ниг. ба ҷадвали 2.6)

### Ҷадвали 2.6. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП ”Бонки байналмилалии Тоҷикистон” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | **фарқият(+,-) 2024/2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 685,3 | 902,7 | 1 629,2 | 2 573,3 | 3 919,0 | 3233,7 |
| нақдина | 76,2 | 159,4 | 277,9 | 126,0 | 323,6 | 247,4 |
| барои гирифтан аз бмт ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 379,0 | 409,0 | 802,5 | 1 259,8 | 1 867,7 | 1488,7 |
| коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 24,9 | 13,5 | 15,5 | 51,9 | 150,8 | 125,9 |
| қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 155,5 | 266,9 | 322,8 | 573,6 | 715,6 | 560,1 |
| воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 34,3 | 30,7 | 48,2 | 64,5 | 79,0 | 44,7 |
| дигар дороиҳо | 15,4 | 23,3 | 162,4 | 497,5 | 782,3 | 766,9 |
| Ӯҳдадориҳо | 564,8 | 772,8 | 1 406,8 | 2 180,9 | 3 352,3 | 2787,5 |
| барои пардохт ба бмт ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 80,5 | 170,0 | 238,1 | 177,1 | 226,9 | 146,4 |
| амонатҳо | 473,0 | 590,7 | 1 130,3 | 1 912,6 | 2 655,2 | 2182,2 |
| коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| дигар ӯҳдадориҳо | 11,4 | 12,1 | 38,4 | 91,2 | 470,2 | 458,8 |
| Сармояи тавозунӣ | 120,5 | 129,9 | 222,4 | 392,4 | 566,7 | 446,2 |
| сармояи пардохташуда | 104,5 | 104,5 | 104,5 | 218,5 | 341,8 | 237,5 |
| захираҳо | 3,9 | 3,9 | 25,4 | 4,0 | 4,0 | 0,1 |
| фоидаи соли ҷорӣ | 12,1 | 21,5 | 92,5 | 169,9 | 220,9 | 208,8 |
| Ӯҳдадорӣ ва сармоя | 685,3 | 902,7 | 1 629,2 | 2 573,3 | 3 919,0 | 3233,7 |
| | | | | | | |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 2,7% | 2,6% | 5,7% | 6,6% | 5,6% | 2,9% |
| даромаднокии сармоя (ROE, %) | 10,0% | 16,5% | 41,6% | 43,3% | 39,0% | 29% |
| даромади фоизии холис (NIM, %) | 12,4% | 9,3% | 9,1% | 17,8% | 13,2% | 0,8% |
| меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (к-2.1, %) | 105% | 94% | 104% | 79% | 78,4% | -26,6% |
| миқдори филиалҳо (адад) | 8 | 9 | 15 | 18 | 18 | 10 |
| марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 10 | 11 | 7 | 13 | 18 | 10 |
| миқдори банкоматҳо (адад) | 26 | 33 | 45 | 59 | 75 | 49 |
| миқдори pos-терминалҳо (адад) | 467 | 435 | 411 | 718 | 1 001 | 534 |
| миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 57 298 | 86 079 | 134 668 | 172 016 | 262 914 | 205616 |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [15, 37].

Аз ҷадвали 2.6 бармеояд, ки ҶСП ”Бонки байналмилалии Тоҷикистон” дар соли 2024 ба маблағи 220,9 ҳазор сомонӣ фоида ба даст овардааст, ки нисбат ба соли 2020 ба маблағи 208,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

«Бонки Рушди Тоҷикистон», агарчанде ки соли 2006 таъсис ёфта бошад, ҳам, дар муҳлати кӯтоҳ ба яке бонкҳои боэътимоди кишвар табдил ёфтааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ба мизоҷон доираи васеи хизматрасониҳои бонкиро пешкаш менамояд. Инчунин, бояд тазаккур дод, ки дар қатори маҳсулоти чаканаи бонк интиқоли пул мавқеи хосро ишғол намуда, дар ҳудуди ИДМ зиёда аз 15% интиқоли пулҳои фаромарзӣ ба Тоҷикистон рост меоянд. Бо ҳамроҳ шудан ба хадамоти пешбари интиқоли пул дар Иттиҳод, бонк нақша дорад, ки ин бахши фаъолияти худро ба тавri назаррас мукаммал намояд» [40].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.7 бармеояд, ки ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” дар ҳоли рушд қарор дошта, айни ҳол дар раванди татбиқи принсипҳои иқтисоди рақамӣ камбудӣ дорад. Масалан, ҳамагӣ ду филиал ва як марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд дошта, миқдори банкоматҳо ҳамагӣ 7 ададро ташкил медиҳанд, ки барои муштариён қонеъкунанда нест. Миқдори кортҳои бонкӣ 1112 ададро ташкил дода, POS-терминалҳо бошад, тамоман мавҷуд нестанд. Аз ин лиҳоз, ба ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” пешниҳод карда мешавад, ки бо истифода аз таҷрибаи бойи бонкҳои тиҷоратии дохилӣ ва хориҷӣ тавассути миқдори зиёди хизматрасониҳои муфид ва истифодаи технологияи инноватсионии муосир сатҳи рақобатпазирии худро баланд бардорад.

Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки истифодаи мунтазам ва самараноки технологияи рақамӣ сифати хизмарасониҳои бонкиро хубтар гардонида, ҳавасмандӣ ва боварии мизоҷонро меафзояд.

Дар ин замина устувории молиявии бонк таъмин гардида, дар бозори молиявӣ рақобатпазир шуда метавонад.

**Ҷадвали 2.7.Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **фарқият(+,-) 2024/2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 79,7 | 32,5 | 42,9 | 102,0 | 123,0 | 43,3 |
| Нақдина | 2,2 | 0,5 | 2,8 | 9,5 | 20,7 | 18,5 |
| Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 9,8 | 7,8 | 7,3 | 51,5 | 29,4 | 19,6 |
| Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 2,0 | 0 |
| Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 14,4 | 1,3 | 6,5 | 17,9 | 45,5 | 31,1 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 3,2 | 2,3 | 3,4 | 8,4 | 11,9 | 8,7 |
| Дигар дороиҳо | 48,2 | 20,6 | 22,8 | 14,8 | 13,6 | -34,6 |
| Уҳдадориҳо | 23,3 | 17,9 | 25,8 | 46,3 | 64,8 | 41,5 |
| Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 9,2 | 8,0 | 11,4 | 5,7 | 17,0 | 7,8 |
| Амонатҳо | 12,0 | 9,0 | 9,8 | 25,7 | 36,6 | 24,6 |
| Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 8,7 | 8,7 |
| Дигар уҳдадориҳо | 2,2 | 0,9 | 4,6 | 14,9 | 2,5 | 0,3 |
| Сармояи тавозунӣ | 56,4 | 14,6 | 17,1 | 55,6 | 58,2 | 1,8 |
| Сармояи пардохташуда | 64,2 | 64,2 | 64,2 | 100,0 | 100,0 | 35,8 |
| Захираҳо | -8,1 | -7,8 | - 49,5 | - 47,1 | - 44,4 | 36,3 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | 0,3 | -41,8 | 2,4 | 2,7 | 2,6 | 0,3 |
| Уҳдадорӣ ва сармоя | 79,7 | 32,5 | 42,9 | 102,0 | 123,0 | 43,3 |
| | | | | | | |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 0,4% | -139,4% | 5,7% | 2,7% | 2,1% | 1,7% |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 0,6% | -285,2% | 14,3% | 4,9% | 4,4% | 3,8% |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 18,1% | 17,0% | 15,9% | 19,3% | 22,6% | 4,5% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 154% | 85% | 74% | 217% | 153,5% | -0,5% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 0 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 0 | 0 | 0 | 2 | 7 | 7 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 0 | 0 | 0 | 198 | 1 112 | 1112 |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 40].

Бонки тиҷоратии дигаре, ки мо мавриди таҳлил қарор додем, ин Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Спитамен Бонк” ба шумор меравад.

«ҶСП «Спитамен Бонк» фаъолияти молиявияшро соли 2008, ҳамчун ташкилоти қарзии хурд “Спитамен Капитал” оғоз намуда буд. Дар раванди фаъолияти самараноки худ ҳамчун ниҳоди боэътимоди молиявӣ муаррифӣ гардида, соли 2014 иҷозатномаи БМТ-ро барои фаъолияти бонкӣ ноил гардид»[206]. Бо шарофати фаъолияти пурсамари мутахассисон ва рушди устувор, инчунин истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, бонк сазовори боварии муштариён гардида, шумораи хизматрасониҳои бонкиро афзун намуданд. Вобаста ба ин, бонк 21 филиал ва 60 МХБ кушода, шумораи кормандонро ба беш аз 750 нафар расонидааст [41].

Аз таҳлилҳои ҷадвали 2.8 маълум мегардад, ки сармояи тавозунии бонк дар соли 2024 ба маблағи 355,8 млн сомонӣ буда, нисбат ба соли 2020 227,7 млн сомонӣ афзоиш ёфтааст. Дар раванди фаъолият аз технологияи муосири инноватсионӣ самаранок истифода бурда, 86 адад банкомат, 37 адад POS-терминалҳо ва 1366071 адад кортҳои бонкиро мавриди амал қарор додааст. Инчунин, дар ин муддат 60 адад марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд таъсис дода, ба мизоҷон хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод менамояд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои дар бонкҳои тиҷоратии ватанӣ гузаронидашуда чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, яке аз ҷузъҳои таркибии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бозори кортҳои пардохтӣ маҳсуб меёбад. Ин низом талаботи мизоҷонро дар сатҳи лозимӣ тавассути усулу технологияҳои нави муосир қонеъ мегардонад. Ҳамзамон, муштариён ва дар умум шаҳрвандон бо истифода аз кортҳои пардохтӣ ҳам сарфаи вақт ва манфиати иқтисодӣ ҳосил менамоянд.

Нишондиҳандаҳои молиявию хоҷагии ҶСП “Спитамен Бонк” дар ҷадвали 2.8 пешниҳод гардидаанд. (ниг.ба ҷадвали 2.8)

**Ҷадвали 2.8 Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП ”Спитамен Бонк” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **фарқият(+,-) 2024/2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 860,3 | 1 154,6 | 1 374,4 | 1 782,1 | 3 004,7 | 2144,4 |
| Нақдина | 75,3 | 228,0 | 269,9 | 144,9 | 255,5 | 180,2 |
| Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 159,4 | 162,2 | 317,2 | 442,5 | 1 076,8 | 917,4 |
| Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0 |
| Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 447,8 | 609,7 | 573,6 | 877,5 | 1 278,0 | 830,2 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 54,1 | 64,7 | 66,0 | 85,9 | 173,8 | 119,4 |
| Дигар дороиҳо | 123,8 | 89,9 | 147,6 | 231,2 | 220,4 | 96,6 |
| Уҳдадориҳо | 734,2 | 1 000,1 | 1 196,3 | 1 576,8 | 2 648,8 | 1914,6 |
| Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 10,7 | 54,7 | 31,7 | 67,5 | 818,1 | 807,4 |
| Амонатҳо | 320,6 | 478,8 | 509,6 | 809,2 | 803,2 | 482,6 |
| Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Дигар уҳдадориҳо | 402,9 | 466,6 | 655,0 | 700,1 | 1 027,5 | 624,6 |
| Сармояи тавозунӣ | 126,1 | 154,5 | 178,1 | 205,3 | 355,8 | 227,7 |
| Сармояи пардохташуда | 66,6 | 80,2 | 80,2 | 80,2 | 130,2 | 63,6 |
| Захираҳо | 54,4 | 68,9 | 70,5 | 97,3 | 174,1 | 119,7 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | 5,1 | 5,5 | 27,4 | 27,9 | 51,6 | 46,5 |
| Уҳдадорӣ ва сармоя | 860,3 | 1 154,6 | 1 374,4 | 1 782,1 | 3 004,7 | 2198,4 |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 0,6% | 0,5% | 2,0% | 1,6% | 1,7% | 1,1% |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 4,0% | 3,5% | 15,4% | 13,6% | 14,5% | 10,5% |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 7,9% | 7,4% | 10,2% | 7,7% | 9,2% | 1,3% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 83% | 74% | 104% | 73% | 84,7% | 1,7% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 16 | 18 | 18 | 21 | 21 | 5 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 37 | 46 | 46 | 51 | 60 | 23 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 49 | 55 | 55 | 79 | 86 | 37 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 93 | 73 | 15 | 18 | 37 | -56 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 154 879 | 254 085 | 594 173 | 1011544 | 1366071 | 1211192 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 41].

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳо истифодаи самараноки технологияи замонавии рақамиро ба

роҳ монда, метавонанд саҳми арзандаи худро дар татбиқ гардидани принсипҳои иқтисоди рақамӣ гузорад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БМТ ба рушди низоми бонкӣ дар кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, фаъолияти мунтазами онҳоро танзим ва назорат менамояд.

Хулоса, бонкҳои тиҷоратӣ қисми асоситарини низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, сатҳи ташаккулёбии онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат алоқамандии зич дорад.

Мусаллам аст, ки рушди бемайлони иқтисодиёти тамоми соҳаҳои кишвар ба афзоиши талабот ба хизматҳои бонкӣ ва баръакс, сатҳи пасти зиндагии қисми асосии аҳолии мамлакат сабаби кам шудани талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ шуда метавонад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади рушди устувори фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ дар мамлакат такмил дода шаванд.

### 2.2. Арзёбии ҳолати кунунии ташкилотҳои қарзии хурд ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ истифодаи мунтазами технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, инчунин, муайян кардани нақши онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар ташкилотҳои маблағгузории хурд истифодаи технологияи рақамӣ дорои аҳаммияти баланди иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба ин олими ватанӣ Ашуров Ғ. Д. қайд намудаанд, ки «ташкилотҳои маблағгузории хурд мустақилона дар асоси истифодаи оқилонаи сармояи пулиашон ва васеъ намудани фаъолияти сохибкорӣ, самаранокӣ ва устувории иқтисодиашонро дар бозори дорои рақобати озод таъмин менамоянд»[55].

Ташкилотҳои маблағгузории хурди кишвар, инчунин, ба соҳибкорон ва шахсони воқеӣ дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот қарз пешкаш менамоянд

ва мусаллам аст, ки ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои қарзӣ ҷорӣ намудани талаботҳои иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии муосир аз фоидаи тарафайн холӣ нест.

Инчунин, зикр намудан ба маврид аст, ки барои шаҳрвандони деҳот истифодаи самараноки технологияи рақамӣ низ муфид буда, хароҷоти зиёдатиро коҳиш медиҳад.

Ҳамзамон, бояд илова намуд, ки дар баробари иҷрои шартҳои амалӣ гардидани имкониятҳои додани қарз ташкилотҳои мабалағгузории хурди мамлакат, инчунин, бояд дар тадбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисодиёти рақамӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мусоидат намуда, боиси таҳаввулоти мунтазами иқтисодию иҷтимоӣ дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот гарданд. Бо ин мақсад, масъалаҳои таъсири мусбии қарзҳои хурд бо истифодаи технологияи рақамӣ ба вазъи фаъолияти ташкилотҳои мабалағгузории хурд ва дурнамои рушди онҳо дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бо дарназардошти ин, як қатор ташкилотҳои қарзие дар Тоҷикистон фаъолият менамоянд, ки дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат саҳми арзандаи худро мегузоранд ва мо дар идомаи таҳқиқот арзёбии вазъи кунунии баъзе аз онҳоро гузаронидаем.

Тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» қайд гардидааст: « Ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд) - ташкилотҳои қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул мебошанд»[7].

Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар доираи салоҳияти пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии БМТ, ки дар асоси онҳо қабул гардидаанд, фаъолияти худро мустақилона ташкил намуда, мавриди амал қарор медиҳанд.

«Ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд дар шакли ҷамъияти саҳҳомии пӯшида ё ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд таъсис дода шуда, фонди қарзии хурд дар шакли фонди ҷамъиятӣ ташкил дода мешавад»[7].

Инчунин, таъсисдиҳандагони ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд резидентҳо, ғайрирезидентҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд.

БМТ ҳадди ниҳоии имконпазири қарзи додашавандаро тибқи санадҳои меъёрӣ муайян менамояд. БМТ ҳуқуқ дорад барои андозаи ниҳоии саҳмияҳои ба муассисони ташкилоти амонатии қарзии хурд таалуқдошта меъёрҳое муайяни худро қабул намояд.

Муносибати байни мизоҷ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд тибқи шартномаи дуҷониба амалӣ мегардад. Дар шартнома бояд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн пурра ва дақиқ нишон дода шаванд.

Тибқи қонуни мазкур «ташкилоти амонатии қарзии хурд метавонад намудҳои зерини фаъолиятро ҳангоми мавҷуд будани иҷозатнома анҷом диҳад:

- ❖ қабули амонати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- ❖ додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- ❖ анҷом додани амалиёти хазинавӣ: қабул, бозшуморӣ, хурдсозӣ, ивази купюр, бастабандӣ ва нигоҳдории пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;
- ❖ додани кафолат мутобиқи маблағи ҳадди аксари қарзи пардохтнашуда барои қарзи хурд, ки барои як муштарӣ муқаррар шудааст;
- ❖ додан ва қабул намудани кортҳои пардохт;
- ❖ кушодан ва пеш бурдани суратҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- ❖ анҷом додани амалиёти интиқолӣ бо фармоиши муштариён;
- ❖ анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ» [7].

Ташкилоти амонатии қарзии хурд ҳуқуқ дорад бо асъори хориҷӣ ва пули миллӣ ҳамчун маблағҳои пулӣ қарз гирад. Ҳамзамон, дар ягон ҳолат наметавонад ба фаъолиятҳои дигар мисли савдо, суғурта ва истеҳсол машғул шавад.

Ташкилоти амонатии қарзии хурд бояд тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» оид ба кафолат додани амонатҳои шахсони воқеие, ки ҷалб менамоянд, амал намоянд. Онҳо ҳуқуқи баровардани қоғазҳои қимматнокро надорад.

Бо мақсади дастгирии устувории низоми пулию қарзии ҶТ, таъмини рушди босуботи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, инчунин, ҳимояи манфиатҳои амонатгузорони онҳо БМТ дар доираи салоҳияти худ фаъолияти ТАҚХ-ро таҳти назорат қарор дода, ба низом медарорад.

Бонкҳо дар асоси гузаронидани як қатор амалиётҳо даромад ба даст меоранд, ки аз даромадҳои фоизӣ ва даромадҳои ғайрифоизӣ иборат аст. Хароҷотҳои бонкӣ ин ҳамаи он хароҷотҳое, ки бонк дар ҷараёни фаъолияти молиявиаш мегузаронад.

Нишондиҳандаҳои молиявии баъзе аз ташкилотҳои қарзиро таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ муайян намудем, Аз ҷумла яке аз онҳо «ҶСП ТАҚХ ”Имон Интернешнл” ба шумор меравад, ки яке аз бузургтарин ташкилотҳои пешрафтаи молиявии Тоҷикистон мебошад, ки 127 намояндагӣ дорад. Маълум гардид, ки 24 сол боз дар бозори маблағгузории хурд фаъолияти худро бурда истодааст»[47].

Ташкилот дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 27 филиал ва 100 маркази хизматрасонии маблағгузории хурд дорад. Инчунин, бояд зикр намуд, ки ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» 7 январи соли 2013 дар доираи Ташкилоти амонатии қарзии хурд аз БМТ барои анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома гирифтааст[47].

Нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотро дар ҷадвали 2.9 пешниҳод намудаем.

**Ҷадвали 2.9. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП ТАҚХ ”Имон Интернешнл” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | фарқият(+,-) 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 1 174,4 | 1 352,9 | 1 479,7 | 1 894,0 | 2 284,5 | 1110,1 |
| Нақдина | 48,1 | 98,8 | 68,1 | 60,6 | 86,0 | 37,9 |
| Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 173,5 | 109,4 | 63,4 | 119,7 | 135,4 | -38,1 |
| Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0 |
| Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 865,3 | 1 061,0 | 1 243,2 | 1 485,6 | 1 871,2 | 1005,9 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 35,6 | 35,5 | 35,4 | 89,7 | 84,1 | 48,5 |
| Дигар дороиҳо | 51,5 | 47,8 | 69,2 | 138,1 | 107,3 | 55,8 |
| Уҳдадориҳо | 963,8 | 1 120,7 | 1 230,4 | 1 585,7 | 1 940,1 | 976,3 |
| Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 390,3 | 431,5 | 445,3 | 639,8 | 831,1 | 440,8 |
| Амонатҳо | 432,2 | 550,8 | 647,4 | 765,5 | 954,1 | 521,9 |
| Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Дигар уҳдадориҳо | 141,3 | 138,4 | 137,7 | 180,4 | 154,9 | 13,6 |
| Сармояи тавозунӣ | 210,6 | 232,2 | 249,3 | 308,4 | 344,4 | 133,8 |
| Сармояи пардохтшуда | 111,1 | 111,1 | 111,1 | 111,1 | 111,1 | 0 |
| Захираҳо | 89,1 | 98,2 | 109,2 | 176,7 | 193,7 | -697,3 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | 10,4 | 22,9 | 29,0 | 20,6 | 39,6 | 29,2 |
| Уҳдадорӣ ва сармоя | 1 174,4 | 1 352,9 | 1 479,7 | 1 894,0 | 2 284,5 | 1110,1 |
| Нишондиҳандаҳои фаъолият | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 0,9% | 1,7% | 0,0% | 1,1% | 1,7% | 0,8% |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 4,9% | 9,9% | 11,6% | 6,7% | 11,5% | 6,6% |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 15,4% | 23,4% | 23,0% | 12,3% | 14,0% | -1,4% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 154% | 155,2% | 68,8% | 91,8% | 87,4% | 66,6% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 27 | 27 | 27 | 27 | 27 | 0 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 102 | 103 | 100 | 100 | 97 | -5 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 50 | 49 | 54 | 59 | 68 | 18 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 217 | 50 | 87 | 247 | 232 | 15 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 56 687 | 72 639 | 97 825 | 110 842 | 239 661 | 182974 |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 47].

Аз таҳлили ҷадвали 2.9 бармеояд, ки ҶСП ТАҚХ ”Имон Интернешнл” дар татбиқи иқтисоди рақамӣ саҳми муассир дошта, дорои 27 филиал, 97 адад

марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, 68 адад миқдори бонкаматҳо, 232 адад POS-терминалҳо ва 239661 адад кортҳои бонкӣ мебошад.

Инчунин, аз ҳисоботи молиявии ташкилот маълум гардид, ки « то 31-уми декабри соли 2024 ба маблағи 51,566,309 сомонӣ даромад гирифта, аз он ба маблағи 11,958,845 сомонӣ андоз аз даромад супорида, ба маблағи 39,607,464 фоидаи соф гирифтааст, ки нисбат ба соли 2023, ки фоидаи соф 20,569,014 сомониро ташкил медод, 19038450 сомонӣ зиёд мебошад»[47].

Ташкилоти дигаре, ки мавриди таҳлил қарор гирифт, ин ҶДММ ТАҚХ ”Финка” ба шумор меравад. ФИНКА Тоҷикистон, ки соли 2003 таъсис ёфтааст, пеш аз ҳама, тавассути шабакаи филиалҳои деҳот ва дурдаст фаъолият намуда, саъю кӯшиши худро ба пешниҳоди ҳалли молиявӣ ба мизоҷони камдаромад ва шахсони дигар, ки анъанавӣ ба чунин хизматрасониҳо дастрасӣ надоранд, равона мекунад.

«ҶДММ ТАҚХ ”Финка”дар бахши маблағгузории хурд фаъолият намуда, қариб ба 30 000 мизоҷ имконияти пешниҳод намудани қарҳои хурдро дорад. FINCA Тоҷикистон қисмати шабакаи ҷаҳонии муассисаҳои пешсафи маблағгузории хурд мебошад, ки дорои таъсири иҷтимоӣ FINCA Impact Finance (FIF) аст. FINCA Impact Finance ба ташкилоти сармоягузории иҷтимоии FINCA Microfinance Holding Company LLC (FMH) тааллуқ дорад ва аз ҷониби он идора карда мешавад »[209]. Саҳмдори асосии FMH ташкилоти ғайритиҷоратӣ FINCA International, Inc. мебошад, ки дар шаҳри Вашингтон ҷойгир аст ва барои аз байн бурдани камбизоатӣ дар саросари ҷаҳон фаъолият мекунад, дар ҳоле ки KfW дорои ҳиссаи миноритарӣ мебошад. Миллионҳо соҳибкорон ба уҳдадории FIFA барои ҳимояи ҳуқуқи мизоҷон ва таҷрибаи беҳамтои онҳо такя мекунанд, то дар бунеди ояндаи беҳтар барои худ, оилаҳо ва ҷомеаҳои худ кумак кунанд [48].

Аз таҳлили ҷадвали 2.10 бармеояд, ки ҶДММ ТАҚХ ”Финка” дорои 18 филиал, 7 адад марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, 9 адад миқдори бонкаматҳо, 27 адад POS-терминалҳо буда, 29198 адад кортҳои бонкӣ баровaрда, мавриди истифода қарор додааст. Аз нишондодҳои дар ҷадвал

пешниҳодгардида маълум мегардад, ки доираи фаъолияти ташкилоти мазкур нисбат ба ҶСП ТАҚХ ”Имон Интернешнл” камтар ҳам бошад, вале мунтазам ҳамкориро бо мушатириён идома дода, дар ҳолати рушд қарор дорад.

Инчунин, аз ҳисоботи молиявии ташкилот маълум гардид, ки то 31-уми декабри соли 2024 ба маблағи 57545 сомонӣ даромади амалиётӣ гирифта, хароҷоти амалиётӣ бошад, 51998 сомониро ташкил додааст.

Аз нишондиҳандаҳои сомонаи расмии ҶДММ ТАҚХ ”Финка” маълум карда шуд, ки фоидаи то андозбандӣ ба маблағи 5547 сомонӣ муайян гардидааст, ки аз ин ба маблағи 1750 сомонӣ андоз ба буҷаи давлат пардохт карда шудааст. Дар натиҷа фоидаи софи ҷамъият 3797 сомониро ташкил додааст» [48].

Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки воқеан ҳам ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ аз фаъолияти молиявии худ дар баробари ба соҳибкорон ва дар маҷмуъ ба аҳолӣ тавассути қарзҳои гуногуни кутоҳмуддат ва дарозмуддат дастгигрӣ менамоянд, инчунин, ба буҷаи давлат низ аз даромади худ андоз пардохт менамоянд .

Аз ин лиҳоз, бояд аз ҷониби давлат низ дастгирӣ ёфта, дар раванди фаъолияти молиявӣ барои дастрас намудани техника ва технологияи муосир ҳамкории шарикии судманро роҳандозӣ намоянд.

**Ҷадвали 2.10. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶДММ ТАҚХ ”Финка” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | фарқият(+,-) 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 219,3 | 310,3 | 342,3 | 387,3 | 412,9 | 193,6 |
| Нақдина | 0,0 | 0,0 | 8,3 | 9,9 | 8,2 | 8,2 |
| Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 19,3 | 65,6 | 53,3 | 35,4 | 28,2 | 8,9 |
| Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | -0,1 |
| Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 166,0 | 218,9 | 252,7 | 308,3 | 338,4 | 172,4 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 7,2 | 8,2 | 7,5 | 6,5 | 7,6 | 0,4 |

*идомаи ҷадвали 2.10.*

| Дигар дороиҳо | 26,5 | 17,5 | 20,5 | 27,2 | 30,5 | 4 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Уҳдадориҳо | 173,3 | 264,1 | 292,4 | 335,1 | 356,9 | 183,3 |
| Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 149,6 | 207,2 | 174,0 | 191,1 | 173,8 | 24,2 |
| Амонатҳо | 7,5 | 32,3 | 69,4 | 96,6 | 135,8 | 128,3 |
| Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Дигар уҳдадориҳо | 16,3 | 24,7 | 48,9 | 47,4 | 47,3 | 31 |
| Сармояи тавозунӣ | 45,9 | 46,1 | 50,0 | 52,2 | 56,0 | 10,1 |
| Сармояи пардохташуда | 81,2 | 81,2 | 81,2 | 81,2 | 81,2 | 0 |
| Захираҳо | -30,7 | -35,3 | -35,2 | -31,3 | -29,0 | -1,7 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | -4,6 | 0,2 | 3,9 | 2,2 | 3,8 | -0,8 |
| Ухдадорӣ ва сармоя | 219,3 | 310,3 | 342,3 | 387,3 | 412,9 | 193,6 |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | -2,1% | 0,1% | 0,0% | 0,6% | 0,9% | -1,2% |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | -9,9% | 0,5% | 7,8% | 4,3% | 6,8% | -3,1 |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 17,5% | 26,3% | 31,7% | 35,1% | 15,8% | -1,7% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 353% | 504% | 202% | 118% | 74,7% | -278,3% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 17 | 17 | 18 | 18 | 18 | 1 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 0 | 0 | 1 | 4 | 9 | 9 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 0 | 0 | 0 | 26 | 27 | 27 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 0 | 3 755 | 13 186 | 21 297 | 29 198 | 29198 |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 48].

Дар идомаи тадқиқоти илмӣ мо яке аз ташкилотҳои хурди қарзии мамлакат ҶДММ ТАҚХ ”Матин”-ро интихоб намуда, нишондиҳандаҳои молиявӣ ва фаъолияти қарзии онро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем.

Аз таҳлили ҷадвали 2.11 бармеояд, ки ҶДММ ТАҚХ ”Матин” дорои 11 филиал, 18 адад марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, 8 адад миқдори бонкаматҳо, 63 адад POS-терминалҳо буда, 9193 адад кортҳои бонкӣ бароварда мавриди истифода қарор додааст. Аз нишондодҳои дар ҷадвал пешниҳодгардида маълум мегардад, ки дар соли 2024 миқдори филиалҳо 1 адад зиёд гардида, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд бошад, 1 адад кам гардидааст. Шумораи банкоматҳо, POS-терминалҳо ва миқдори кортҳои бонкӣ

бошад, мутаносибан, 8, 22 ва 1276 адад зиёд гардидааст, ки ин нишондодҳо боиси ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар мегарданд. Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Матин" дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд мавҷуд буда, ба фаъолияти амонатию қарзӣ аз санаи 8 июли соли 2009 машғул мебошад [42].

Инчунин, аз маълумоти сомонаи расмии ташкилот маълум гардид, ки ташкилот хизматрасониҳои гуногун, аз ҷумла қабули пасандозҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, додани қарзҳои хурд, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ, интиқоли маблағ аз номи муштарӣ, додани кафолатҳо, бастани шартномаҳо барои худ, амалиёти хазинадорӣ, амалиёти ҳисоббаробаркунию мубодилавӣ, инчунин бароиши кортҳои пардохтии бонкӣ ва анҷом додани муомилот бо муштариёнро пешниҳод менамояд [42]. (ниг. ба ҷадвали2.11). Аз таҳлили ташкилотҳои қарзии болозикр чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳо дар баробари бонкҳои тиҷоратӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети давлат ва таъмини рушди иқтисодию иқтимоии мамлакат, инчунин, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути пешниҳоди маблағгузориҳои хурд бо истифода аз технологияи рақамӣ саҳми муассири худро мегузоранд. Яъне, маблағгузории хурд як намуди фаъолиятест, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ алоқамандӣ дошта, чун қоида дастрасии нисбатан озоди соҳибкории хурдро ба манбаҳои маблағгузорӣ дар намуди қарзҳои хурд ва дигар намудҳои хизматрасонӣ таъмин менамояд.

**Ҷадвали 2.11. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶДММ ТАҚХ ”Матин” барои солҳои 2020-2024 (бо млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | фарқият(+,-) 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 127,4 | 112,5 | 125,4 | 134,5 | 197,2 | 69,8 |
| Нақдина | 5,4 | 5,4 | 11,0 | 10,1 | 30,5 | 25,1 |
| Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 8,5 | 5,6 | 25,1 | 18,4 | 14,1 | 5,6 |
| Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | -0,3 |
| Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 87,8 | 81,7 | 73,2 | 74,2 | 103,9 | 16,1 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 7,3 | 7,1 | 6,3 | 8,6 | 11,4 | 4,1 |

*идомаи ҷадвали 2.11*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дигар дороиҳо | **18,2** | **12,7** | **9,8** | **23,3** | **37,3** | **19,1** |
| Ӯҳдадориҳо | 74,6 | 60,8 | 96,2 | 96,8 | 155,1 | 80,5 |
| Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 3,4 | 3,4 | 3,7 | 9,7 | 23,0 | 19,6 |
| Амонатҳо | 62,3 | 54,3 | 62,2 | 59,5 | 99,5 | 37,2 |
| Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 8,9 | 3,1 | 30,2 | 27,5 | 32,6 | 3,7 |
| Сармояи тавозунӣ | 52,8 | 51,7 | 29,2 | 37,7 | 42,1 | -10,7 |
| Сармояи пардохташуда | 47,6 | 46,7 | 23,5 | 31,5 | 35,0 | -12,6 |
| Захираҳо | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 0,4 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | 0,6 | 0,4 | 0,7 | 1,3 | 2,1 | 1,5 |
| Ӯҳдадорӣ ва сармоя | 127,4 | 112,5 | 125,4 | 134,5 | 197,2 | 69,8 |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 0,5% | 0,4% | 0,0% | 0,9% | 1,1% | 0,6% |
| Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 1,2% | 0,8% | 2,2% | 3,4% | 5,0% | 3,8% |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 15,8% | 23,1% | 16,1% | 21,7% | 14,0% | -1,8% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 56% | 83% | 175% | 64% | 88,1% | 32,1% |
| Миқдори филиалҳо (адад) | 10 | 10 | 10 | 10 | 11 | 1 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 19 | 20 | 18 | 14 | 18 | -1 |
| Миқдори банкоматҳо (адад) | 0 | 0 | 0 | 0 | 8 | 8 |
| Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 41 | 41 | 35 | 66 | 63 | 22 |
| Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 7 917 | 7 119 | 7 968 | 7 575 | 9 193 | 1276 |

**Сарчашма:**таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои адабиёти [37, 42].

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки шартҳои пешниҳоди қарз барои тарафайн ҳангоми анҷом додани муносибатҳои қарзӣ аниқ буда, бояд ба воситаи технологияи рақамӣ анҷом дода шаванд. Зеро раванди муносибатҳои қарзӣ мураккаб ва ба муҳлатҳои гуногун пешниҳод карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо новобаста аз оне, ки қарзгиранда дар кадом маҳал қарор дорад, тавассути истифодаи технология рақамӣ пардохти саривақтии маблағи қарз ва фоизи онро амалӣ менамояд.

Ҳангоми омӯзиши вазъи истифода ва таъмини технологияи инноватсионии рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардид, ки барои қабули пардохти хизматрасониҳои давлатӣ шумораи технологияи муосири пардохтӣ дар ҳамаи муассисаҳои молиявӣ баробар рушд накардаанд. Дар ин самт КВД БА ҶТ “Амонатбонк” пешсаф буда, то 30.11.2023 3248 адад POS - терминалҳо ва 566 адад QR - рамзҳои ягона барои қабули пардохтҳои хизматрасониҳои давлатӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат насб намудааст.

## Ҷадвали 2.12 Маълумот оид ба шумораи инфрасохтори пардохтӣ барои қабули пардохти хизматрасониҳои давлатӣ насбшуда

| Номгӯйи ташкилотҳои қарзии молиявӣ | POS - терминалҳо барои қабули пардохтҳои хизматрасониҳои давлатӣ | | | QR - рамзҳои ягона барои қабули пардохтҳои хизматрасониҳои давлатӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 01.01 - 31.07.2023 | Афзоиш аз 01.08 то 30.11.2023 | Умумӣ ба 30.11.2023 | 01.01 - 31.07.2023 | Афзоиш аз 01.08 то 30.11.2023 | Умумӣ ба 30.11.2023 |
| КВД БА ҶТ “Амонатбонк” | 1828 | 1420 | 3248 | 465 | 101 | 566 |
| КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” | 20 | 26 | 46 | 1 | 2 | 3 |
| ҶСК “Бонки Эсхата” | 3 | 10 | 13 | 72 | 13 | 85 |
| ҶСК “Ориёнбонк” | 109 | 19 | 128 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСК “Алиф Бонк” | 10 | -7 | 3 | 28 | 12 | 40 |
| ҶСК “Тавҳидбонк” | 0 | 0 | 0 | 2 | 0 | 2 |
| ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” | 43 | 59 | 102 | 145 | 101 | 246 |
| ҶСП “Душанбе Сити Бонк” | 28 | 18 | 46 | 37 | 63 | 100 |
| ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” | 234 | 29 | 263 | 16 | 11 | 27 |
| ҶСП “Спитамен Бонк | 3 | 0 | 3 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” | 2 | 0 | 2 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП "Актив Бонк" | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП Бонки “Арванд” | 0 | 0 | 0 | 0 | 34 | 34 |
| ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” | 37 | 36 | 73 | 29 | 9 | 38 |
| ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | 15 | 8 | 23 | 9 | 28 | 37 |
| ҶДММ ТАҚХ "Сандуқ" | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ “Зудамал” | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гуруҳ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ "Финка" | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ "Ардо капитал" | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ-молия” | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ "Матин" | 1 | -1 | 0 | 1 | -1 | 0 |
| | 2333 | 1617 | 3950 | 805 | 373 | 1178 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [37].

Инчунин, аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум гардид, ки дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”, ҶСК “Ориёнбонк”, ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶСП “Душанбе Сити Бонк” ва КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” дар ҳолати рушд қарор доранд. Дар байни ташкилотҳои хурди қарзӣ бошад, ҶСП ТАҚХ “Ҳумо”ва ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” фаъол буда, мутаносибан, 73 ва 23 адад POS - терминалҳо барои қабули пардохтҳои хизматрасониҳои давлатӣ 38 ва 37 адад QR - рамзҳои ягона то 31.11.2023 ташкил намудаанд.

Вобаста ба ин, ба ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ лозим аст, ки рақобатпазирии худро дар бозори молиявӣ баланд бардоранд ва принсипҳои иқтисоди рақамиро тавассути зиёд намудани технологияҳои инноватсионӣ татбиқ намуда, ҷалби ҳар чи бештари мизоҷонро ба воситаи пешниҳоди хизматрасониҳои муфид ва босифат таъмин намоянд.

Дар идомаи таҳқиқот қайд кардан зарур аст, ки маблағгузории хурд яке аз хизматрасониҳои бонкии қобили қабул ба ҳисоб рафта, фаъолияти молиявиро ҳамчун рисолати иҷтимоӣ бо мақсади дастгирии қишри ниёзманди ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи ниҳоии фоидаи иқтисодӣ роҳандозӣ менамояд.

Яъне, ташкилотҳои маблағгузории хурд аз нуқтаи назари илми иқтисод тавассути технологияи инноватсионии қарздиҳии хурд пеш аз ҳама, барои дастгирӣ намудани соҳибкории хурд ва ба аҳолии эҳтиёҷманди камбизот, расонидани кӯмаки молиявӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин замина, соҳибкорони хурд метавонанд фаъолияти пурсамар намуда, сатҳу сифати аҳолии камбизоат бошад, беҳтар гардад.

Дар робита ба ин, метавон зикр намуд, ки ҷанбаҳои назариявии маблағгузории хурд дар шароити муосири рушди иқтисодӣ нақши муассирро касб намуда, бо истифода аз технологияи инноватсионии рақамӣ ва ҷалби бештари мизоҷон вазъи рақобатпазирии худро дар бозори молиявӣ марҳила ба марҳила афзун гардонида истодааст.

Ба ақидаи мо, ҳамзамон, мувофиқи мақсад аст, ки нақши қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ ва мавқеи онҳо дар рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ карда шуда, саҳм гузоштани онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ, инчунин, ба воситаи пешкаш намудани хизматрасониҳои босифати бонкӣ ба низом даровардани ҳадафҳои асосии қарзии муштариён арзёбӣ карда шавад.

Дар робита ба ин Сагимбаева А.М. қайд намудаанд, ки « ҳангоми баррасии масъалаҳои ташкилотҳои мабағгузории хурд дар адабиёти иқтисодӣ мафҳумҳои «маблағгузории хурд» (microcredit), «ташкилоти маблағгузории хурд», (microfinance organization) ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд» [98].

Илова бар ин, бояд тазаккур дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба маблағгузории хурд ва ташкилотҳои қарзии хурд дар мамлакатҳои мутараққии хориҷӣ қабул гардида, мавриди амал қарор доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ соли 2012 қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуда буд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», ки 16 апрели соли 2012, № 816 қабул гардидааст [7].

Ба ақидаи Ҳаёев Қ. А., «маблағгузории хурд як шакли фаъолияти иқтисодӣ мебошад, аммо дар илми иқтисодӣ таърифи ягонаи маблағгузории хурд ва қарзҳои хурд вуҷуд надорад. Базе кишварҳо ва идораҳои махсусгардонидашудаи СММ пешниҳод карданд, ки истилоҳҳои «қарзҳои хурд» ва «маблағгузории хурд» дар асоси ҷойивазкунӣ мавриди истифода қарор бигиранд. Маъмулан, истилоҳи «маблағгузории хурд» бо «қарзҳои хурд» мушобеҳанд, яъне додани қарзҳои ҳаҷман хурди кӯтоҳмуддат» [181].

Аммо «маблағгузории хурд» ба ҷуз аз додани қарзҳои хурд, боз расонидани миқдори зиёди хизматҳои молиявии марбутаро, аз қабили суғурта, лизинг, хизматҳои пасандозӣ, инчунин, баъзе хизматрасониҳои тиҷоратиро дар назар дорад [181].

Олими ватанӣ Имомализода Б. Б. низ дар рисолаи худ андешаи олимони хориҷиро чунин овардааст, ки ба ақидаи донишмандони хориҷӣ Брандсма Ю.

ва Бурҷоржи Д. маблағгузории хурд таъмин намудан ба хизматрасониҳои молиявӣ, ба монанди қарз, пасандоз, интиқоли маблағҳо ва суғуртаи одамони камбизоат ва камбағал мебошад [203].

Инчунин, муаллиф оид ба хислатҳои асосии хизматрасониҳои молиявӣ баён намудааст, ки инҳо аҳаммият додан ба соҳибкории хурд, расонидани хизматҳо ба муштариёни камбизоате, ки ниёз ба дастгирӣ доранд, инчунин, пешниҳод намудани қарзҳо ба муштариёни ниёзманд, дастрасии сода ва қулай ба қарзҳои хурди кӯтоҳмуддат бо мақсади ҳавасмандгардонии муштариён оид ба баргардондани пардохтҳо мебошанд. [203].

Гриб Р.Б. доир ба мафҳуми «маблағгузории хурд» чунин мешуморад, ки «муносибатҳои махсуси молиявӣ-қарзӣ» дар байни ташкилотҳои молиявӣ ва «шаклҳои хурди хоҷагидорӣ» ба таври сода дар асоси принсипҳои пардохтпазирӣ, кӯтоҳмуддатӣ ва эътимод, инчунин, истифодаи самаранок бо мақсади рушди субъекти хоҷагидор фаҳмида мешавад» [198].

Инчунин, олими иқтисодшинос Бикбулатов В.Р. бар он ақида аст, ки «дар шароити кунунии рушди иқтисодиёт маблағгузории хурдро муассисаҳои молиявии хурд ҳамчун омили асосии самараноки фаъолияти молиявии ба низом даровардани муносибатҳои қарзӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт маҳсуб медонанд» [196].

Аз нуқтаи назари Кох Ю.В. «маблағгузории хурд як шакли хизматрасониҳои молиявии хурд ба субъектҳои соҳибкории хурд ва дастгирии табақаҳои камбизоати аҳолӣ мебошад» [151].

Аз андешаҳои Янбих Р.Г. бармеояд, ки «дар адабиёти илмӣ, аксаран, истилоҳе мавҷуд аст, ки онҳоро ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор медиҳанд» [121]. Муаллиф барои шарҳи андешаҳои худ истилоҳҳои маблағгузории худро дар таҷрибаи байналмилалӣ ба чор гурӯҳ таснифот кардааст, ки мо онҳоро дар расми 9 пешниҳод намудаем: (ниг. расми 2.9)

**якум,** қарздиҳии хурд, он аст, ки вақте маблағи на он қадар калон дар шакли қарз ба муштарии бонк ва ё ташкилоти дигар дода мешавад. Қарзи хурд метавонад дар асоси гарав ва ё бидуни гарав, инфиродӣ ва тавассути қарздиҳии гурӯҳӣ пешниҳод карда шавад;

**дуюм,** пасандозҳои хурд – пасандозгузорӣ, ба касе имкон медиҳад, ки маблағи камеро барои истифода дар оянда нигоҳ дорад;

**сеюм,** суғуртаи хурд – низоме, ки дастрасӣ ба он ба соҳибкор имкон медиҳад, бештар ба инкишофи кори хеш таваҷҷуҳ зоҳир намояд, чунки хавфҳоеро, ки метавонанд ба моликият, саломатӣ ва қобилияти меҳнатии соҳибкор халал ворид кунанд, кам мекунад;

**Чорум,** микролизинг–хизматрасонӣ, додани таҷҳизоти гаронарзиш, техникаи кишоварзӣ ё воситаҳои нақлиёт ба корхонаҳои хурд ва ё соҳибкорони хурд бо лизинг, ки онро бо нархи пуррааш харидорӣ карда наметавонанд.

**Расми 2.9 Истилоҳҳои маблағгузории хурд аз таҷрибаи ташкилотҳои байналмилалӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [121].

Дар раванди таҳқиқот ва дар асоси маълумоти расми 2.8 маълум гардид, ки оид ба таърифи маблағгузории хурд якчанд муносибат вуҷуд дорад. Ҳоло ташкилотҳои маблағгузории хурд дар баробари пешниҳод намудани қарзҳои хурд, инчунин, интиқоли воситаҳои пулӣ, барномаҳои сарфаи пул, лизинг, суғурта, пардохтҳо ва ғайраро анҷом дода истодаанд.

Яке аз хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳоди қарзҳои хурд ба шумор меравад. Тибқи маълумоте, ки аз сомонаҳои интернетӣ гирифта шудааст, қарзҳои хурд, ки бо номи “маблағгузории хурд” маъруфанд, пешниҳоди сармояи хурд ба аҳолии камдаромадро дар бар мегирад.

Муаллифони ватанӣ Ҷабборов А., Абдуллоев А. Б ва Холаҳмади С. дар китоби "Маблағгузории хурд" чунин таърифи қарзи хурдро пешниҳод намудаанд: «Қарзи хурд - қарзе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода мешавад ва маблағи он аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон зиёд намебошад» [115, с.38].

Дар шароити рушди иқтисоди муосир пешниҳод намудани қарзҳои хурд барои доираи соҳибкорони хурду миёна аҳммияти хосаеро касб намудааст.

Аксари масъалаҳои мазкур тавассути пешниҳоди маблағгузории хурд ҳалли мусбати худро дар ҳоле дарёфт карда метавонанд, ки соҳибкорони хурду миёна аз ҷониби давлат дастгирӣ ёбанд.

Чуноне, ки аз Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон маълум гардид «монеаҳои ҷойдоштаро, ки ба рушди сохибкорӣ зарар эҷод мекунанд, Президенти ҶТ мавриди назар қарор дода, дар санаи 14.10.2017 бо соҳибкорону сармоягузорони ҷумҳурӣ вохӯрӣ гузаронида, аз ҷумла қайд карданд, ки « ба роҳбарони Бонки миллӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд дастур доданд, ки ба масъалаҳои таъмин намудани рушди устувори низоми бонкӣ ба беҳтар кардани сифати дороиҳо, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо, зиёд намудани сармояи асосӣ, такмил додани усулҳои идоракунии корпоративӣ, сатҳи пардохтпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолият диққати ҷиддӣ диҳанд» [37].

Дар солҳои охир аз ҷониби давалат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки метавонанд барои ташаккул ва рушди ташкилотҳои қарзии хурд ва ба роҳ мондани маблағгузории хурд асосҳои ҳуқуқӣ муҳаё намоянд.

Аз нуқтаи назари олимони ватанӣ Ҷабборов А., Абдуллоев А. Б ва Холаҳмади С., қарзи хурд мафҳуми иқтисодӣ аст, ки асосан дар бахши бонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд истифода мешавад. Мафҳуми микрокредит аз калимаҳои лотинии микро -хурд ва кредит-эътимод ё ин ки бо

боварӣ қарз додан гирифта шуда, ҳамчун пешниҳоди маблағҳои хурд барои қарз додан тарҷума мешавад [115, с. 49].

Мафҳуми қарзҳои хурд ё кредит ва мафҳуми микрокредит дар баъзе ҳолатҳо як намуд тавсиф ва шарҳ дода мешаванд. Таърифи қарз дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» чунин баён гардидааст: « Қарз - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода шудааст» [5].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» бошад,оид ба таърифи микрокредит чунин омадааст: «Кредити хурд гуфта, қарзе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ баргардонидан ба муҳлати муайян дода мешавад ва маблағи он аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон зиёд намебошад » [7].

Ҳамин тариқ, дар ниҳоят чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки қарзи хурд ин як самти муҳимми фаъолияти муассисаҳои молиявӣ мебошад, ки ба соҳибкорони хурду миёна ва аҳолии ниёманди камбизоат, ки имконияти гирифтани қарзҳои калонро надоранд, бо шартҳои пардохти фоиз метавонад, мусоидат намояд. Дар ҳолати истифодаи самараноки технологияи рақамӣ ва рушд додани қарзи хурд имконият ба амал меояд, ки одамони камбизоат ва соҳибкорони хурд бе мушкилӣ ба қарзҳои хурд дастрасӣ пайдо намуда, вазъи молиявии худро беҳтар намоянд.

## 2.3 Омилҳои таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир

Дар шароити рушди мунтазами иқтисодиёти ҷаҳон омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд ба сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонанд.

Масалан, рақибони дорои хуби амалиёти таблиғот дар асоси пешкаш намудани миқдори зиёди хизматрасониҳои бонкии саривақтӣ ва босифат, ҳаҷми кофии сармояи оинномавӣ, таъсис додани филиал ва намояндагиҳои

бешумор дар тамоми минтақаҳои кишвар метавонанд дар баробари бонкҳои тиҷоратӣ рақобати комил намоянд.

Ҳамчунин, ба фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамаи омилҳои раванди соҳибкорӣ таъсири мусбат ё манфӣ расонида метавонанд. Зеро фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ низ, ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, муҳаққиқи иқтисоддон Кузминич Г. Г. чунин қайд намудаанд: «Дар шароити ҷаҳонишаваии иқтисодиёт омилҳои рақобатпазирии бахши соҳибкорӣ ҳам дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ ва истеҳсолию хоҷагии он ва ҳам аз омилҳои муҳити беруна ба миён меоянд, ки вуҷуд доштани ин омилҳо барои тағйир додани меъёрҳои рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди сифати маҳсулот, хароҷоти истеҳсоли онҳо, нуфузи ширкат ва ғ. амри зарурӣ маҳсуб меёбад» [26].

Айни замон омилҳои гуногуни баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ мавҷуд аст, ки онҳо ба воситаи танзими дурусти ин омилҳо метавонанд эътибори бонкро дар бозори молиявӣ баланд бардошта, рақобатпазирии худро таъмин намоянд.

Дар робита ба ин, муҳаққиқи самти иқтисодиёт Р. А. Теплякова оид ба имкониятҳои бозорӣ ва дохилии бонки тиҷоратӣ чунин мазмунро баён намудааст, ки имкониятҳои бозории бонк аз самтҳои рушди иқтисодии кишвар, сохтори давлат, дараҷаи танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби Бонки марказӣ, вазъи заминаи қонунгузорӣ, тавозуни пардохти кишвар, захираҳои тиллою асъори кишвар, сатҳи таваррум, меъёрҳои фоизӣ, даромади аҳолӣ, рушди бозори дохилии кишвар ва рақобатпазирии дохилию хориҷии кишвар вобаста аст [34].

Инчунин, муаллиф бар он ақида аст, ки имкониятҳои дохилии бонкро таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии он, мавҷудияти базаи захиравӣ, номгӯйи хизматрасониҳои пешниҳодшуда, кадрҳои баландихтисос, рушди фаъолияти маркетинӣ дар бонк, ҳадафҳои интихобшудаи стратегӣ, сатҳи таҷҳизоти техникии бонк ва ғайра муайян мекунанд [153].

Ба ақидаи доктори илмҳои иқтисодӣ Радковская Н. П., «ба омилҳои муҳити беруна омилҳои сатҳи болой, аз қабили омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, қонунгузорӣ, иҷтимой-демографӣ, техникӣ ва омилҳои сатҳи поёнӣ ба ионанди бозор, мизоҷон, рақибон, миёнаравҳо ва ғ. дохил мешаванд»[92].

Дар идомаи таҳқиқот муаллиф чунин мешуморад, ки «омили асосии рақобатпазирии бонк ин идоракунии касбии фаъолияти бонкӣ мебошад, ки дар асоси омӯзиши вазъи бозор, вазъи молиявии мизоҷон, рақибон ва дигар омилҳои муҳити беруна асос ёфтааст»[92].

Ҳамчунин, бо дарназардошти ин, оид ба таърифи омилҳои рақобатпазирии бонкҳо чунин мешуморад, ки омилҳои рақобатпазирии бонк падидаҳои берунии муҳити зист ё ҷараёнҳои фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла қарзӣ, сармоягузорӣ ва ғ. мебошанд, ки мавҷудияти онҳо барои тағйир додани меъёрҳои рақобатпазирии он (эътимоднокӣ, самаранокии фаъолияти бонк, ҷолибияти хизматрасониҳои бонкӣ ва ғ.) дар маҷмуъ барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бонк зарур ва кифоякунанда маҳсуб меёбад [92].

Бо дарназардошти ин, мо чунин мешуморем, ки дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ҳам омилҳои муҳити беруна ва ҳам дохилӣ нақши муассирро иҷро менамоянд. Зеро вазъи сиёсию иқтисодии кишвар, мизоҷон, рақибон, инчунин, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои рушди минбаъдаи бонк заминаи мусоид фароҳам оварда, метавонад нуфузи бонкҳоро дар бозори молиявӣ баланд бардорад.

Натиҷаҳои омӯзиш ва таҳқиқот маълум намуд, ки ба рушди рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ омилҳои таъсиррасон дар сатҳи фаъолияти рақибону муштариён, дар сатҳи давлат ва дар сатҳи ҷаҳонӣ вуҷуд дошта метавонанд. Омилҳои сатҳи ҷаҳонӣ ин, қабл аз ҳама, дар ҳолати бозори молиявии ҷаҳонӣ ва ҳамзамон, баланд гардидани сатҳи бухрон ба амал меоянд. Омилҳои сатҳи давлат ( макро) ва сатҳи фаъолияти рақибон бошанд, танзим ва дастгирии бонкҳои тиҷоратӣ аз тарафи давлат, заминаи объективии рақобатпазирии бонкҳо, вазъи бахши воқеии иқтисодиёт ва рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, бояд тазаккур дод, ки омилҳои дохилии рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ чунин таснифот мешаванд:

❖ Якум, ҷалб намудани бештари мизоҷон ва самаранок истифода бурдани амонатҳои онҳо, ки дар раванди фаъолияти бонк ба вуҷуд меоянд, инчунин, фаъолияти қарзию сармоягузорӣ;

❖ Дуюм, тавассути истифодаи васеи технологияи рақамӣ сатҳи баланди рақобатпазирии хизматрасониҳои мухталифи бонкӣ;

❖ Сеюм, иқтидори кадрии бонк ва сатҳи баланди маърифати молиявии онҳо ба шумор меравад.

Мавриди зикр аст, ки амалиёти қарзию пулӣ ва сармоягузорӣ ба ҳолати рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонида метавонанд, ки онҳо дорои чунин нишондиҳандаҳо мебошанд:

❖ Эътимоднокӣ ва тавоноии молиявии бонк;

❖ Истифодаи самараноки захираҳои молиявии бонкӣ;

❖ Рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ;

❖ Иқтидори захираҳои меҳнатӣ, яъне сатҳи баланди тахассусии кормандон, ки омили асосии ҳамаи муваффақиятҳо маҳсуб меёбанд.

Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки ҳамаи омилҳои мазкур унсури зарурии муайян кардани рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ буда, вазъи молиявии онро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Аз ақидаҳои мазкур чунин натиҷагирӣ кардан зарур аст, ки дар баробари ҳамаи омилҳои зикргардида, дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ омили инсонӣ нақши муассир дорад.

Таҳқиқоти олимон нишон додааст, ки «бонкдорӣ як соҳаи мушаххаси тиҷорат аст, ки хусусиятҳои тафаккур ва рафтори коргарони ҷалбшударо муайян мекунад. Дар баробари ин, бахши бонкии иқтисодиёт соҳаест, ки дар он нақши кадрҳо нисбат ба истеҳсолот бештар аст, зеро он ба соҳаи хизматрасонӣ тааллуқ дорад ва талабот нисбат ба кормандони бонк баландтар аст».[92]. Вобаста ба ин, ба бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки хизматрасониҳои бонкии саривақтӣ ва хушсифатро ба мизоҷон пекаш карда, нисбати ҷалби

кормандони соҳибтахассус чораандешӣ намоянд ва мунтазам онҳоро аз такмили ихтисос гузаронанд.

Ба андешаи Теплякова Р. А., «хизматрасонии бонкӣ фаъолияти бонкест, ки ба манфиати муштарӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ӯ ба хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла хизматрасонии қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ, хариду нигоҳдории коғазҳои қиматнок, мубодилаи асъор ва ғ. анҷом дода мешавад» [34]. Қисми зиёди олимони соҳа ба он андешаанд, ки фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба мушкилиҳои зиёде дучор мегарданд.

Дар ин бора муҳаққақи рус Лаврушин О. И. қайд мекунад, ки «танҳо дар натиҷаи омӯзиши амиқ ва таҳлили дурусти ин бозор бонк метавонад фаъолияти густурда ва самаранок дошта бошад» [157].

Инчунин, Т.Латтер чунин мешуморад, ки хизматрасонӣ бояд бо тарзу усуле пешниҳод карда шавад, ки хоси ҳар як бонк бошад. Яъне, ҳангоми пешниҳоди маҳсулот бонкҳо бояд бозори хизматрасониро дуруст таҳлил намуда, усулҳои махсуси худро мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳар як бонк бояд тартиби махсуси хизматрасониашро таҳия намуда, мувофиқи он амал намояд. Танҳо дар ин сурат бонк метавонад дар бозори молиявӣ ракобатпазир буда, мавқеи ракобатнокии худро дар бозор нигоҳ дорад [79].

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар шароити кунунӣ миқдори зиёди омилҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар таъсир расонанд. Яъне, имрӯз омилҳое вуҷуд доранд, ки ба рушди бозори хизматрасонии бонкии кишвар мусоидат мекунанд ва ҳамзамон омилҳое ҳастанд, ки монеи рушди бозори хизматрасонии бонкӣ мешаванд.

Омилҳои зикргардида ба бозори молиявии кишвар метавонанд дар алоҳидагӣ таъсири мусбат ё манфии худро расонанд. Ба ақидаи Р. Г. Ғаниев, «вазъи молиявии муштариёни бонкҳо дар мадди аввал аз ҳолати иқтисодии онҳо вобаста аст. Яъне, ҳолати иқтисодии муштарӣ метавонад ба иқтидори молиявии он таъсири амиқ гузорад. Вобаста ба ин, метавонем буҳрони

ҷаҳонии молиявиро мисол оварем, ки дар соли 2008-ум ҷой дошт. Дар натиҷаи ин бухрон аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ гирифтор гардиданд. Махсусан, болоравии сатҳи бекорӣ ва таваррум боиси оқибатҳои ногувор гашта буд» [197].

Дар робита ба ин, муассисаҳои молиявии ҳар як давлат таъсири ин бухронро эҳсос намуданд ва даромадҳои пулии аҳолӣ бошад, ҳаҷман кам гардид, ки омили коҳиш ёфтани талаботи шаҳрвандон ба хизматрасониҳои бонкӣ гашт. Вобаста ба ин, тибқи таҳлили адабиёти илмию соҳавӣ омилҳои асосии ба хизматрасониҳои бонкӣ таъсиррасон ба ба 4 гурӯҳ таснифот карда шудаанд (ниг. ба расми 2.10).




**Расми 2.10 Омилҳои ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсиргузор**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [134].

Ба андешаи Грушко, А., «омили дигари дар инкишофу рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсиргузор дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Яъне сатҳи даромади аҳолӣ заминаи асосии тараққиёбии хизматрасониҳои бонкиро таъмин менамояд» [133].

Қобили зикр аст, ки як қатор омилҳое вуҷуд доранд, ки ба рушди устувори бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ мустақим ё ғайримустақим

таъсир мерасонанд. Ин омилҳо метавонанд ба раванди ташаккул ва рушди ин бозор ҳам таъсири манфӣ ва ҳам мусбат дошта бошанд.

Дар робита ба ин, коршиносони низоми бонкӣ чунин баён намуданд: «Аз ҷумлаи омилҳое, ки ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсир мерасонанд, инчунин, тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сатҳи бекорӣ, қобилияти харидории пули миллӣ, қобилияти харидории аҳолӣ, ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ низ маҳсуб меёбанд»[133].

Мусаллам аст, ки рушди босуботи бонкҳои тиҷоаратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ аз вазъияти хуби омилҳои мазкур вобастагӣ дорад. Дар ҳолати манфӣ будани омилҳои мазкур вазъи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ низ коҳиш меёбад.

Ба андешаи мо, барои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърифати молиявии аҳолӣ ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ таъсири мусбат мерасоннад. Инчунин, бояд тазаккур дод, ки барои рушди молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ интиқоли маблағ низ накши муассир дошта метавонад. Чунки дар ин ҳолат ҳам бонки хизматрасон фоидаи молиявӣ ба даст меорад ва ҳам сатҳи даромади аҳолӣ меафзояд.

Ҳамзамон, месазад қайд намуд, ки омилҳои таъсиррасони бозори молиявӣ ва хизматрасониҳои қарзии бонкӣ ба ду гурӯҳ, яъне омилҳои берунӣ ва дохилӣ таснифот мешаванд. Ба омилҳои беруна онҳое дохил мешаванд, ки ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман, ба тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсир расонида метавонанд, ки дар расми 2.11 нишон дода шудаанд:




**Расми 2.11 Омилҳои берунӣ, ки ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мерасонанд**

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст дар асоси адабиёти [13].

Дар натиҷаи омӯзиш ва дар асоси омилҳои берунӣ, ки дар расми 2.4 нишон дода шудаанд, маълум гардид, ки баробари зиёд шудани маблағи муҳоҷирони кишвар ба ҷумҳурӣ бақияи қарзҳое, ки ба шахсони воқеӣ дода шудаанд, зиёд шуда, баръакс, баробари кам шудани интиқоли маблағҳо бақияи қарзҳои ба шахсони воқеӣ додашуда кам мегардад. Тамоюли афзоиши интиқоли маблағ аз хориҷи кишвар боиси афзоиши даромади аҳолӣ гардида, ба афзоиши талабот дар иқтисодиёт мусоидат менамояд ва дар натиҷа қобилияти пардохтпазирии шаҳрвандонро афзун менамояд.

Дар ин ҳолат ба қарзҳои гуногуни бонкӣ тақозои аҳолӣ низ меафзояд. Аммо баробари кам шудани даромади шаҳрвандон ба сабаби коҳиш ёфтани интиқоли воситаҳои пулӣ талабот ба қарзи бонкӣ гардида, имкониятҳои пардохпазирии онҳо паст мегардад. Дар ниҳояти кор, қарздиҳӣ ба муштариён аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ низ коҳиш меёбад.

Андешаҳои болозикр гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки байни сандуқи қарзии низоми бонкии мамлакат ва ҳаҷми интиқоли воситаҳои пулӣ таносуб вуҷуд дорад.

Омилҳои дохилие, ки ба бозори қарзии бонкӣ таъсир мерасонанд, омилҳое мебошанд, ки онҳо бевосита ба иштирокчиёни бозори қарзии бонкӣ (БМТ ва ТҚ ) вобаста буда, ба фаъолияти ҳамарӯзаи низоми бонкӣ алоқамандӣ доранд. Ба гурӯҳи омилҳои дохилӣ, ки ба бозори қарздиҳии бонкӣ таъсири мустақим доранд ва идоракунии онҳо аз иштирокчиёни ин бозор вобастаанд, инҳоро дар бар мегиранд: (ниг. ба расми 2.12)

Қобили зикр аст, ки дар ин росто, таҳлили омилҳои дохилии ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсиркунанда таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад. Чунки омилҳои дохилӣ аз фаъолияти муштариён ва ҳам кормандони бонк вобаста буда, ба вазъи бозор бевосита таъсири худро расонида метавонанд.

Ҳамчунин, месазад қайд намуд, ки яке аз омилҳои дигари ба вазъи хизматрасонии қарзии бонкӣ ва рақобатпазирии он таъсиркунанда хароҷоти амалиётии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба шумор меравад.




**Расми 2. 12. Омилҳои дохилӣ, ки фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мерасонанд**

**Сарчашма:**Муаллиф тартиб додааст дар асоси адабиёти [13].

Инчунин, хароҷоти аз ҳад зиёди амалиётӣ ба баланд шудани меъёрҳои фоизӣ боис гардида, метавонад таъсири манфии худро ба бозори қарздиҳии бонкӣ расонад.

Ҳамзамон, як қатор омилҳо ба вуҷуд омадани шаклҳои нави хизматрасониро дар сатҳи бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян менамоянд, ки асоситарини онҳо дар расми 2.13 пешниҳод гардидаанд:

набудани имконияти комил барои шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои бонкӣ дар маҳалҳои дурдасти мамлакат ;

афзун намудани талаботи аҳолӣ ба хизматрасонӣ, ки дар асоси усулҳо ва технологияҳои муосири рақамӣ анҷом дода мешаванд;

баланд шудани сатҳи хавфҳои бонкӣ бо даррназардошти мавқеи ҷойгиршавӣ, интиқоли пул ва ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ;

шаффофият ва дастрасии амалиётҳои бонкӣ ва ва хизматрасониҳои он барои тамоми муштариён ва дар маҷмуъ, барои тамоми шаҳрвандон.

мушкилоти қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа аз сабаби набудани воситаҳои пулии нақд;

баланд бардоштани самаранокӣ ва даромаднокии маҷмӯи амалиёти бонкӣ;

**Расми 2. 13. Омилҳое, ки пайдоиши намудҳои нави хизматрасониҳои бонкиро муайян мекунанд.**

**Сарчашма:**Муаллиф тартиб додааст дар асоси адабиёти [13].

Аз маълумоти расми 2.13 маълум мегардад, ки дар натиҷаи ба амал омадани омилҳои пешниҳодгардида ба бонкҳои тиҷоратӣ лозим меояд, ки намудҳои нави хизматрасониҳои бонкиро муайян намуда, барои баланд бардоштани самаранокӣ ва даромаднокии маҷмуи амалиёти бонкӣ кӯшиш намоянд.

Маълум аст, ки ба вуҷуд омадани тағйирот дар бозори молиявии кишвар ба тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири худро мерасонад. Масалан, ҳангоми паст намудани фоизи қарзи ипотекӣ, таваҷҷуҳ ва талабот дар хариду фурӯши манзили истиқоматӣ афзоиш меёбад, ки ин амалиёт ба рушди соҳаи сохтмон мусоидат менамояд.

Меъёри фоизи хизматрасонии карзии бонкҳои тиҷоратӣ ба талаботи муштариён оид ба молу хизмат бевосита таъсир мерасонад ва, ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки фоизи қарз ба нархи молу маҳсулоти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсир расонида метавонад. Баъзе муассисаҳои молиявие, ки

хизматрасонии пастсифати захираҳои молиявиро пешниҳод менамоянд, ба низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонида, то андозае буҳрони боварии мизоҷонро дар мамлакат ба вуҷуд меоранд.

Омилҳое, ки ба вазъи умумии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ зиёдтар таъсир мерасонанд, фоизи хизматрасонӣ ё нарх маҳсуб меёбанд.

Аз таҷрибаи амалӣ аён аст, ки ҳар қадар меъёри фоиз паст бошад, талабот ба қарз ҳамон қадар зиёд мешавад ё баръакс, агар меъёри фоиз баланд бошад, таваҷҷуҳ ва талаботи муштариён  ба қарз коҳиш меёбад.

Инчунин, бояд ёдовар шуд, ки меъёри фоизи қарзҳои аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳодшуда ба сатҳи талаботи истифодабарандагони хизматрасониҳои таъсири бевосита расонида метавонад. Яъне, таъсиррасонии меъёри фоизро ба бозори хизматрасониҳои қарзӣ тавассути тағирёбии меъёри фоизи қарзҳо  мушоҳида намудан мумкин аст.

Афзоиши даромади аҳолӣ боиси афзоиши талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ гардида, инчунин, воридшавии маблағҳоро ба маҳсулоти пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ таъмин менамояд. Афзоиши даромади аҳолӣ бо шумораи муштариёни бонкҳо алоқаманд аст ва метавонад шумораи онҳоро зиёд кунад. Бояд гуфт, ки афзоиши шумораи муштариён метавонад устувории молиявии онро беҳтар  намояд.

Дар робита ба ин, бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки барои ҷалби бештари мизоҷон аз усулҳои муосири маркетинг самаранок истифода намуда, сатҳи рақобатпазирии худро дар бозори молиявӣ баланд гардонанд. Қобили зикр аст, ки дар рушди бозори бонкҳои тиҷоратӣ заминаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсири мусбат расонида метавонанд.

Мавриди зикр аст, ки оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ, инчунин, баъзе омилҳои  муҳити дохилии бонк таъсиррасон буда метавонанд, ки онҳо дар асоси самтҳои афзалиятҳои рақобатии бонк ба амал меоянд. Ҳамаи афзалиятҳои имконпазири рақобатӣ ва мутаносибан омилҳои

рақобатпазирии бонкро монанди дигар субъектҳои хоҷагидор тибқи арзёбӣ аз ҷониби мизоҷон ба ду гурӯҳи зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. Афзалиятҳое, ки ба воситаи хароҷоти камтарин нархи дастраси хизматрасониро ба муштариён пешниҳод намоянд;

2. Афзалиятҳое, ки бо гуногунии хизматрасонӣ алоқамандӣ дошта, тавассути паст намудани хизматрасониҳои бонкӣ имконият фароҳам меорад, ки бонки тиҷоратӣ бо рақибон рақобати комил карда тавонад.

Дар робита ба ин, бо истифода аз нишондиҳандаҳое, ки вазъияти бонкҳоро нишон медиҳанд, омилҳои рақобатпазирӣ чунин таснифот мешаванд:

- технологӣ ва техникӣ;
- сатҳи тахассусии кормандон;
- таъмини даромаднокии амалиёт;
- сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва шумораи зиёди онҳо ва ғ.

Ҳамин тариқ, бояд ёдовар шуд, ки се самти асосии омилҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бонки тиҷоратӣ вуҷуд дорад, ки инҳоянд:

- самти молиявӣ, ки ба мизоҷон вазъи молиявии бонкро ба таври шаффоф пешниҳод менамояд;
- хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории кормандони бонк;
- дастрас будани хизматрасониҳои босифати бонкӣ ба муштариён

Бояд тазаккур дод, ки омилҳои зикргардида метавонанд дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва сатҳи рақобатпазирии онҳо таъсири мусбӣ расонанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи омилҳо байни ҳамдигар алоқамандӣ дошта, аз якдигар вобастагии амиқ доранд. Яъне, бе таъмини мутахассисони соҳибтаҷриба ишғол намудани мавқеи сазовор дар бозори молиявӣ ва фаъолияти муътадил намуда, хизмати ракобатпазирро ба вуҷуд овардан ғайриимкон ба шумор меравад. Илова бар ин, бояд тазаккур дод, ки дар ҳолати қобилияти молиявии паст доштани кормандон, иҷрои вазифаҳои идоракунӣ, аз ҷумла таъмин намудани рушди хизматрасониҳои муосири рақобатпазир ғайриимкон аст.

## Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқи боби дуюм:

Арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи низоми хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва истифодаи самараноки технологияи муосири рақамӣ дар рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки новобаста аз баъзе нагониҳо ва пешравиҳои мусбат, дар раванди таъмини рақобатпазирии бонкҳои кишвар айни замон як қатор мушкилоти иқтисодӣ ва сохторӣ мавҷуд мебошад. Ҳамзамон, ба миқдори зарурӣ ба инфрасохтори муосир таъмин набудан, инчунин нарасидани мутахассисон дар самти татбиқи технологияи муосири рақамӣ боиси ба амал омадани мушкилот дар низоми бонкӣ гашта, ба рушди ҳамаҷонибаи соҳа монеа эҷод менамояд.

1. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти нишондиҳандаҳои ва таҳлилҳои дар бонкҳои тиҷоратии ватанӣ гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳамаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурде, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, барои рақобатпазир гардонидани худ дар бозори молиявӣ аз техника ва технологияи муосири рақамӣ истифода мебаранд. Вале, ҳангоми фаъолият ба баъзе монеаҳо, аз қабили суръати пасти шабакаҳои интернетӣ ва нарасидани мутахассисон дар самти истифодаи технологияи инновасионӣ дучор мешаванд. Вобаста ба ин, бо мақсади самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ҷалби бештари муштариён ба тариқи фосилавӣ, инчунин, таъмини устувории молиявии онҳо истифодаи самаранок ва оқилонаи технологияи рақамӣ, ҳамзамон баланд бардоштани саводнокии молиявии кормандон тавсия дода мешавад. Зеро, татбиқи пурраи рақамикунонӣ дар низоми бонкӣ талаботи муштариёнро дар сатҳи зарурӣ қонеъ гардонида, дар навбати худ сатҳи рақобатнокии бонкро баланд мебардорад.

2. Дар идомаи таҳқиқот маълум карда шуд, ки ташкилотҳои маблағгузории хурди кишвар дар раванди рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат саҳмгузор буда, ба соҳибкорон ва шахсони воқеӣ қарзҳои гуногун пешниҳод менамоянд. Бо дарназардошти ин, дар сатҳи диссертатсия пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолатҳои аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд пешкаш намудани қарзҳои гуногун ба аҳолӣ бо мақсади ба инобат

гирифтани хароҷоти зиёдатӣ ва таъмини фосилавии хизматрасониҳои бонкӣ, махсусан, дар сатҳи деҳот истифода бурдани технологияи рақамӣ ба манфиати судманди тарафайн хоҳад буд;

3. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқот теъдоди зиёди омилҳое ошкор гардиданд, ба низоми бонкии кишвар метавонанд таъсири мусбат ва ҳам манфӣ расонанд. Масалан, сатҳи саводнокӣ ва тахассусмандии захираҳои меҳнатӣ, мавҷудияти техника ва технологияи нави инноватсионӣ, шумораи зиёди хизматрасониҳои бонкӣ ва сатҳу сифати баланди онҳо, инчунин, баланд бардоштани фоиданокии амалиёти бонкӣ метавонанд ба рушди низоми бонкӣ дар кишвар мусоидат намоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки бояд ҳар як кишвар барои паст намудан ва пешгирии омилҳои таъсиррасони манфӣ чораандешӣ намуда, ба рушди ҳамаҷонибаи низоми бонкӣ дар кишвар мусоидат намояд.

# БОБИ 3. ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

## 3.1. Такмили самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади такмил ва рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ заминаи қонунгузории бонкиро мунтазам такмил медиҳад.

Айни ҳол назорат ва танзими бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва ғ. роҳандозӣ карда шудааст.

Илова бар ин, заминаҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили низомномаҳо, дастурамалҳо, ва ғ. бо мақсади ба низом даровардани самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мавриди амал қарор доранд.

Мусаллам аст, ки яке аз вазифаҳои асосии БМТ танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратии мамлакат маҳсуб ёфта, бозори молиявиро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мавриди амал қарор доранд, ба низом медарорад. Заминаи ҳуқуқӣ барои таъмин намудани самаранокии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ аҳаммияти калон дошта, дар ташаккул ва рушди хизматрасониҳои босифати бонкӣ метавонад таъсири мусбат расонад. Дар баробари ин, сиёсати пулию қарзии давлат омили дигаре мебошад, ки ба соҳаи бонкдорӣ таъсири амиқ мегузорад.

Воқеан ҳам, танзими давлатии фаъолияти бонкӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкилотҳои қарзӣ нақши муассир дорад. Танҳо танзими давлатӣ метавонад ҳифзи ҳуқуқи муштариёнро таъмин намуда, ба риояи тартиботи устувори қонун дар бахши бонкӣ, мусоидат намояд. Таъмин

намудани устувории молиявию иқтисодии мамлакат ва назорати иҷрои саривақтию дурусти вазифаҳои лозимии бонкҳо ҳадафи муҳимми назорати давлатӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ба зиммаи мақомоти дахлдори давлатӣ гузошта шудааст. Ба салоҳияти мақомоти давлатӣ муайян кардани қоидаҳои асосӣ ва ҳатмии амалиёти бонкӣ, танзими ҳуқуқӣ ва бақайдгирии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, муқаррар намудани стандартҳо дохил мешаванд.

Инчунин, бояд зикр намуд, ки барои назорати давлатии ташкилотҳои қарзӣ намудҳои зерини таъсиррасонӣ мавҷуд аст:

- ❖ иҷозатномадиҳӣ ва ба қайд гирифтани ташкилотҳои қарзӣ;
- ❖ бо тарзи муқаррар кардани меъёрҳои аниқ амалисозии танзими муносибатҳои пулию карзӣ;
- ❖ амалӣ намудани назорат ва тафтишот аз болои фаъолияти бахши бонкӣ.

Марид ба зикр аст, ки Ҳукумати ҶТ ҳамасола бо мақсади таъмини самаранокӣ ва устувории фаъолияти муассисаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад, инчунин рушди босуботи соҳаи бонкдориро таъмин менамояд.

Инчунин, бояд ёдовар шуд, ки Ҳукумати мамлакат соҳаи мазкурро пайваста маблағгузорӣ намуда, таҳким мебахшад. Қобили зикр аст, ки дар соли 2017 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои беҳтар намудани пардохтпазирии бонкҳо ва устувории молиявии низоми бонкӣ 3,5 миллиард сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд. Пеш аз ҳама, ин маблағ ба бонкҳои тиҷоратӣ, ки вазъи молиявии онҳо зери суол буд, пешниҳод гардида буд. Аз ҷумла, 1.7 миллиард сомонӣ ба ҶСК "Агроинвестбонк", 2.25 миллиард сомонӣ ба ҶСК "Тоҷпромбонк" ва 80 миллион сомонӣ ба ҶСК "Фононбонк" дода шуда буд. Самаранокии фаъолияти ин бонкҳо аз ҷониби давлат пайваста таҳти назорат қарор дошта, мунтазам ба танзим дароварда мешуд [37].

Илова бар ин, аз ҷониби давлат ба ташкилотҳои қарзии дигар низ кумаки молиявӣ пешниҳод мегардад, то фаъолияти самаранок ва устуворро бо тартиби муайян роҳандозӣ намуда, оид ба такмил ва рушди истифодаи

ҳуҷҷатҳои электронӣ, имзои рақамӣ, ҷалб намудани мизоҷон ба таври фосилавӣ ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди рақамӣ мусоидат намоянд.

Инчунин, бояд тазаккур дод, ки танзими давлатии фаъолияти бонкӣ дар раванди идоракунӣ, амалӣ гардонидани назорат, инчунин, беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ, нақши калидӣ дорад. Дар баробари ин, ду ҷанбаи зерини танзими давлатӣ вуҷуд дорад, ки барои фаъолияти низоми бонкӣ муҳим шуморида мешаванд:

- ❖ якум, танзими муносибатҳои пулию қарзӣ;
- ❖ дуюм, танзими фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва муассисаҳои молиявӣ.

Вобаста ба ин, Н. И. Химичев чунин андеша дорад, ки раванди танзими фаъолияти бонкиро ҳам ба маънои васеъ ва ҳам дар доираи хурд омӯхтан мумкин аст. Дар ҳолати аввал, ҳамаи шаклҳое, ки ба бахши бонкӣ таъсири танзимкунанда доранд, баррасӣ карда мешаванд. Дар ин маврид сухан ҳам дар бораи танзими давлатии низоми бонкӣ ва ҳам дар бораи танзими ғайридавлатӣ низ меравад. Ба сифати мисол метавон назоратро аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ассотсиатсия ва иттиҳодияҳои онҳо мисол овард, ки ин на танҳо ба моликон ва мизоҷони онҳо, балки ба устувории тамоми низоми бонкӣ низ таъсир мерасонад [117].

Аз андешаҳои муаллиф, «...агар танҳо соҳаи танзими давлатии фаъолияти бонкиро ба назар гирем, пас, дар ин ҷо падидаи доираи хурд мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин вазъият маҳз мақомоти давлатӣ вазифаҳои конститутсионии назорати фаъолияти низоми бонкиро ба уҳда дорад» [117].

Бо ин мақсад, барои хубтар гардидани сифати маҳсулоти бонкӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои қобили қабул самтҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд:

- ➢ рушди инфрасохтори бахши бонкӣ;
- ➢ содагардонии низоми андозбандӣ;

➢ мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

➢ танзим ва назорати фаъолияти бонкҳо;

Дар ин ҳолат беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо барои низоми бонкии кишвар, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ маҳсуб меёбад, таъмин карда мешаванд. Зеро ба муштариён пешкаш намудани хизматрасониҳои босифат ба рақобатпазирии бонк ва устувории молиявии он таъсири мусбат расонида метавонад. Яъне, хизматрасониҳои қонеъкунандаи талаботи мизоҷ омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии бонк ва ташкилотҳои қарзӣ маҳсуб меёбад.

Илова бар ин бояд зикр намуд, ки раванди танзими давлатии низоми бонкӣ аз дигар бахшҳо бо як қатор ваколатҳои худ фарқ мекунад, зеро ин бахш қисми ҷудонашавандаи соҳаи пулии кишвар мебошад. Аз як тараф, он танзими равандҳои макроиқтисодии марбут ба соҳаи пулиро дар бар мегирад. Аз тарафи дигар, танзими давлатӣ ба фаъолияти амалиётии бонкҳо халал намерасонад, балки фаъолияти низоми бонкиро мустақиман танзим менамояд.

Масалан, амалиётҳое, ки бонк метавонад мустақиман анҷом диҳад, аз раванди бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, истифодаи воситаҳои махсус барои ба эътидол овардани вазъи душвори иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои назоратӣ иборат мебошад.

Аз ин рӯ, месазад қайд намуд, ки танзими давлатии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби давлат ва Бонки миллӣ ба роҳ монда мешавад. Масалан, БМТ танзими давлатии фаъолияти бонкҳои кишварро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби давлат қабулгардида ва дар доираи низоми ягонаи бонкӣ ба роҳ мондааст.

Ба андешаи Глушкова Е.А., «...давлат ба тамоми унсурҳои сохтории низоми пулӣ, аз ҷумла ба Бонки миллӣ бо тариқи зайл таъсир расонида метавонад:

❖ қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд;

❖ самтҳои асосии сиёсати ягонаи давлатии пулию қарзӣ тасдиқ карда мешаванд;

❖ стандартҳои ягонаи давлатии ташкили фаъолияти низоми пулӣ муқаррар карда мешаванд;

тадбирҳои дигаре амалӣ карда мешаванд, ки бевосита ё бавосита ба устувории пули миллӣ, вазъи бозори хизматрасониҳои пулию қарзӣ таъсир мерасонанд» [132].

Ҳамаи тадбирҳои мазкур бо мақсади таъмини устувории низоми бонкии мамлакат ва ҳифзи манфиатҳои амонатгузорону кредиторон ба шумор меравад.

Бонки милии Тоҷикистон (БМТ) – ҳамчун моликияти давлатӣ зинаи асосии бахши бонкӣ байни давлат ва иқтисодиёт ба шумор рафта, нақши миёнаравро иҷро менамояд. Инчунин, БМТ дар фаъолияти худ манфиати умумимиллиро ҳимоя карда, сиёсати худро на ба фоидаи ин ё он минтақа ё соҳаи алоҳидаи хоҷагии халқ, балки ба манфиати ҷомеа равона месозад [4].

Дар ин замина, бояд қайд намуд, ки дар моддаи 42-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» чунин қайд гардидааст: « Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Бо ин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон:

❖ ба ташкилотҳои қарзӣ иҷозатнома медиҳад, онҳоро дар феҳристи бақайдгирӣ сабт мекунад, стандартҳои назорати фаъолияти онҳоро таҳия намуда, тартиби татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои худро муқаррар менамояд;

❖ ташкилотҳои қарзиро бо қувваи кормандони худ ё мутахассисони ба ин мақсад ҷалбгардида, аз ҷумла амалиёт, феҳристҳо, ҳуҷҷатҳо ва суратҳисобҳои онҳоро санҷида, риояи талаботи Қонуни мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва қонунҳои дигари ба фаъолияти бонкӣ дахлдоштаро мунтазам назорат менамояд;

❖ аз ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди иттилооти заруриро барои танзим ва назорати фаъолияти онҳо, инчунин, оид ба ислоҳи вазъи кунунии онҳо чора диданро талаб мекунад» [4].

Вобаста ба танзими давлатии фаъолияти бонкӣ Горбунов О. Н. чунин қайд намудааст: «Танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ин таъсири молиявию ҳуқуқии давлат, ки мақсад аз он мусоидат намудан ба ҳалли вазифаҳои умумидавлатӣ ба шумор меравад» [63].

Ҳангоми омӯзиш ва баррасии мафҳуми танзими давлатӣ андешаҳои А.П. Алехин, Ю. М. Козлов ва А. А. Кармолитскийро ёдовар шудан лозим аст, ки чунин қайд намудааст: Ҳарчанд танзими давлатӣ ба истилоҳи маъмулӣ табдил ёфтааст ва баъзан ҳамчун муқобил ба идоракунии давлатӣ истифода мешавад, аммо мазмун ва мундариҷаи он то ҳол дуруст муайян карда нашудааст.

Муаллифон минбаъд танзими давлатиро ба маънои васеъ шарҳ дода, чунин баён намудаанд: «Ба маънои васеъ танзими давлатӣ дар муқаррар намудани қоидаҳои умумии фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби давлат ва вобаста ба шароити тағйирёбанда мутобиқ гардонидани онҳо ифода ёфта, субъектҳои он мақомоти қонунгузор (намояндагӣ) ва ҳокимияти иҷроия мебошанд» [52].

Баъзе муаллифон тавсиф намудаанд, ки «танзим ҳамчун шакли фаъолияти идоракунӣ, ки бо истифода аз усулҳои маъмурию иқтисодӣ сурат мегирад, муайян карда мешавад».

Масалан, Г. А. Тосунян фарқияти байни мафҳумҳои танзими давлатӣ ва идоракунии давлатиро шарҳ дода, чунин мешуморад, ки идораи бевоситаи давлатӣ ин дахолати бевоситаи мақомотҳои давлатӣ ба фаъолияти истеҳсолию хоҷагии ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Усулҳои маъмурии идоракунӣ дар шароити идоракунии бевоситаи давлат истифода бурда мешаванд. Вале, татбиқи идоракунии давлатӣ дар шакли танзими давлатӣ усулҳои иқтисодии идоракуниро ҳамчун шакли танзими идоракунӣ ва ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни қоидаҳои иқтисодии идоракунӣ дар амал татбиқ менамояд [105].

Ин раванд боис мегардад, ки дар мавридҳои мувофиқ ба ҷои истилоҳи «идоракунӣ» истилоҳи «танзим» истифода карда мешавад. Дар баробари ин, Г. А Тосунян қайд менамояд, ки «идоракунии бевоситаи давлатӣ ва танзими давлатӣ ҳамчун шаклҳои идоракунии давлатии низоми молиявию қарзӣ ба шумор меравад» [105].

Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол дар робита ба таъсири давлат ба муносибатҳои иқтисодии ташкилотҳои қарзӣ на «идоракунӣ» балки истилоҳи «танзим»-ро мавриди истифода қарор додан мувофиқтар аст.

Дар раванди омӯзиши консепсияи танзими давлатии фаъолияти бонкӣ маълум гардид, ки то ҳол дар илм таърифи ягонаи танзими давлатӣ вуҷуд надорад.

Ба андешаи мо, танзими давлатии низоми бонкӣ бо мақсади дастгирӣ ва мусоидат намудан дар рушди ҳамаҷонибаи онҳо, инчунин, рақобатпазир гардонидани бонкҳои кишвар дар миқёси байналмилалӣ ба шумор меравад.

И. С. Попов қайд менамояд, ки «танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ин фаъолияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва инфиродии мақомоти танзимкунанда мебошад, ки ба танзими ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, дар маҷмуъ, низоми бонкӣ, ташаккул ва нигоҳдории низоми устувори ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиён ва шахсони воқеӣ нигаронида шудааст» [211].

Ю. Гейвандов чунин мешуморад, ки ду сатҳи асосии танзими давлатии фаъолияти бонкӣ вуҷуд дорад. Аз як тараф, ҷараёнҳои макроиқтисодии алоқаманд ба муносибатҳои пулӣ аз ҷониби давлат ба танзим дароварда мешавад. Аз тарафи дигар бошад, танзими давлатии низоми бонкӣ дар амалисозии фаъолияти бевоситаи танзими мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои ташкил, ташаккул, бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳии унсурҳои ҷудогонаи низоми бонкӣ ва амалигардонии фаъолияти бонкӣ аз ҷониби онҳо зоҳир мегардад [61].

Ҳамин тавр, месазад қайд намуд, ки ба мақомоти ваколатдор дар самти танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ин, пеш аз ҳама, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, БМТ, мақомоти судӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ҳисобида мешаванд.

Дар робита ба ин, олими ватанӣ Досиев М. Н. дар таҳқиқоти худ оид ба танзими давлатӣ чунин қайд намудааст: «...давлат танзими ҳуқуқии худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд: сохтори мақомоти танзими давлатӣ, вазъи ҳуқуқии корхонаҳо, тартиби бастан ва иҷрои шартномаҳои хоҷагидорӣ ва созишномаҳо, ҳифзи ҳуқуқии амволи субъектҳои соҳибкорӣ, тартиби ҳалли баҳсҳои корхонаҳо, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ташаккул ва танзими баъзе масъалаҳои низоми шартнома, масъалаҳои марбут ба ҷанбаи этикии савдо ва ғайра. Танзими давлатӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст» [199].

Аз ҷадвали 3.1 бармеояд, ки бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти бонкӣ, алалхусус, ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти аудиторӣ ба роҳ монда шудааст, ки тавассути санҷишҳо ва машваратҳои аудиторӣ дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо саҳми муассир гузорад.

Ба андешаи мо, танзими давлатии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ низ яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор рафата, раванди фаъолияти молиявии худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад, ки ин ҳам бошад раванди танзими давлатиро дар самти фаъолияти бонкӣ возеҳу равшан менамояд.

Бояд зикр кард, ки бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти бонкӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, таҳти №524 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад. Аз ҷумла, дар моддаи 45-уми қонуни мазкур дар бораи аудити ташкилотҳои қарзӣ чунин омадааст: (ниг. ба ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. Муқаррароти аудит ҳамчун омили назораткунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ**

| Муқаррароти Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ |
|---|
| Бонки миллии Тоҷикистон рӯйхати ташкилотҳои аудиториеро, ки дорои иҷозатномаи дахлдор, тахассус ва таҷрибаи кофии аудити ташкилоти қарзӣ буда, аудити ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида метавонанд, муайян ва нашр мекунад. |
| Ташкилоти қарзӣ танҳо аз рӯйи ҳамин рӯйхат ташкилоти аудиториро барои гузаронидани аудит таъйин менамояд. |
| Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” нисбат ба ташкилотҳои аудитории хориҷие, ки ба рӯйхати Бонки миллии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, татбиқ намегардад. |
| Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” нисбат ба ташкилотҳои аудиторие, ки аудити ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд, бо назардошти Қонуни мазкур татбиқ мегардад. |
| Ташкилоти аудиторӣ ё корманди он бояд молик, корманди роҳбарикунанда, корманд ё намояндаи ташкилоти қарзӣ набошад. Шахсе, ки дар ташкилоти қарзӣ манфиат надорад, ба истиснои ҳолатҳои доштани амонат ва пасандоз дар ташкилоти қарзӣ, метавонад аудитори он таъин гардад. (ҚҶТ. 26.12.2011, №782) |
| Агар ташкилоти аудиторӣ ҳангоми гузаронидани аудит соҳиби ин гуна манфиат дар ташкилоти қарзӣ гардад, пас хизматрасонии аудитории вай қатъ гардида, ташкилоти қарзӣ ташкилоти аудитории дигарро таъин мекунад. |
| Ташкилоти аудиторӣ ба ташкилоти қарзӣ хизматрасониҳоеро, ки бо вазифаҳои назорати дохилии ташкилоти қарзӣ алоқаманданд, пешниҳод намекунад, ба истиснои хизматрасониҳои таълимие, ки дорои хусусияти доимӣ намебошанд. |
| Ташкилоти қарзӣ наметавонад пай дар пай як ташкилоти аудиториро ба муҳлати зиёда аз се сол аудитор таъин намояд. |
| Мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит ташкилоти аудиторӣ аудити ташкилоти қарзиро дар асоси назорати маҷмуӣ анҷом медиҳад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [5].

Маълум аст, ки заминаи асосии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми бонкӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» ба шумор мераванд.

Илова бар ин, моддаи 52-юми Қонуни мазкур оид ба назорат ва санҷиши муассисаҳои молиявӣ пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он БМТ аз болои ТҚ бо чунин тартиб назорати маҷмуӣ мебарад. (ниг.ба расми 3.1)




**Расми 3.1 Тартиби назорати маҷмуии муассисаҳои молиявӣ аз ҷониби БМТ пешбинишуда**

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст дар асоси адабиёти [5].

Қонуне, ки дар бораи БМТ қабул гардидааст, сиёсати пулию қарзӣ, ҳуқуқу ухдадориҳо ва ваколатҳои дигари БМТ- ро муқаррар менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бошад, номгӯйи амалиёти бонкӣ, мафҳумҳои асосӣ, бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳии фаъолияти бонк ва ғайраро муайян намудааст.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ дар кишвар тавассути дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ, инчунин, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти бонкӣ ҳамеша як ҷузъи муҳими давлат ва ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ба фаъолияти бонкҳо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсир расонида метавонанд. Дар робита ба ин, бонкҳо ҳам вазифаи муҳимми ҷалби маблағро барои рушди иқтисодию иҷтимоии

мамлакат иҷро менамоянд ва ҳам дар раванди беҳтар намудани сифати зиндагии шаҳрвандон нақши муассир доранд.

Мусаллам аст, ки сабабҳои асосии танзим ва назорати бонкӣ камбудиҳои механизмҳои асосии бозор ва мавқеи ягонаи бонкҳо дар низоми молиявӣ мебошанд, ки бояд роҳи ҳалли мусбати худро пайдо намояд. Танзими давлатии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти талаботи қонунгузорӣ хусусияти байнисоҳавӣ дошта, дар ташкили самараноки фаъолияти бонкӣ, назорат ва идоракунӣ ифода меёбад.

Ба ақидаи мо, истифодаи чунин усулҳои танзим барои дарки моҳияти танзими давлатии фаъолияти бонкӣ аҳаммияти калон дорад. Танзими давлатии фаъолияти бонкӣ маҷмуи усулҳо, воситаҳо ва усулҳои таъсири мақомоти ваколатдори давлатӣ ба фаъолияти бонкӣ мебошад, ки қонунгузорӣ дар соҳаи пулию қарзӣ пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба ин, Юркина А.В. чунин қайд намудааст: «...сарчашмаҳои танзими давлатию ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши бонкӣ санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки асосҳои ташкил ва фаъолияти низоми бонкиро муқаррар мекунанд. Якҷоя бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи пулию қарзӣ танзим мекунанд, дар якҷоягӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми бонкиро ташкил медиҳанд» [46].

Дар робита ба ин, месазад зикр намуд, ки шарти асосӣ ва муҳим барои худтанзимкунии иқтисоди бозорӣ, ин бояд давлат танзими низоми бонкиро дар сатҳи макро тақвият бахшад.

Муаллиф дар идомаи таҳқиқот қайд менамояд, ки «...таҷриба нишон медиҳад, ки бидуни танзими оқилонаи давлатӣ фаъолияти бонкӣ мувозинати манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳоро (давлат, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ) таъмин карда наметавонад. Буҳрони бонкӣ тасдиқ намуд, ки танҳо танзими оқилонаи давлатӣ метавонад кафолатҳои боэътимоди ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро дар раванди бонкдорӣ таъмин намояд» [188].

Ҳамин тавр, аз ҷониби давлат ба низом даровардани бахши бонкӣ чараёни мураккаби сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодие мебошад, ки танзими ҳамаи соҳаи пулию қарзии кишварро фарогир мебошад.

Дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки таъсири Бонки марказӣ ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади танзими фаъолияти онҳо дар самтҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад:

- ❖ муайян намудани шароити умумии қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии худ имкон медиҳанд;
- ❖ татбиқи тадбирҳои танзими пулию қарзӣ, ки ба ҳаҷм ва сохтори муомилоти пулӣ тавассути тағйир додани ҳаҷми захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, ки метавонанд барои сармоягузории қарзӣ ба иқтисодиёт истифода шаванд, таъсир мерасонанд;
- ❖ муқаррар намудани стандартҳои иқтисодӣ ва назорати риояи онҳо бо мақсади таъмини пардохтпазирии тавозуни бонкӣ.

Ҳадафи муҳими танзим ва назорати бонкӣ таъмин намудани устувории соҳаи бонкдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои амонатгузорону кредиторон ба шумор меравад. Мақсади назорати бонкӣ аз инҳо иборат мебошад:

- ❖ сармоягузорони хурдро аз идоракунии нодуруст ва қаллобӣ муҳофизат намудан;
- ❖ пешгирии «хавфҳои бонкӣ»;
- ❖ назорати зиддиинҳисорӣ (ҷилавгирӣ аз тамаркузи қудрати иқтисодӣ дар бахши бонкӣ ва фароҳам овардани шароит барои рақобати «солим»).

О. И. Лаврушина қайд намудааст, ки «...истилоҳҳои «танзими бонкӣ» ва «назорати бонкӣ» аксар вақт ҳамчун синоним истифода мешаванд, гарчанде ки онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолият пурракунанда бошанд. Танзими фаъолияти бонкӣ аз ҷониби муассисаҳои ваколатдор таҳия ва нашр намудани қоидаҳо ё дастурҳои мушаххас дар асоси қонунгузории амалкунанда ва муайян кардани сохтор ва усулҳои пешбурди фаъолияти бонкӣ роҳандозӣ

карда мешавад. Ин қонунҳо ва муқаррарот чаҳорчӯби рафтори бонкҳоро фароҳам меоранд, ки барои нигоҳ доштани рақобати солим ва муассири бонкӣ кумак мерасонанд» [78].

Бояд тазаккур дод, ки низоми бонкӣ қариб дар ҳама кишварҳо яке аз соҳаҳои танзимшаванда ба шумор рафта, барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ саҳми муносиб гузошта метавонад. Аз ин лиҳоз, танзим ва назорати фаъолияти мунтазами онҳо қисми ҷудонашавандаи низоми танзими давлатии равандҳои умумии иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Тепсаев Я. Р. чунин мешуморад, ки «...танзими давлатӣ таъсири мақсадноки берунии мақомоти ваколатдор ба фаъолияти ташкилотҳои қарзие, ки амалиёти алоҳидаи бонкиро анҷом медиҳад. Танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ба қонунгузории амалкунанда асос ёфта, аз ҷониби мақомоти махсус, ба истилоҳ танзимгарон амалӣ карда мешавад, ки дар асоси қонунҳои дахлдор вазифа ва ваколатҳо доранд. Ин ба он оварда мерасонад, ки мафҳумҳои «танзими бонкӣ» ва «танзими давлатии фаъолияти бонкӣ» ҳамчун эквивалент истифода мешаванд» [44].

Ҳамин тавр, масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ аҳаммияти хоса пайдо кард. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам усулҳои муосири танзим ва рушди низоми бонкиро ҷустуҷӯ намуда, саъй дорад, ки он ба яке аз бахшҳои тараққикардаи кишвар мубаддал гардад.

Бо дарназардошти ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Низоми бонкӣ бояд ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад»[10].

Низоми бонкӣ ҳамчун сохтори молиявӣ фаъолияти Бонки марказӣ ва тамоми муассисаҳои молиявиро дар бар гирифта, тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар давалт амалкунанда ба танзим дароварда мешаванд.

Хулоса бояд гуфт, ки тамоми муассисаҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунҳои амалкунанда, оинномаи бонк, қарорҳои амалкунандаи Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дастурамалу санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари БМТ дар соҳаи муносибатҳои пулию қарзӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамоянд.

Инчунин, таъмини устувории бахши бонкии кишвар яке аз ҳадафҳои асосӣ ва муҳимми Бонки миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро ба танзим даровaрда, ҳимояи манфиатҳои муштариёнро низ роҳандозӣ менамояд.

Дар робита ба ин, айни замон яке аз ҷузъҳое, ки муносибатҳои иқтисодиро байни соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ мепайвандад, ин ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шумор мераванд. Илова бар ин, муассисаҳои молиявӣ ба аҳолӣ қарз пешниҳод намуда, дар тақсимоти сармоя ва ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ миёнаравӣ мекунанд ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ аз технологияҳои инноватсионии рақамӣ истифода мебаранд. Инчунин, тавассути марказҳо ва филиалҳои хизматрасонии бонкӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар манотиқи мухталифи кишвар намудҳои гуногуни қарз дода мешавад, ки барои беҳбудии вазъи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат саҳми арзандаи худро мегузоранд.

## 3.2 Татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ

Ҷаҳонишавии иқтисодиёт дар низоми молиявӣ сабаби асосии тағйирот гардид. Технологияи рақамӣ яке аз омилҳои асосии ин таҳаввулот ба шумор меравад. Инчунин, дохил гардидани бонкҳои хориҷӣ ба бозорҳои молиявии давлатҳо, ташкил шудани бонкҳои калони минтақавӣ дар тамоми ҷаҳон ва таъсис додани филиалҳои бонкӣ дар минтақаҳо боиси ҷаҳонишавии низоми бонкӣ гардиданд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки солҳои охир бозори молиявӣ мураккабтар шуда, тамоми бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ намудҳои зиёди хизматрасониҳои бонкиро тавассути истифодаи самараноки технологияҳои муосири инноватсионӣ роҳандозӣ намуда истодаанд.

Дар низоми бонкӣ тадбиқ намудани технологияҳои муосири рақамӣ падидаест, ки аз ҷониби кормандони баландихтисоси соҳаҳои мухталиф, хусусан, дар соҳаи иттилооти бонкӣ тавассути истифодаи самараноки намудҳои гуногуни он амалӣ карда мешавад.Инчунин бояд ёдовар шуд, ки истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ қариб дар ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ба назар мерасад, ки бешубҳа таъсири мусбати худро ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонк расонида, фаъолияти касбии бисёре аз кормандони бонкро ба талабот ҷавобгӯ мегардонад.

Киселевич Ю.В. чунин қайд намуданд, ки «...навовариҳои бонкӣ як низоми инноватсионии гуногун дар ҳама гуна самтҳои фаъолияти бонк мебошад, ки боиси афзоиши бартариҳои рақобатӣ мегардад, ки метавонанд дар тавсеаи заминаи муштарӣ, афзоиши ҳиссаи бозор, кам кардани хароҷот ва таъмини устуворӣ зоҳир шаванд» [145].

Вобаста ба ин, тибқи ақидаи муаллиф, тавассути тадбиқи инноватсия бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд дар бозори молиявӣ рақобатпазирии худро таъмин намоянд.

Аз андешаҳои муаллиф чунин мазмун бармеояд, ки бонки тиҷоратие, ки дар бозори молиявӣ рақобатпазир гардидааст, метавонад ин ҳолатро мунтазам такмил дода, вазъи молиявӣ ва хизматрасониҳои бонкиро беҳтар намояд. Муносибатҳои қавии муштариён ва расонидани боэътимоди хизматрасонӣ тавассути технологияҳои инноватсионӣ ба бонкҳо имкон медиҳанд, ки бо мурури замон мавқеи худро дар бозор нигоҳ доранд. Бо вуҷуди ин, пас аз як давраи муайян, рақибон роҳҳои дигари истифодаи ин бартариҳоро бо истифода аз навовариҳои технологии худ ё эҷоди роҳҳои беҳтару арзонтари расонидани хизматрасониҳо пайдо мекунанд [145].

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ бонкҳои тиҷоратӣ бояд аз технологияҳои муосир самаранок истифода намуда, тавассути он доираи васеи хизматрасониҳои хушсифати бонкиро ба муштариён пешниҳод намоянд.

Дар ин сурат, нуфузи бонк дар бозори молиявӣ афзоиш ёфта, шумораи муштариён низ зиёд мегардад ва ба фаъолияти самараноки бонк эътимод пайдо менамоянд.

Дар ҳолати ба вуҷуд омадани шаклҳои нави хизматрасонӣ тавассути истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ барои пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷони корпоративӣ ва хусусӣ имкониятҳои номаҳдудро мекушоянд.

Раванди самаранок истифода намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ бояд ба азнавсозии тамоми амалиёти бонкӣ, банақшагирӣ ва таъмин намудани рушди воқеии босуръат, инчунин, амалӣ намудани усулҳои муосири пешниҳоди хизматрасониҳои босифат мусоидат намояд.

Тадбиқи навоварҳо самаранокии фаъолияти бонкро ба воситаи коҳиш додани хароҷот ва эътимоду садоқати мизоҷон афзоиш медиҳад. Аз ин лиҳоз, бонкҳои аврупоӣ бо сармоягузорӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ тадриҷан ба ин ҳадаф ноил мешаванд. Онҳо сармоягузориро бо мақсади баланд бардоштани даромаднокӣ ва беҳтар намудани ҳамкории муштариён рушд медиҳанд. Мусаллам аст, ки бо мақсади рақобатпазир гардидан ва афзоиш додани самаранокии фаъолияти молиявӣ бонкҳо бо истифода аз технологияҳои рақамӣ хизматрасониҳои саривақтӣ ва босифатро ба мизоҷон пешниҳод менамоянд.

Моҳияти иқтисодии навгониҳои технологӣ дар расми 3.2 оварда шудааст.




**Расми 3.2. Моҳияти иқтисодии технологияи инноватсионӣ дар бахши бонкӣ**

**Сарчашма:**Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [145].

Самараи мусбати татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар бахши бонкӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ навовариҳои технологӣ афзалиятҳои рақобатпазир буданро ба миён оварда, ба рушди низоми муосири бонкӣ таъсири худро мерасонад. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки технологияҳои инноватсионӣ на ҳамеша ба афзоиши фоида оварда мерасонанд ва мувофиқан, низоми бонкӣ хусусиятҳои хоси худро доро мебошад.

Ҳамин тавр, бонкҳои тиҷоратӣ вазифадоранд, ки бо истифодаи усулҳои муосир ва технологияҳои иттилоотӣ талаботи муштариёнро бо хизматрасониҳои сатҳи баланд ва маҳсулоти рақобатпазир қонеъ намоянд. Аз ин рӯ, дар робита ба пайдоиши бонкҳои комилан виртуалӣ, ки ба мизоҷон дар чараёни фаъолияти худ хизматрасонии саривақтӣ ва босифат мерасонанд, сатҳи рақобат дар таъсиси ташкилотҳои қарзии нав бояд афзоиш ёбад. Дар робита ба ин, ба низоми бонкӣ зарур аст, ки чараёни истифодаи самараноки технологияи нави рақамиро ба роҳ монда, тавассути таҳияи маҳсулоти бонкӣ ҷалби мизоҷони навро таъмин намояд.

Киселевич Ю.В. дар таҳқиқоти худ қайд намудааст, ки «...дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ байни бонкҳои тиҷоратии дохилӣ ва хориҷӣ барои муштариёни калон ва даромаднок рақобати шадид вуҷуд дорад. Бо мақсади ҷалби мизоҷони ояндадор, бонкҳо омодаанд захираҳоро ба технологияҳои нав, ки ба онҳо пешниҳод мекунанд, сармоягузорӣ намоянд» [145]. Дар айни замон, бонкҳои аврупоӣ дар самти татбиқи бомуваффақияти технологияҳои инноватсионӣ, махсусан, дар соҳаи рушди инфрасохтор намуна ҳисобида мешаванд.

Ҳамин тариқ, зарур аст, ки таҷрибаи тадбиқи технологияҳои нави рақамии бонкҳои аврупоӣ дар раванди рушди муосири бахши бонкии мамлакат роҳандозӣ карда шавад.

Ҳамчунин, сатҳи истифодаи самараноки технологияҳои инновтсионии рақамӣ боиси тақвият бахшидани нуфузи бонк гардида, устувории молиявӣ ва эътимоднокии онро дар бозори молиявӣ афзун менамояд. Бонкҳои тиҷоратӣ бояд бо дарки моҳияти калони технологияҳо фаъолияти пурсамари худро мунтазам ва самаранок ба роҳ монанд. Зеро истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки тамоми тадбирҳои ба нақша гирифташуда амалӣ гардида, ҳамзамон арзиши саҳмияҳо ва самаранокии хизматрасонии бонкӣ таъмин карда шавад.

Тибқи андешаи олимони соҳаи технологияҳои инноватсионӣ, таҷдиди фаъолияти бонкӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионии интернет-банкинг ва телефон-банкинг ҳам барои худи бонкҳо ва ҳам барои муштариёни онҳо як қатор афзалиятҳо дорад. Мутаносибан, муштариёни эҳтимолӣ ҳангоми интихоби бонк барои хизматрасонӣ имкони дастрасии фосилавӣ ба сифати хизматрасонии бонкиро низ ба назар мегиранд. Набудани чунин хизматрасониҳо дар бонки тиҷоратӣ метавонад боиси кам шудани шумораи муштариёни мавҷуда ва аз даст додани бартариятҳои рақобатӣ дар бозори молиявӣ гардад [33].

Самараи иқтисодии таҷдиди амалиёти бонкӣ тавассути татбиқи системаи CRM (Customer Relationship Management, идоракунии муносибат бо муштариён) метавонад чунин арзёбӣ карда шавад:

- имкони тоза намудани муштариёни бонкии ғайрифаъоле, ки ба меъёрҳои сиёсати муштарии бонк мувофиқат намекунанд;
- ба ҳар як менеҷери бонк зиёд намудани миқлори мизоҷон;
- бинобар сабаби маҳдуд будани дастрасӣ ба бонк ва таъмин накардани маълумоти саривақтӣ коҳиш додани зарари мизоҷ;
- амалиёти такрории бонкро зиёд намуда, дар натиҷа, ба даст овардани фоидаи бештар аз ҳар як муштарӣ.

Мавриди зикр аст, ки бо истифода аз низоми муосири CRM, ҳар як муассисаи молиявӣ мизоҷони фаъолро ба воситаи ҷамъоварии маълумот метавонад муайян намуда, ҳамзамон ба онҳо маҳсулоти босифати бонкиро пешкаш намояд. Ҳамзамон, талаботи муштариён саривақт қонеъ гардонида мешавад, ки ин аз самаранокии кори мутахассисони бонк шаҳодат медиҳад. Қобили зикр аст, ки низоми таҳияшудаи CRM дорои маълумоти ҳамаҷониба оид ба фаъолияти байни бонк ва мизоҷон буда, барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва садоқати муштариён истифода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол қисми зиёди бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти худ аз технологияҳои инноватсионӣ самаранок истифода мебаранд. Зеро истифодаи самараноки технологияҳои муосири инноватсионӣ раванди баланд гардидани рақобатпазириро дар самти хизматрасониҳои бонкӣ таъмин менамояд. Бонкҳои тиҷоратӣ технологияҳои нави инноватсиониро барои нигоҳ доштани нуфузи худ дар байни рақибон ва муштариён татбиқ менамоянд.

Аз ин рӯ, дар ҷараёни фаъолияти ҳамарӯзаи муассисаҳои молиявӣ тамоми навъҳои низоми автоматикунонидашуда унсури муҳимми истеҳсолот ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, маблағгузорӣ намудан барои ҷорӣ кардани технологияи инноватсионӣ, инчунин пайваста таҷдид ва азнавсозии онҳо ҳамчун омилҳои асосии рақобатпазир гардонидани бахши бонкӣ маҳсуб

меёбанд. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт бонкҳои тиҷоратӣ бояд бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ маҷмуи пурраи хизматрасониҳои босифатро пешкаш намоянд.

Дар ин радиф, ба андешаҳои Киселевич Ю.В. розӣ шудан мумкин аст, ки қайд намудааст: «...буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба раванди татбиқи навовариҳои технологӣ дар бонкҳои тиҷоратии Русия таъсири назаррас расонд. Дар давоми солҳои охир бонкҳои тиҷоратӣ ба зарурати кам кардани хароҷоти кӯтоҳмуддат (барои таъмини пардохтпазирӣ) ва дарозмуддат дучор шуданд » [145]. Ҳамин тариқ, дар шароити кунунӣ базаи муштарӣ ба манбаи асосии бонк табдил меёбад ва мувофиқан, вазифаи нигоҳ доштани базаи муштарӣ вазифаи аввалиндараҷа гардидааст. Дар шароити кам шудани шумораи умумии кормандон дар назди бонкҳо вазифаи баланд бардоштани самаранокӣ, аз ҷумла тавассути автоматикунонии равандҳои тиҷоратӣ истодааст [145].

Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки истифодаи самараноки техника ва технологияи инноватсионӣ, аз ҷумла SMS-банкинг, марказҳои тамос, инчунин, хизматрасонии фосилавии муштариён тавассути технологияҳо дар филиалҳои бонкӣ яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокӣ ва ҷалби муштариён мебошад. Чунки рушди минбаъдаи муассисаҳои молиявиро ҳарчи бештар ҷорӣ намудан ва истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионии муосир муайян менамояд.

Мусаллам аст, ки барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ҳангоми татбиқи навовариҳои технологӣ дар фаъолияти худ бонкҳои тиҷоратӣ ба баъзе мушкилоте дучор мешаванд, ки дар расми 3.16 оварда шудаанд:




**Расми 3.16 Мушкилоте, ки дар раванди тадбиқи технологияи инноватсионӣ таъсир мерасонанд.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [145].

Аз ақидаҳои мазкур аён гардид, ки татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди фаъолият омили муҳимми рақобатпазир гардонидани бонки тиҷоратӣ ба шумор рафта, нуфузи онро дар байни рақибон ва муштариён баланд мебардорад, инчунин, манфиатҳои иқтисодии зеринро ба бонк таъмин менамоянд, аз ҷумла:

- баланд гардидани даромаднокӣ;
- коҳиши хароҷот;
- васеъ намудани доираи ҷуғрофӣ барои анҷом додани амалиёт;
- оид ба пешниҳоди хидмати саривақтӣ ва босифат ба мизоҷон афзоиш додани талабот ба қарорҳо.

Бо мақсади татбиқи бомуваффақияти технологияҳои инноватсионии муосир кормандони бонк бояд принсипҳои назорати бонкиро бо

дарназардошти хусусиятҳои хизматрасониҳои электронии онҳо татбиқ намоянд. Ҳамзамон бонкҳои тиҷоратӣ бояд ба масъалаҳое, ки вобаста ба афзоиш ва пайдо шудани баъзе намудҳои хавфҳо пайдо мешаванд, диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Қобили зикр аст, ки тағйироти асосие, ки дар низоми бонкии кишвар бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ ба амал меоянд, инҳо стандартизатсияи хизматрасонӣ ба муштариён, ҳамкорӣ бо мизоҷони фаъол, ташаккули усулҳои муосири татбиқи сармояи бонкӣ, ва ғ. ба шумор мераванд.

Бояд тазаккур дод, ки ба ақидаи муҳаққиқон «...ҳангоми истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии бахши бонкӣ таъмин карда мешаванд, ки чунинанд:

- Ба вуҷуд омадани имкониятҳои нав дар асоси технологияи инноватсионӣ дар соҳаи нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот, инчунин кам кардани хатарҳои амалиётӣ дар ин замина;
- Тағйир додани нақш ва моҳияти низоми соҳавӣ, аз ҷумла кам кардани шумораи мутлақи филиалҳо, тағйирот дар ҳайати кормандони филиал, филиалҳои муштараки бонкӣ, ки хидматҳои бисёре аз бонкҳои рақобаткунандаро пешниҳод мекунанд, фарқи байни филиалҳо, нав кардани банкоматҳои мавҷуда ва ба вуҷуд омадани утоқҳои нави худхизматрасонӣ ;
- Баланд бардоштани моҳияти низомҳои CRM, ки ба мо барои муайян намудани мизоҷони аз ҳама фоидаовар ва арзишманд имкон медиҳад;
- Сарфаи хароҷот аз ҳисоби тезонидани стандартикунонии хадамот ба муштариён;
- Истифодаи роҳу усулҳои гуногун барои пешниҳоди иттилоот, аз ҷумла интернет, почтаи электронӣ, телефон, инчунин, фардикунонии хизматҳо дар асоси таҳлили таърихи муносибатҳо бо муштарӣ;
- Идомаи раванди консентратсияи сармояи бонкӣ, ки дар натиҷаи пайдоиши навъҳои нави таваккал ва рақобат ба вуҷуд омадааст;

- Гузаронидани бонкҳо ба низоми ҳамгирошудаи хизматрасонӣ, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки тамоми хизматрасониро дар реҷаи «равзанаи ягона» дастрас намоянд » [33].

Дар солҳои минбаъда бонкҳои тиҷоратӣ, умуман, ҳамаи муассисаҳои молиявӣ сармоягузориро бо мақсади татбиқи технологияи муосир зиёд намуда, инчунин барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ саъй хоҳанд кард.

Истифодаи самараноки техника ва технологияи нав имкон фароҳам меоварад, ки ҳамкории муштариён бо бонки хизматрасон мунтазам идора карда шуда, хароҷоти нигоҳдории низоми идоракуниро коҳиш диҳад ва рақобатпазирии бонкро дар бозори молиявӣ афзоиш диҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи сиёсати пулию қарзии мамлакат соҳаи бонкдорӣ ҳамчун ҷузъи асосии бахши молиявӣ буда, нақши калидиро иҷро менамояд.

Бо дарназардошти ин, ба воситаи ҷалби маблағҳои озоди шаҳрвандон ва дигар шахсони ҳуқуқӣ мусоидат намудан ба миёнаравии молиявӣ, инчунин, истифода намудани онҳо дар раванди қарздиҳӣ ба мизиҷон яке аз вазифаҳои асосии низоми бонкӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, дузинагӣ мебошад. Зинаи болоӣ БМТ ва зинаи поёнӣ — ташкилотҳои молиявию қарзӣ, аз ҷумла бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки дар асоси иҷозатномаи БМТ фаъолият менамоянд, инчунин ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба шумор мераванд.

Вобаста ба аҳаммияти назаррас доштани технологияи инноватсионӣ дар низоми бонкӣ ва масъалаҳои фаъолияти онҳо андешаи олимону коршиносони соҳа ба таври мухталиф дар сатҳи гуногун арзёбӣ гардидааст. Аз ҷумла, олими тоҷик Ш. Раҳимзода чунин қайд менамояд, ки «қисми асосии низоми қарзии институтсионалиро низоми бонкӣ ташкил медиҳад. Низоми бонкӣ ҳамчун маҷмуи фаъолияти бонкҳо маблағҳои муваққатан озоди аҳолию шахсони

ҳуқуқиро ҷамъ намуда, онҳоро ба ниёзмандон бо шартҳои муайян ва бо истифода аз технологияи муосир ба қарз медиҳад» [93].

Олими тоҷик Ш. Қ. Хайрзода қайд намудаанд, ки «таҳти мафҳуми низоми бонкии кишвар бояд ҳамон шакли ташкилию ҳуқуқии маҷмуи ташкилотҳои қарзии ҳамдигарро пурракунандаи бонкӣ ва ғайрибонкӣ бо инфрасохтори мувофиқи бонкӣ, ки тавассути қонунгузории бонкӣ танзим мешавад ва фаъолияти самараноки бозори хизматрасониҳои бонкиро таъмин мекунад, фаҳмида шавад» [213].

Айни ҳол соҳаи бонкдорӣ дар Тоҷикистон ба яке аз соҳаҳои аҳаммиятнок ва рушёбандаи иқтисоди миллӣ мубаддал гашта, дар заминаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратии муосир ва бонкҳои замони шуравӣ ба вуҷуд омада, дар даврони соҳибистиқлолӣ тавассути истифодаи самаранок ва оқилонаи технологияи рақамии муосир марҳила ба марҳила рушд карда истодааст.

Ҳамчунин, муаллиф дар идомаи андешаи худ қайд кардааст, ки низоми бонкӣ, ҳамчун муҳимтарин бахши фарогирии манфиатҳои иқтисодии тамоми субъектҳои хоҷагидор бояд дар рушди муносибатҳои сармоягузорӣ, амонатӣ, пардохтӣ ва муомилоти байни субъектҳои хоҷагидор бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ нақши муассир бозад. Зеро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ нотавонии низоми бонкӣ дар иҷрои вазифаҳои худ муносибатҳои иқтисодиро дар кишвар фалаҷ намуда, ба амнияти иқтисодӣ таҳдид эҷод менамояд [213].

Инчунин, оид ба низоми бонкӣ Г. Г. Коробова қайд менамояд, ки «...дар соҳаи бонкдорӣ дувумин равиши маҳдуд аксаран истифода мешавад, ки дар он ба маҷмуи институтҳои низоми бонкӣ танҳо ниҳодҳо-муассисаҳо дохил мешаванд, ки ин норасоиҳо низоми бонкиро ҳамчун маҷмуи институтҳо ифода менамояд» [149].

Вобаста ба ин масъала Л. Г. Ефимова қайд менамояд, ки «низоми бонкӣ маҷмуи ташкилотҳои қарзӣ, мақомоти идоракунӣ ва ташкилотҳои инфрасохтори бонкӣ мебошад, ки дар дохили он вазифаҳои муташаккил ва

муттаҳидшавӣ буда, онҳо қодиранд ба таври худрушдёбӣ ва худтанзимнамоӣ амал намоянд»[139].

Бояд қайд кард, ки дар шароити мураккаби фаъолияти муассисаҳои молиявю қарзӣ, масъалаи тадқиқот оид ба истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ барои шаффоф намудани ҳолати идоракунии дороиҳои бонкӣ ва бо мақсади истифодаи самарабахши онҳо, афзоиши фоидаи максималии бонкҳои тиҷоратӣ, дарёфт намудани сарчашмаҳои муфиду иловагии сармоя, коҳиш додани сатҳи хавфҳои бонкӣ, баланд бардоштани ҳаҷми сармоягузорӣ ва ғ. амри зарурӣ ҳисобида мешавад.

Вобаста ба ин, Одиназода Ф. Ш. чунин қайд намудаанд «...оид ба пешбурди раванди иқтисодиёти мамлакат ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, аз он ҷумла масъалаи саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди иқтисодиёти рақамӣ нақши бонкҳои тиҷоратӣ хеле муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, ҳар як нишондиҳандаи низоми бонкиро, ки мо дар боло таҳлил намудем, метавонад дар алоҳидагӣ ба иқтисодиёти мамлакат ва соҳаҳои алоҳидаи он таъсири бевосита ва беандоза расонад » [30].

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва рушди технологияи инноватсионӣ аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доштани низоми бонкӣ дар маркази диққати коршиносон ва иқтисоддонон қарор гирифтааст.

Инчунин, Л.Г. Ефимова дар идомаи таҳқиқоти худ қайд кардаанд, ки «ҷанбаи муҳимми фаъолияти инноватсионии бонкҳо аз он иборат аст, ки аз ҳисоби зиёд шудани минтақаҳои худхизматрасонӣ сарбории мутахассисони хадамоти амалиётӣ ва хазинадорӣ кам гардида, мутаносибан шумораи чунин мутахассисон коҳиш меёбад ва дар натиҷа шумораи мутахассисоне, ки дар соҳаи машваратдиҳӣ баҳисобгирии қарз, ва ғайра кору фаъолият мекунанд, зиёд мегардад» [139].

Бояд тазаккур дод, ки нақши банкоматҳо дар татбиқи навовариҳои бонкӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ хеле муҳим ба шумор меравад. Аксари бонкҳо филиалҳои автоматикунонидашуда дошта, ҳамаи онҳо бо технологияи рақамӣ таъмин карда шудаанд. Аз ин рӯ, бонки тиҷоратие, ки ба воситаи технологияи

нави замонавӣ хизматрасониро анҷом медиҳад, метавонад вобаста ба шумораи дастгоҳҳо дар масоҳати 10-50 метри мураббаъ дар дохили мағозаҳо, биноҳои истиқоматӣ, иншооти саноатӣ, фурудгоҳҳо ва ғайраҳо давоми шабонарӯз кору фаъолият намоянд.

Дар хулоса ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт миёни тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар сатҳи дохилию хориҷӣ рақобати шадид пайдо гардида, фаъолияти ҳамаи бахшҳо, хусусан, бонкҳои тиҷоратиро тавассути технологияи муосири иттилоотӣ тақозо дорад. Ҳамчунин, ҳангоми васеъ гардидани фаъолияти низоми бонкӣ лозим омад, ки дар соҳаҳои мухталиф, хусусан, дар самти самаранок истифода бурдани технологияи нави инноватсионӣ механизмҳои рушд такмил дода шаванд.

Аз ин лиҳоз, як қатор механизмҳое дар сатҳи бозори хизматрасониҳои бонкӣ вуҷуд доранд, ки истифодаи самаранок ва мақсадноки онҳо бешубҳа ба рушди ҳамаҷонибаи бонк мусоидат мекунад. Дар ин радиф месазад қайд намуд, ки татбиқи технологияҳои нави инноватсионӣ боиси пешниҳоди хизматрасонии қобили қабул гардида, тавоноӣ ва пардохтпазирии бонкро дар байни муштариён ва рақибон афзун мегардонад.

### 3.3.Такмили механизмҳои асосии идоракунии бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ

Дар шароити иқтисодиёти рушдёфта ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ муҳаққиқони соҳа мушкилоти идоракунии бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратиро мавриди омӯзиш қарор дода, ба ақидае омадаанд, ки масъалаи мазкур дар шароити кунунӣ мубрам арзёбӣ гардида, аҳаммияти хоса пайдо намудааст. Илова бар ин, рушди муътадили низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва бозори молиявии кишвар аз таъмини амният дар бахши бонкӣ вобаста буда, рушди ин соҳа ба баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон мусоидат мекунад ва ҳамзамон, тавассути ҳамкориҳои дуҷониба вазъи

молиявии соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ низ дар ҳолати рушд қарор мегиранд.

Баланд гардидани номуайянӣ дар муҳити бонкӣ ба зиёд гаштани шумораи хавфҳо ва таҳдидҳое алоқамандӣ дорад, ки ба бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилоти қарзӣ таъсири манфӣ дорад.

Мушкилоти таъмин намудани устувории бахши молиявию қарзӣ дар ҳолатҳои пайдо шудани бӯҳронҳои ҷаҳонии молиявӣ, ки яке аз омилҳои муҳимми он баҳодиҳӣ накардани воқеии хавфҳо, инчунин, дар сатҳи зарурӣ набудани назорат ва танзими низоми бонкӣ буд, аҳаммияти махсусро касб намудаанд.

Месазад зикр намуд, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ лозим аст, ки барои танзими бехатарии иқтисодӣ роҳу усулҳои муосирро дарёфт намуда, оид ба таҳияи механизми идоракунии зиддибуҳронӣ чораандешӣ намоянд.

Дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои муҳимми мақоми вакоратдори давлатӣ дар самти бонкҳои тиҷоратӣ назорат ва таъмин намудани амнияти иқтисодии муассисаҳои молиявӣ , хусусан, соҳаи бонкдорӣ маҳсуб меёбад.

Оид ба таърифи «амнияти иқтисодӣ» аксари муҳаққиқони соҳаҳои мухталиф андешаронӣ намудаанд. Масалан, академик В. Сенчагов онро чун «...вазъи иқтисодиёт ва институтҳои давлатие, ки ба ҳифзи кафолатноки манфиатҳои миллӣ, сиёсати иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, ҳатто дар шароити номусоид иқтидори кофии мудофиавӣ ва инкишофи равандҳои дохилию беруниро таъмин менамоянд» [100], муайян кардааст.

Аз нуқтаи назари таҳқиқотчиён бехатарии бонкӣ ин самаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ мебошад, ки қодир аст рушди босуботи бонкро бе ягон мушкилот, дар асоси боҳисогирии шаффоф таъмин намояд. Маълум аст, ки ҳамчун меъёри асосӣ барои арзёбӣ ва муайян намудани бехатарии иқтисодии бонк даромад ва фоида, яъне натиҷаҳои молиявии он таҳлил карда мешаванд.

Чаплигина А.В. «..амнияти иқтисодии амалиёти бонкиро ҳамчун ҳолати бонк муайян мекунад, ки дар он тавассути истифодаи беҳтарини захираҳои

корпоративӣ рафъ, кам кардан ё муҳофизат аз хавфу таҳдидҳои мавҷуда ё дигар омилҳои ғайричашмдошт ба даст оварда шуда, ба ин васила, ноил шудан ба ҳадафҳои тиҷоратӣ дар баробари хавфҳои рақобатӣ ва иқтисодӣ кафолат дода мешавад » [183]. Меъёри асосии амнияти иқтисодӣ ба ақидаи муаллиф дараҷаи расидан ба мақсадҳои бонкӣ мебошад.

Дар робита ба ин, барои ташаккул ва рушди низоми бонкӣ тавсиф намудани меъёрҳои бехатарии иқтисодӣ ва назорати мунтазами он амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, унсурҳои муҳимтарин ва асосии низом механизм ва усулҳои идоракунии низоми амнияти иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд. Қисматҳои асосии ташаккули низом интихоб намудани меъёрҳои бехатарии иқтисодӣ ба шумор меравbooking. Қисмҳои асосии амнияти иқтисодии бонкӣ ташкилӣ, иттилоотӣ, нархӣ, молиявию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва ғ. ба шумор мераванд.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва самаранокии раванди хизматрасониҳои бонкӣ ва амнияти иқтисодии онҳо ба маҷмуи омилҳои дохилӣ ва берунӣ алоқамандии зич дорад. Ба омилҳои дохилӣ ҳаҷми пули пешниҳодгардида, сатҳи рақобатпазирӣ дар бозори молиявӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, берун рафтани сармоя, ва ғ. дохил мешаванд. Омилҳои беруна бошанд, инҳо омилҳои сиёсӣ, иттилоотӣ, демографӣ ва иқтисодӣ мебошанд, ки метавонанд ба натиҷаҳои молиявию хоҷагии муассисаҳои молиявӣ бевосита таъсир расонанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар дохили бонк омилҳое дигаре низ вуҷуд доранд, ки ба танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсиррасон мебошанд. Аз ҷумла, сиёсати қарзии бонк, сиёсати пасандозӣ ва фоизӣ, нуфузи бонки тиҷоратӣ, инчунин, тавоноии молиявии бонк ба шумор мераванд.

Дар натиҷаи омӯзиш муайян гардид, ки барои назорати хатарҳо ва интихоби усулҳои идоракунӣ дар раванди фаъолияти бонк ва ҳамаи қисматҳои он теъдоди зиёди шаклҳои бехатарии иқтисодӣ ба мушкилӣ дучор мешаванд.

Мутобиқи таҳқиқоти олимон ва коршиносон ҷузъҳои боқимонда, ба зумраи ҷузъҳои дигари умумӣ шомил мешаванд. Дар робита ба ин, мо дар

расми 3.17 амсилаи амнияти иқтисодии бонки тиҷоратиро пешниҳод намудаем.




**Расми 3.17 Амсилаи амнияти иқтисодии бонки тиҷоратӣ дар шароити муосир**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [86].

Чӣ тавре ки олимон қайд намудаанд: «...ҷузъи молиявию иқтисодӣ маҷмуи равандҳои фаъолияти бонк мебошад, ки натиҷаи назорати онҳо нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ба шумор меравад. Барои назорат ва муайян кардани устувории молиявии бонкҳо дар тамоми ҷаҳон низоми стресс-тестӣ истифода мешавад. Хазинаи Байналмилалии асъор низоми тестиро муайян менамояд» Ба ақидаи онҳо « стресс-тестӣ истилоҳест, ки усулҳои

мухталифи аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ барои арзёбии осебпазирии онҳо ба рӯйдодҳои истисноӣ, вале эҳтимолӣ истифодашавандаро тавсиф менамояд » [125].

Инчунин, барои муайян намудани хавфҳо дар кишварҳои хориҷа баъзе усулҳое вуҷуд доранд, ки ба воситаи онҳо устувории молиявӣ ва дараҷаи хавфи бонкӣ арзёбӣ карда мешавад, ки ин усулҳо, аз ҷумла, амсилаҳои оморӣ, таҳлили коэффитсиентҳо, арзёбии раддабандӣ ва таҳлили хавфҳои мавҷудаи бонкӣ ба шумор мераванд.

Усулҳои таҳлили рейтингӣ арзёбии маълумоти умумии бонкҳои тиҷоратиро тафтиш ва баррасӣ намуда, ба ҳар як бонк рейтинги мушаххас муайян менамоянд.

Амсилаҳои оморӣ таҳлили хавф ва пешгӯйии нишондиҳандаҳои фаъолияти бонки тиҷоратиро дар асоси таҳлили ретроспективӣ муайян менамоянд.

Ҷузъи ахборотии фаъолияти бонк қисме ба шумор меравад, ки дар он тамоми фаъолияти молиявии бонки тиҷоратӣ бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ маҳфуз буда, ба истифодабарандагони иттилооти молиявӣ пешниҳод менамояд ва дар бораи вазъи бозори молиявӣ низ иттилоот дода метавонад.

Муҳаққиқон В. В. Светлова ва А. Е. Суглобов оид ба таъмини амнияти иқтисодӣ чунин мешуморанд, ки «...муҳимияти низомҳои интегралии иттилоотӣ барои таъмини амнияти иқтисодӣ аз он иборат аст, ки иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад аз ҷониби сармоягузорон, саҳмдорон, муштариён ва кредиторон барои арзёбии устувории бонки тиҷоратӣ ва ҳолати воқеии он истифода шавад » [16].

Инчунин, мақомоти андоз ва ширкатҳои аудиторӣ ҳангоми тафтиши дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ ва пардохтҳои андозӣ, ки ба баланд бардоштани амнияти иқтисодии кишвар мусоидат мекунанд, иттилооти молиявии бонкро муайян менамоянд.

Қисми сармоягузорӣ фарогири тамоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад, дар доираи бонки тиҷоратӣ онҳо амалӣ карда мешаванд.

Ба андешаи Арбузов С. Г., «...талаботи тартиби нави технологӣ зарурати таъмин намудани раванди пайвастаи инноватсиониро тақозо менамояд » Дар идома муаллиф қайд намудаанд, ки «...муҳимтарин ҳадафи инноватсияи рушди муассисаи бонкӣ ин нигоҳ доштани мавқеи доимии баланди рақобатпазир дар бозори молиявӣ мебошад, ки аз ҳисоби ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкӣ ва истифодаи низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ, ки омили инсониро аз байн мебаранд, инчунин, истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионии муосир барои коркарди иттилоот имконпазир аст» [14].

Қисмати нарх арзиши хизматрасониҳои бонкиро дар муқоиса ба дигар ташкилотҳои молиявӣ нишон дода, мавқеи маркетингии бонки тиҷоратиро муайян мекунад. Яъне, сиёсати нархгузории бонк бо нуфузи тиҷоратии он алоқамандии зич дорад.

Қисмати шахсият бошад, сифати иқтидори кадрии бонки тиҷоратиро муайян менамояд. Захираҳои меҳнатии баландихтисос ва таҷрибаи кофии онҳо дар ин соҳа ҳисобу китоби шаффоф ва саривақтиро ҳангоми дохил намудани маълумот барои тартиб додани шартнома бо мизоҷон таъмин менамоянд.

Ҷузъи инноватсионӣ ба он нигаронида шудааст, ки баъзе навовариҳо бесамар буда, дар бозор татбиқ намегарданд ва хароҷоти маблағҳое, ки барои таҳқиқот ҷудо гардидаанд, натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд.

Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки қисмати инноватсионии низоми бонкӣ метавонад таъсири мусбат ва ё манфии худро ба таъмини бехатарии иқтисодии он расонад.

Инчунин, месазад зикр намуд, ки барои самаранок истифода бурдани технологияи нави рақамӣ савияи дониши баланди захираҳои меҳнатии бонк зарур аст, зеро онҳо амалиётҳои ҳамарӯзаро тариқи технологияи муосири инноватсионӣ бо муштариён анҷом медиҳанд. Аз ин рӯ, ба кормандони бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки тавассути ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддат савияи дониши тахассусии худро такмил диҳанд.

Ба ҷузъи молиявию иқтисодӣ хатарҳои камшавии пардохтпазирӣ, паст гардидани даромаднокӣ, хавфи асъорӣ, ки метавонанд суботи молиявии бонкро коҳиш диҳанд, дохил мешаванд.

Вобаста ба ин, Криворотов В.В қайд намудаанд, ки «...таҳдид аз нуқтаи назари амният маҷмуи омилҳо ва шароитҳоест, ки ба амалӣ шудани хатар барои объекти мушаххас дар лаҳза ё фосилаи муайян мусоидат мекунанд» [76].

Бо дарназардошти ин, Вилисова А.С. чунин намудҳои таҳдидҳоро қайд намудааст:

- «ба муқобили моликияти шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва давлат;
- бар зидди обрӯйи корӣ ва обрӯйи шахсони ҳуқуқӣ;
- дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ;
- дар соҳаи иттилооти компютерӣ;
- дар соҳаи рушди инноватсионӣ» [16].

Ба андешаи муаллиф истилоҳи таҳдид аз мафҳуми хавф муҳимтар аст. Дар робита ба ин, бояд ба воситаи таҳлили вазъи молиявии бонк ҳама гуна хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ пешбинӣ ва суғурта карда шавад.

Қобили зикр аст, ки таҳлили нишондиҳандаҳои амниятӣ дараҷаи якуми низоми амният ба шумор меравад. Дар ҳолате, ки мувофиқатии арзишҳои зарурӣ ба нишондиҳандаҳои интихобшуда ба амал оянд, дар ин ҳолат ба фаъолияти бонк ягон хатаре ба вуҷуд намеояд; агар нишондиҳандаҳо ба ҳам мувофиқат накунанд, он гоҳ хавфе ба миён меояд, ки бояд суғурта карда шавад ва ҳолати кам кардани талафоти имконпазир ё пешгирӣ намудани хавф ба танзим дароварда шавад.

Ҳамчунин, омилҳои беруна, аз ҷумла, вазъи бозори молиявӣ, шароити фаъолияти рақибон, интизориҳои саҳмдорон, сатҳи таваррум ва ғ. қисмати дуюми бехатарии иқтисодӣ ба шумор мераванд.

Илова бар ин, месазад қайд намуд, ки ҳангоми муайян кардани таҳдидҳо хавфҳои мушаххасеро, ки онҳо пинҳон мекунанд, кор кардан лозим аст.

Метавон ҳар як хавфро вобаста ба дараҷаи таъсиррасонӣ ба натиҷаҳои фаъолияти бонк ҳамчун хавфи хеле хатарнок тасниф намуд. Хавфҳое, ки наметавонанд ба устувории молиявии фаъолияти бонк таъсир расонанд, омухта шуда, қобили қабул ҳисобида мешаванд. Вале, бояд хадамоти идоракунии хавфҳо назорат ва идоракунии хавфҳоеро, ки сабаби аз даст додани устувории молиявии бонки тиҷоратӣ мегарданд, пурзӯр намояд.

Маълум аст, ки ба воситаи баъзе таҳдиду хатарҳо намудҳои зиёди амнияти иқтисодӣ, ки ба рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ шароит фароҳам меоранд, муайян карда мешаванд.

Дар робита ба ин, усулҳои асосии муайян ва эътирофи таҳдидҳо мавҷуданд, ки инҳо усулҳои аналогӣ, усулҳои тадқиқоти сенсорӣ ва усулҳои интуитивӣ мебошанд.

Бонки тиҷоратӣ бояд барои ҳар як намуди амният тавассути таҳия ва таҳлили нишондиҳандаҳои худ тадбирҳо андешида, роҳҳои ҳалли мусбати онро таъмин намояд. Зеро фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ барои пешгирӣ намудани хатару таҳдидҳо ва таъмин намудани рақобатпазирии худ дар бозори молиявӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти ин, муносибати консептуалии байни таҳдидҳо, хавфҳо ва амнияти иқтисодӣ дар расми 3.18 оварда шудааст.




**Расми 3. 18 Амнияти иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми баҳодиҳии хавфҳо**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [86].

Қобили зикр аст, ки бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи низоми бехатарии иқтисодӣ ва таҳияи методологияи самараноки идоракунӣ ҷузъҳои дар боло зикргардида ба рушди низоми амнияти иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Дар байни гуногунии хавфҳое, ки дар бахшҳои гуногуни бозори молиявӣ ба вуҷуд меоянд, бояд ба хавфҳои бонкӣ диққати махсус дода шавад. Фаъолияти бонкӣ ба категорияи фаъолияти иқтисодӣ тааллуқ дорад, ки хавф дар муносибатҳои байни субъектҳо хос аст. Дар асл, хавфҳои бонкӣ хавфҳое мебошанд, ки дар амалисозии фаъолияти бонкӣ хосанд. Дар илми иқтисодӣ оид ба мафҳуми хавфҳои бонкӣ ақидаҳои нисбатан муқарраршуда вуҷуд надоранд. Масалан, О. И. Лаврушин ва Н. И. Валенсова, қайд намудаанд, ки

«хавфи бонкӣ як намуди махсуси фаъолият буда, на фарзия дар бораи эҳтимоли рух додани ҳодисаи манфӣ ва хатари он, балки эътимоди фаъолияти субъекти хоҷагидорро ба ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар бар мегирад» [78].

Ба андешаи Н. В. Гаретовский, « хавфи бонкӣ бо хатари зараре, ки дар натиҷаи амалиёти бонкии ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд меояд, муайян карда мешавад. Аммо хавфҳои бонкӣ дар муомилот ва амалиёти бонки тиҷоратӣ ба вуҷуд омада, ба ин намуди ташкилот хосанд ва натиҷаи онҳо ба ҳаҷми сармояи бонк таъсир мерасонад» [60].

Ҳамин тавр, месазад қайд намуд, хавфҳои бонкӣ хавфҳое мебошанд, ки хоси фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ буда, ба натиҷаҳои манфии фаъолияти бонкӣ оварда мерасонанд ва ба сармояи асосии бонк низ таъсири манфӣ мерасонанд.

Мусалам аст, ки хавфи ниҳоят баланд барои ҳар як бонки тиҷоратӣ, ки даромади асосии он даромади фоизӣ мебошад, хавфи қарзӣ ба шумор меравад. Мафҳуми «хавфи қарзӣ» ва оқибатҳои манфии эҳтимолии ин таваккал муддати хеле тулонӣ мавзуи тадқиқоти олимони самти иқтисодӣ маҳсуб меёфт. Масалан, ба ақидаи Бернар И. В. ва Ҷ. Колли чунин тавсиф гардидааст: « хавфи қарзӣ, пеш аз ҳама, як намуди хавфи бонкӣ мебошад, ки метавонад пеш аз баргардонидани қарз ба вуҷуд ояд» [59].

Дар робита ба ин, Ситников Н. Ю. қайд намудааст, ки « хавфи қарзӣ эҳтимолияти ба амал омадани зиён ҳангоми аз ҷониби мизоҷ иҷро нагардидани уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад» [35].

Мавриди зикр аст, ки хавфи қарзӣ, пеш аз ҳама, ба баргардонидани сармояи қарзӣ таъсир мерасонад. Баргардонидани маблағҳои қарздодашуда тартиби муқаррарии хизматрасонии қарзро дар бар мегирад, ки он мавҷудияти қарзи ҷорӣ ва фоизи баргардондани онро дар бар мегирад.

Ба андешаи А. С. Шапкин ва В. А. Шапкин, « хавфи қарзӣ барои бонкҳо аз маблағи қарзи қарзгирандагон, аз рӯйи қарзи бонкӣ, инчунин, қарзи мизоҷон аз рӯйи амалиёти дигар иборат аст» [119]. Аммо ба андешаи мо, агар ба

мафҳуми таваккали қарзӣ муфассалтар назар андозем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар доираи таваккали қарзӣ танҳо қарзҳо ё уҳдадориҳои марбут ба қарз баррасӣ мешаванд, яъне дар ин таваккал амалиёти дигар ба назар гирифта намешавад.

Ба ақидаи О. И. Лаврушин ва О. И. Валенсова, «хавфи қарзӣ ин хавфи иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарзӣ дар назди ташкилоти қарзӣ аз ҷониби шахси сеюм ба шумор меравад» [78].

Ба миён омадани ин намуди хавф ҳангоми амалиёти қарзӣ ва дигар муомилоти ба он баробар, ки дар тавозуни бонк инъикос ёфтаанд, ба амал меояд. Ба амалиётҳои мазкур инҳо дохил мешаванд:

- қарзҳои додашуда ва гирифташуда; - пасандозҳои ҷойгиршуда ва ҷалбшуда; - дигар маблағҳои ҷойгиршуда, аз ҷумла талабот оид ба гирифтани (пардохти) коғазҳои қиматноки қарзӣ, саҳмияҳо ва векселҳои тибқи шартномаи қарзӣ пешбинишуда;

- векселҳои имтиёзнок; -пардохти ташкилоти қарзӣ тибқи кафолатҳои бонкӣ;-талаботи ташкилоти қарзӣ оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки дар шартномаи тарафайн нишон дода шудаанд.

Ҳамин тавр, мафҳуми хавфи қарзӣ аз он иборат аст, ки дар натиҷаи сари вақт иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявии қарздор дар назди ташкилоти қарзӣ тибқи шартҳои шартнома хавфи зарар ба ташкилоти қарзӣ ҳисобида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар бозори молиявӣ пешниҳод намудани қарзҳои гуногун, гарчанде ки дорои хавфҳои баланд мебошанд, ҳамчун объекти даромадноктарини дороии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои карзӣ мавқеи назарраси худро нигоҳ дошта метавонад. Ҳамин тариқ, хавфи қарзӣ намуди асосии хавфи бонкӣ буд ва боқӣ мемонад. Хавфи қарзӣ ин хавфи аз ҷониби шахси сеюм иҷро нашудани уҳдадориҳои қарзӣ дар назди ташкилоти қарзӣ мебошад.

**Хулоса аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби сеюм:**

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ оид ба танзими давлатии низоми бонкӣ, истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ ва таъмини амнияти бехатарии

бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ хулоса ва пешниҳодҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

1. Раванди танзими давлатии низоми бонкӣ нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ бо як қатор принсипҳою ваколатҳо хусусияти фаққунанда дорад, зеро низоми бонкии кишвар ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи соҳаи пулию қарзии мамлакат ба ҳисоб меравад. Инчунин, бояд зикр намуд, ки танзими давлатии низоми бонкӣ агар аз як тараф танзими равандҳои макроиқтисодии марбут ба соҳаи пулиро дар бар гирад, аз тарафи дигар, ба фаъолияти амалиётии бонкҳо дахолат накарда, мунтазам ҷараёни низоми бонкиро зери назорат гирифта ба танзим медарорад. Бояд тазаккур дод, ки танзими бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон БМТ ҳамчун мақоми ваколатдор ба уҳда дошта, раванди татбиқи сиёсати пулию қарзии мамлакатро лар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда роҳандозӣ менамояд. Вобаста ба ин, дар сатҳи диссертатсия оид ба такмили санадҳои мазкур бо дарназардошти пурра дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди рақамӣ ва бо ин васила рақобатпазир гардонидани бонкҳои тиҷоратии кишвар пешниҳодҳо манзур гардидаанд.

2. Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки бозори молиявӣ дар замони муосир такмил ёфта, тамоми ташкилотҳои молиявию қарзӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии худ бо истифода аз технологияи муосири рақамӣ ҷалби бештари муштариёнро таъмин намуда, ба онҳо намудҳои гуногуни хизматрасониҳои босифати бонкиро пешниҳод намоянд. Зеро, дар амал татбиқ намудани техника ва технологияҳои инноватсионии рақамӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ расонида, сатҳи даромаднокии онро дар бозори молиявӣ афзун мегардонад. Вобаста ба ин, чунин натиҷагирӣ карда шуда, пешниҳод мегардад, ки оид ба такмил ва таҷдиди техника ва технологияи рақамӣ, инчунин, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд чораандешӣ намуда, сиёсати давлатиро дар низоми бонкӣ пурра татбиқ намоянд. Зеро, истифодаи самараноки технологияи навтарин ва баланд

бардоштани сатҳи касбияти кормандони бонк дар раванди рақобатпазирии он таъсири  мусбат мерасонад.

3. Дар қисмати охири диссертатсия оид ба таҳдидҳо , хавфҳо ва амнияти иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуда, баён гардидааст, ки дар тамоми бонкҳои кишварҳои мутараққӣ  бо истифода аз усулҳои гуногун, аз қабили  амсилаҳои оморӣ, арзёбии раддабандӣ, баровардани коэффисиентҳо, муайян кардани хавфҳо ва ғ. устувории молиявӣ ва дараҷаи хавфи бонкро таҳлил намуда,  дараҷаи рақобатпазирӣ ва рейтинги мушаххаси онро дар бозори молиявӣ муайян менамоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар низоми бонкии мамлакат ҳамасола тавассути истифодаи усулҳои гуногуни таҳлилӣ рейтинги тамоми бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои муайян арзёбӣ карда шаванд.

# ХУЛОСА

## *Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар шароити ҷаҳонишаваии иқтисодиёт, инчунин, аҳаммияти иқтисодии он дар ҷараёни фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муфассал мавриди баён қарор гирифт. Нисбати мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифта, аз ҷониби муаллиф моҳияти он чунин баён гардидааст:
« Иқтисоди рақамӣ маҷмуи омилҳо ва объектҳое мебошанд, ки дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва истеҳсолии дорои хусусияти рақамӣ дошта ширкат варзида, барои рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла барои сари вақт ва хушсифат иҷро намудани ниёзҳои аҳолӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ тавассути истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ мусоидат менамоянд». Ҳамзамон, чунин натиҷагирӣ карда шудааст, ки татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар бахши бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, ба монади тамоми соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолии иқтисоди миллӣ ин ба даст овардани ҳадди аксарӣ фоида тавассути кам кардани хароҷоти истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ба шумор меравад [1-М; 2-М; 5-М; 6-М; 7-М; 9-М; 10-М; 12-М;].

2. Мусаллам аст, ки бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи ниҳодҳои муҳим ва калидӣ дар раванди муносибатҳои иқтисодии муосир ба шумор меравconfigurand. Масъалаи рақобатпазирӣ ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратии муосир васеъ буда, қисматҳои мухталифро дар бар мегирад. Баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муайян карда шудааст, ки барои рақобатпазир гардидани бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ бояд хизматрасониҳои ба талабот ҷавобгӯ пешниҳод карда шуда, тавассути он теъдоди муштариён зиёд карда шавад ва, ҳамзамон, маҳсулоти бонкии рақобатпазир ба бозори молиявӣ пешниҳод намуда тавонанд. Инчунин,

муаллиф муайян кардааст, ки рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ аз мутахассисони баландихтисоси бонк вобастагӣ дошта, аз корманд донишҳои муосири техникӣ ва технологиро тақозо менамояд [1-М; 2-М; 5-М; 7-М; 9-М; 10-М; 11-М; ].

**1.** Дар раванди таҳқиқот ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз таҷрибаи ҷаҳонии бонкҳои кишварҳои пешрафта дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок истифода намудан аз манфиат холӣ нест. Зеро маълум гардид, ки аксарияти бонкҳои кишварҳои хориҷӣ намудҳои хизматрасониҳои бонкиро тавассути истифодаи самараноки технологияи рақамӣ мунтазам афзоиш дода, ҳам ба нишондиҳандаҳои назарраси микдорӣ ва ҳам сифатӣ ноил гардидаанд. Аз ҷумла, таҷрибаи бонкҳои тиҷоратии Швейтсария, Сингапур, ИМА, Ҷопон, Фаронса ва ғ. лоиқи омӯзиш ва истифода дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Зеро таҷрибаи бомуваффақияти бонкҳои тиҷоратӣ дар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки бонкҳое, ки бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионии рақамӣ ба мизоҷон доираи васеи хизматрасониҳои босифати бонкӣ пешниҳод мекунанд, нисбат ба бонкҳое, ки технологияи нави рақамиро кам истифода бурда, ба мизоҷон доираи маҳдуди хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд, бартарӣ доранд ва дар бозори молиявӣ рақобатпазирии худро таъмин кардаанд. [1-М; 4-М; 5-М; 8-М; 9-М; 10-М;].

**2.** Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт дараҷаи кунунӣ ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти мафҳуми рақобатпазирии бонкҳоро баланд мебардорад. Маълум гардид, ки рақобати бонкӣ бояд байни ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин, дар муҳити дохилии бонк ба вуҷуд меояд, ки бонк тавассути он дар бозори молиявӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкам намуда, ҳамзамон дараҷаи баланди рақобатпазириро ноил мегардад. Дар робита ба ин, маълум гардид, ки бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати рушд қарор дошта, тавассути истифодаи технологияи муосири

инноватсионӣ миқдори хизматрасониҳои бонкиро тақвият бахшида истодаанд. Махсусан, ҶСК ”Ориёнбонк”, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”, ҶСП ”Спитамен Бонк” ҶСК “Бонки Эсхата бо истифода аз технологияи рақамӣ сатҳи рақобатпазирии худро дар бозори молиявӣ нигоҳ дошта тавонистаанд [1-М; 3-М; 6-М; 7-М; 9-М; 11-М;].

5. Баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ гардида, муайян карда шудааст, ки дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ самаранок фаъолият намуда, дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ саҳми арзанда мегузоранд. Аз ҷумла, ҶСП ТАҚХ ”Имон Интернешнл”, ҶДММ ТАҚХ ”Финка” ва ҶДММ ТАҚХ ”Матин” нисбатан фаъол буда, дар раванди ташаккули иқтисоди рақамӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ фаъолияти самаранок анҷом дода истодаанд. Инчунин, муайян карда шудааст, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи пешниҳоди қарзҳои дарозмуддати хурд бо истифода аз технологияи муосири инноватсионӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат нақши калидӣ доранд. [2-М; 4-М; 5-М; 8-М; 8-М; 12-М;].

6. Дар таҳқиқоти илмӣ омилҳое ошкор карда шуданд, ки дар раванди фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ бевосита таъсир мерасонанд ва ҳангоми роҳандозӣ намудани онҳо рушди бемайлони муассисаҳои молиявии кишвар таъмин карда мешавад. Махсусан, неруи кадрии соҳибтахассус унсури асосии рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, тавассути онҳо сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ тибқи талаботи муштариён ба роҳ монда мешавад. Дар баробари ин, маълум карда шуд, ки истифодаи самараноки технологияи рақамӣ ва тавассути хизматрасониҳои босифати бонкӣ ҷалб намудани муштариён яке аз омилҳои асосии таъсиррасон оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад, ки ин унсурҳо дар байни бонкҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуда истодааст [1-М; 5-М; 6-М; 8-М; 9-М; 11-М;].

***Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

1. Дар диссертатсия ба андешаи муаллиф барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки татбиқи иқтисоди рақамӣ амалӣ карда шуда, мутахассисони он мунтазам аз такмили ихтисос гузаронида шаванд ва дар самти истифодабарии самараноки технологияи рақамӣ ҳамчун сармояи инсонии муассисаи молиявӣ ба таълим фаро гирифта шаванд;

2. Ба андешаи муаллиф, як қатор роҳҳои муассири беҳбуди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ вуҷуд дорад, ки ин усулҳо ба рушди низоми бонкӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд, аз ҷумла баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон бо истифода аз технологияҳои инноватсионии рақамӣ, интихоби дурусти кадрҳо, таҳқиқ ва омӯзиши пайвастаи фаъолияти бонкҳои рақобаткунанда, гузаронидани аудити дохилӣ ва ғ.

3. Мусаллам аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти бонкдорӣ фаъолияти худро роҳандозӣ намудаанд. Вале, муаллиф чунин пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи муосири инноватсионӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва бо мақсади рушди самтҳои асосии танзими давлатии низоми бонкӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шаванд;

4. Муаллиф чунин тавсияи амалӣ пешниҳод менамояд, ки бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, таъмини бехатарии иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои бонкӣ технологияҳои нави замонавӣ дар раванди фаъолияти молиявии бонк бояд самаранок ва оқилона мавриди истифода қарор дода шавад.

5. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мамлакат пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ, аз

қабили ҶМЧ, ИМА, Швейтсария ва Сингапур дар раванди татбиқи технологияи муосири инноватсионӣ истифода бурда шуда, чараёни истифодаи самараноки технологияи рақамӣ такмил дода шавад.

6. Бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон метавонанд тавассути роҳандозии лоиҳаҳои муштарак технологияҳои инноватсионии муосирро дар самтҳои хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ, идоракунии рақамии захираҳои молиявӣ ва ҷалби фосилавии муштариён ташкил намуда, бо ин васила сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкиро баланд бардоранд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, стратегия ва консепсияҳо

[1]. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, Душанбе-2021, 282 С.

[2]. Дастурамали БМТ №168 «Дар бораи тартиби истифодаи асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон», № 79, аз 02.03.2009.

[3]. Дастурамали БМТ №175 «Оид ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии мавқеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби онҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ». №159, аз 30. 11.2018.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5, соли 2011.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5, соли 2011.

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4. - 2011.

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16 апрели соли 2012. - №816. - 16 С.

[8]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, Душанбе, 28 декабри соли 2024 [Захираи электронӣ]//www.president.tj (санаи муроҷиат 08.01.2025)

[9].Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 [Захираи электронӣ]//www.president.tj (санаи муроҷиат 10.11.2024)

[10]. Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020», Душанбе-14.12.2016 №174, 40 С.

[11]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), Душанбе-2016, 103 С.

## II. Захираҳои электронӣ

[12]. Агентство Республики Казахстан по регулированию и развитию финансового рынка [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.gov.kz/memleket/entities/ardfm?lang=ru(санаи мурочиат 05.04. 2024)

[13]. А. Энговатов, Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://profras.ru/index.php?option=com_k2&view=item&id=888:tsifrovaya-ekonomika-kak-spetsialisty- ponimayut-etottermin (Дата обращения: 04.02.2025).

[14]. Арбузов С.Г. Оценка эффективности управления инновационным развитием в контексте обеспечения экономической безопасности // Креативная экономика. – 2016. – Т. 10. – № 12. – С. 1337-1344. –[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: doi: 10.18334/ce.10.12.37201. (Дата обращения: 04.02.2025).

[15]. Бонки байналмилалии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (https://tg.wikipedia.org/wiki/) (санаи муроҷиат 14.04.2024).

[16]. В. В. Светлова, А. Е. Суглобов А. Е., Внутренний контроль в системе обеспечения экономической безопасности кредитных организаций. ИД «Городец», 2015 — 140 с. № 11 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1763787993&tld=ru&lang=ru&name= (дата обращения: 07.06.2024).

[17]. Владимир О. Шляхи зміцнення позицій вітчизняних банків на ринку банківських послуг України / Ольга Владимир // Соціально–економічні проблеми і держава. – 2014. – Вип. 1 (10). – С. 221–232. – Режим доступа к журн.: [Захираи электронӣ].– Манбаъ:http://sepd.tntu.edu.ua/images/stories/pdf/2014/14vombpu.pdf (санаи муроҷиат 01.04. 2025)

[18].Гасанов Г.А., Гасанов Т.А., Цифровая экономика как новое направление экономической теории. [Захираи электронӣ].– Сарчашма:https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovaya-ekonomika-kaknovoe-napravlenie-ekonomicheskoy-teorii (Дата обращения: 12.02.2024).

[19].Гнатив Елена Андреевна, Зарубежный опыт развития рынка банковских услуг, Львовский институт ГВУЗ «Университет банковского дела» [Захираи электронӣ].– Сарчашма:https://rep.polessu.by/bitstream/123456789/10228/1/7.pdf санаи муроҷиат (01.04. 2025)

[20]. Го Чэньчэнь, Конкуренция коммерческих банков на банковском рынке КНР // Инновации и инвестиции. 2019. №2. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: "Iqtisodiyot va innovatsion texnologiyalar" (Economics and Innovative Technologies) ilmiy elektron jurnali http://iqtisodiyot.tsue.uz/journal https://cyberleninka.ru/article/n/konkurentsiya-kommercheskih-bankov-na-bankovskomrynke-knr

[21]. Дастурамали БМТ №192 «Дар бораи тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ - фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //www.nbt.tj. (санаи муроҷиат 28.04.2024).

[22]. Данные информационно-аналитического сайта [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://globalfinances.ru/krupneyshie-banki-mira(санаи муроҷиат 22.02.2024).

[23].ДЦО.РФ©:https://xn--d1aux.xn--p1ai/konkurentosposobnost-[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: kommercheskogo-banka/ (санаи муроҷиат 02.02.2025).

[24]. Копач, В. Л. Региональные коммерческие банки Тюменской области / В.Л. Копач. // Научный электронный архив. -[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://econf.rae.ru/article/ 5388.

[25].Красавина, Л. Н. Швейцарский опыт повышения конкурентоспособности банков / Л.Н. Красавина. -[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.liveinternet.ru/users/mari_olesko /postl 43988300. (Санаи муроҷиат 28.03.2025).

